ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБД: 633.11 (575.3)

ЮСУФЗОДА ФАРРУХ САЙВАЛӢ

САМАРАНОКИИ ОПТИМАЛИКУНОНИИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

(дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02-Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Шарифов З. Р.

Душанбе - 2025

МУНДАРИҶА

		Саҳ
	МУҚАДДИМА	**3**
БОБИ 1.	**ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶОЙГИРКУНӢ, МАХСУСГАРДОНӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ .....**	**15**
1.1.	Методҳо, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он.	15
1.2.	Ҷанбаҳои методологӣ ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ.....	42
1.3.	Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурати оптималикунонии онҳо.....	65
БОБИ 2.	**БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИ КУНУНИИ РАВАНДИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.....**	**79**
2.1.	Таҳлили ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва раванди оптималикунонии соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон.....	79
2.2.	Ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурияти оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят.....	109
2.3.	Роҳҳои таъмини самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) иқтисодӣ.....	119
2.4.	Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ.	131
БОБИ 3.	**САМАРАНОКИИ ОПТИМАЛИКУНОНИИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА АБЗОРҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ОН ДАР ХОҶАГИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....**	**141**
3.1.	Оптималикунонии махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо назардошти тағйирёбии иқлим.	141
3.2.	Самтҳои перспективии аз нав тақсим кардани захираҳои замин ва абзори зиёд кардани самаранокии истеҳсолот.....	151
3.3.	Таҳияи амсилаи дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ.....	164
	ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ.....	**180**
	РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....	**185**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Вазъияти низоми буҳронӣ ва мушкилоте, ки ҳоло соҳаи кишоварзии мамлакатро фаро гирифтааст, талаб менамояд, ки як қатор тадбирҳои иловагӣ оид ба ҳар чи зудтар ҳал кардани мушкилоти бамиёномадаи соҳа андешида шаванд. Дар маҷмааи умумии ин мушкилот, ки ҳалли бомуваффақияти онҳо ба маҷмааи агросаноатии мамлакат имкон медиҳад аз вазъияти буҳронӣ баромада, суръати минбаъдаи тезу устувори тараққиёти онро таъмин намояд, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷойгиркунии зироатҳо ва истеҳсоли кишоварзӣ, самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мебошад. Дар байни омилу шартҳои сершуморе, ки ба баланд шудани самаранокии соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд, яке аз муҳимтарини онҳо оптималикунонӣ, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мебошад.

Рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар бахши кишоварзӣ ба ҷойгиркунии истеҳсолот дар соҳа вобастагии амиқ дошта, таъсири амиқи махсусгардонии вобаста ба шароитҳои табиию иқлимӣ ва иқтисодӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар ба назар мерасад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷойгиркунии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳои моддӣ, техникӣ, молиявӣ ва меҳнатии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ, иқтидори табиӣ-биологии ноҳияҳо, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии он дар бозорҳои озуқавории дохилӣ ва хориҷии кишвар нигаронида шудааст.

Хусусиятҳои ҳудудии хок, иқлим ва шароити иқтисодии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ фарқи калони ноҳиявиро дар ҳудуди кишти зироатҳо, дараҷаи интенсивӣ ва самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро пешакӣ муайян мекунанд. Ҷойгиршавии ҳозираи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба талаботи истифодаи оқилонаи имкониятҳои биоиқлимӣ ва захираҳои иқтисодӣ пурра ҷавоб дода наметавонанд.

Аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ имконият медиҳад, ки бо ба назар гирифтани маҷмуи омилҳои иқлиму ҳосилнокии табиии таркиби хокӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, экологӣ ва дигарҳо ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ ва дар маҷмуъ соҳа оварда, шароит фароҳам меорад, ки самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) кишоварзӣ баланд бардошта шавад, ҳамин тавр ба андозаи зиёд дастрас будани истеъмолкунандагони ниҳоиро бо маҳсулоти озуқаворӣ низ таъмин мекунад. Дар ниҳояти кор, ба куллӣ, ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият беҳбудӣ бахшида, ба он таъсири мусбӣ мерасонад.

Муҳимияти масъалаи баррасишаванда дар марҳалаи кунунии рушди маҷмааи агросаноатӣ аз он ҷиҳат боз хеле назаррас мегардад, ки муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ истифодаи принсипҳои муосирро, ҳам барои арзёбии ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, инчунин танзими онро аз ҷиҳати илмӣ бо назардошти махсусгардонии киштгардони истеҳсолот, тақозо мекунанд. Ҳамаи ин аҳамияти таҳқиқоти илмиро оид ба минбаъд такмил додани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани самараи онҳоро дар шароити нави хоҷагидорӣ муҳим мегардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ дар асарҳои бисёр олимони ватанию хориҷӣ васеъ инъикос ёфтаанд, ки дар байни онҳо Н. Александров, А.И. Барбашин, А.И. Алтухов, А.Н. Адуков, В.Р. Боев, Н.А. Борхунов, В.А. Добринин, Н.К. Василева, Д.Ф. Вермел, Л.М. Залтсман, В.И. Колеснев, И.Т. Крячков, И.А. Минаков, К.П. Оболенский, И. Тюнен, И.Г. Ушачев мавқеи намоёнро ишғол менамоянд.

Хусусиятҳо ва характери зуҳуроти шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ки ба назар гирифта мешаванд, самтҳои такмили онҳо дар сатҳи вилоят, ба тараққиёти низомҳои хоҷагии қишлоқ вобастаанд ва дар асарҳои

дигар олимон, аз ҷумла Ф.С. Зиятдинов, М.П. Рабинович, Л. Рабинович, Н. Катков, И. Муртазин, Ф.К. Мусин, В.П. Захаров, Х. М. Миргунов, Г.М. Набиуллин, К.Н. Нургалиев, Д. Файзрахмонов, С. Шарифов ва дигарон инъикос карда шудаанд.

Ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ дар бисёр асарҳои таҳқиқотии олимони тоҷик: Мадаминов А., Пиризода Ҷ.С., Шарифов З.Р., Ашуров И.С., Носиров Р., Ғаниев Т.Б, Шамсиев К.Б., Набиев Т.Т., Олимов А.Х. Абдуллоев А.А., Бердиев Р., Каҷкулоев А.Ф. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Аммо ҳоло ҳам масъалаи беҳтар намудани ҳолати оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва инкишоф додани махсусгардонии низоми истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамчун низоми муносиби динамикии хоҷагӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ, пурра инъикос наёфтааст. Илова аз ин, як силсила масоиле, ки бо асосҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, аз ҷумла моҳияти иқтисодии онҳо чун категоряи иқтисодӣ, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, омилҳои таъсиррасон ба онҳо мавриди таҳқиқот қарор нагирифтаанд ва ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, ки ин мубрамияти интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025», «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030», «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳисоботи панҷуми Конвенсия оид ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» робитаи бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии илмӣ ва методологии самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ бо назардошти таъсири маҷмуи омилҳои ба рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда мо ҳалли вазифаҳои зеринро зарур шуморидем:

1. Омӯзиши ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва муайянкунии мавқеи онҳо ҳамчун шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат;

2. Асосноккунии методологии баҳодиҳии самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ;

3. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои кишоварзӣ;

4. Таҳлили омилҳо ва ҳолати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва муайян намудани самаранокии онҳо дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон;

5. Таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси беҳтар намудани ҷойгиркунии он ва махсусгардонии истеҳсолот;

6. Ошкор намудани самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар шароити тағйирёбии иқлим дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон.

Объекти таҳқиқот. Ба ҳайси объекти таҳқиқот корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун асоси сектори аграрии минтақа интихоб гардидаанд.

Мавзуи таҳқиқот - маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани муайянсозии алоқамандӣ ва вобастагии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин омилҳои таъсиррасонанда метавон ба натиҷаҳои назаррас ва таъмини самарнокии баланди соҳаи кишоварзӣ ноил гардид.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва методологияи ташкилии ҷойгиркунии муносиби истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, асосҳои назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо, асарҳои олимони хориҷӣ ва ватании муосир доир ба равандҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, хусусиятҳо ва самтҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо дар шароити нави хоҷагидорӣ истифода шудаанд.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати иттилооти ибтидоӣ, қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи илмӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияҳои ХД, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ва мушоҳидаҳо, таҳлилу таҳқиқотҳои худи муаллиф, ҳамчун манбаи маълумот хизмат намуданд. Дар диссертатсия қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои илмии фаъолияти Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда ва таҳқиқотҳои аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, заминаи таҳқиқотро ташкил мекунанд. Дар ҷараёни таҳқиқот, ҳамзамон, манбаи маълумоти шабакаи ҷаҳонии Интернет низ истифода шудааст.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои таҳқиқотӣ дар назди кафедраи иқтисодиёт дар КАС-и факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур гузаронида шудаанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар рафти гузаронидани таҳқиқот усулҳои гуногун, аз он ҷумла: иқтисодию-оморӣ, монографӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҳисобию-конструктивӣ, ҳисоббарории конструктивӣ, балансӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотии иқтисодӣ истифода бурда шуданд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз асосноккунии илмӣ, назариявӣ ва коркарди равишҳои методологии муайян намудани самтҳои самарабахши ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва коркарди маҷмуи тадбирҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад.

Ба ҳимоя чунин навгониҳои илмӣ пешниҳод мегардад:

- асосҳои назариявии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ омӯхта шуда, мавқеи онҳо ҳамчун шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асоснок карда шудааст. Таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ имкон дод, ки паҳлуҳои назариявии ҷойгиркунии ҳудудию соҳавии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва махсусгардонии он, аз ҷумла тавсифи ин категорияҳо ва хусусияту принсипҳои онҳо бо назардошти инкишофи муносибатҳои нави бозорӣ равшан муайян карда шудаанд;

- методологияии баҳодиҳии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ асоснок ва такмил дода шуд, омилҳои ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон таъсиркунанда ошкор карда шуда, бо назардошти талаботи бозор ва таъмини мураккабии баҳодиҳӣ, таносуби тақсимоти соҳавии меҳнат дар хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон ҳисоб карда шуда, талаботи ба захираҳои табиӣ ва меҳнатии минтақаҳо асоснок карда шуд;

- имконияти истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва баланд бардоштани самаранокии он пешниҳод карда шудааст;

- омилҳои ба сатҳ ва дараҷаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таъсирбахш муайян карда шуда, сатҳи муосири ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва корхонаю хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон арзёбӣ карда шуд. Бо истифода аз равишҳои методологӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар вилояти Хатлон, бо назардошти талаботи бозор, таносуби тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шароитҳои тағйирёбии иқлим муайян карда шуда, талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатии минтақаҳо асоснок карда шуд;

- вобаста ба омилҳои таъсиркунанда, ҳолати имрӯзаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шуда, барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолот ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хурокворӣ нишондиҳандаи дараҷаи махсусгардонии истеҳсолот, мутаносибияти ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва тамаркузи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуда, муқаррароти методӣ барои пешгӯии ҷойгиршавӣ ва ташаккули минтақаҳои махсуси

истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои алоҳидаи он дар асоси истифодаи усули барномавии мақсаднок тартиб дода шудаанд;

- самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, вобаста ба гуногунсозии шаклҳои молиявӣ ва тарзҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуда, параметрҳои дурнамои ҷойгиркунии ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ва бозорӣ аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон муайян карда шуданд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

- асосноккунии методологии баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва муайянкунии таъсири омилҳо ба самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар вилояти Хатлон, ошкор намудани таносуби тақсимоти меҳнат ва муайян кардани талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ;

- асоснок намудани имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, бо дарназардошти тағйирёбии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон;

- муайянкунии самтҳои умумӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самараи иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси беҳтар намудани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот;

- асоснок ва пешниҳод намудани самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба гуногунсозии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар аниқ ва мукаммалгардонии асосҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, муайян кардани самаранокии он бо дар назардошти маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, таърихӣ, экологӣ, иқлиму хокӣ таъсири онҳо ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва баланд шудани

самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, бо назардошти ҳаҷми дастрас будани истеъмолкунандагони ниҳоӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳод ва такмили ҷорӣ намудани шаклҳои самаранокии ҷойгиркунӣ ва абзорҳои махсусгардонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тавсияҳо оид ба оптималикунонии таносуби омилҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ иборат мебошад, ки ба таъмин намудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон мусоидат мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмии оид ба баландбардории самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, инчунин бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи рисола ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 9.Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ; 28. Арзёбии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 35. Ташаккул ва рушди комплекси агросаноатӣ дар низоми диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 42.Ташаккул ва рушди ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳои раванди таҳқиқот аз рӯйи иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи

муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии ҷойгиркунии соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонанда, ошкор намудани роҳҳои асосии оптималии ҷойгиркунии зироатҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои илмӣ оид ба мафҳуми ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонӣ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати онҳо, таҳияи модели математикии ҷойгиркунӣ саҳми худро гузоштааст. Унвонҷӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои амалиро оид ба баланд бардоштани самарнокии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонии соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ, илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар давраи солҳои 2013-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда дар раванди ташаккул ва такмили ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро чунин хулоса намудан мумкин аст:

– тавсияҳо оид ба тартиб додани нақшаҳои ҷойгиркунонӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири кишоварзӣ;

– унсурҳои алоҳидаи навовариҳои илмӣ, методӣ дар ҷараёни таълими кафедраҳои иқтисодиёти КАС, ташкили истеҳсолоти кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар гурӯҳҳои таълимӣ истифода карда мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ҶТ тавсия шудаанд, дар ҳаҷми умумии 2,1 ҷузъи чопӣ нашр

гардидаанд. Илова бар ин, дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии аз натиҷаи кори конфронсҳои илмӣ-амалӣ, байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ 5 мақолаҳои дигари илмӣ дар ҳаҷми 2,3 ҷузъи чопӣ дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори кор. Дисертатсия дар ҳаҷми умумии 208 саҳифа таҳия карда шудааст. Вай аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯи сарчашмаҳои истифодашуда дар ҳаҷми 230 номгӯй иборат аст. Дар он 32 ҷадвал, 5 нақша, 2 расм ва 7 диаграмма ҷойгир карда шудааст.

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Дар боби аввал - «Ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва самаранокии он дар хоҷагии қишлоқ» методҳо, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он, ҷанбаҳои методологӣ ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, зарурати объективӣ ва шартҳои асосии такмили абзорҳои оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ташкили ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ва зарурати оптималикунонии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуввуми таҳқиқот - «Баҳодиҳии сохтори ҷории ҷойгиркунии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳлили динамикии рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ гузаронида шуда,зарурияти оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят, самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар шароити гуногунсозии истеҳсолоти кишоварзии мамлакат муайяну мушаххаскарда шудаанд.

Дар боби севвӯм - «**Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва абзори оптималикунонии онҳо**» оптималикунонии махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, бо назардошти тағйирёбии иқлим, самтҳои дурнамои аз нав тақсим кардани захираҳои замин ва абзори баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, асосноккунии иқтисодии параметрҳои оқилонаи соҳаҳои саноат ва оптималикунонии сохтори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст.

БОБИ 1. ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶОЙГИРКУНӢ, МАХСУСГАРДОНӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

1.1. Методҳо, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он

Ташаккули комплекси агросаноатӣ дар замони муосир раванди бисёрпаҳлу буда, масъалаҳои дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, банақшагирӣ, ташкилӣ ва идоракуниро ба вуҷуд меорад, ки дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба миён меоянд. Маҷмааи агросаноатии хоҷагии халқ низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодиест, ки ба сохтори бисёрҷабҳа ва равандҳои бисёрзинаи ҳамгироӣ хос аст. Вай аз сатҳҳои тақсимотии зерин иборат аст: ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дигар минтақаҳо.

Мушкилоти дар маҷмааи системаи агросаноатӣ ҷойдошта талаб мекунад, ки сохтори он дар асоси муайян намудани муносибатҳои гуногуни ҳамаи зернизомҳо ва дар ҳамаи шаклҳои он амиқ омӯхта шавад. Маҷмааи агросаноатӣ чун қоида аз се соҳа ва инфрасохторҳои он: соҳаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот, соҳаи хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва инфрасохторҳои он иборат мебошад.

Ба сохтори маҷмааи агросаноатӣ ба хусусиятҳои зерин хосанд: ҳудудӣ, вазифавию соҳавӣ, маҳсулотӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ. Мо хусусияти ҳудудии сохтори маҷмааи агросаноатиро муфассалтар дида мебароем. Ташкили оқилонаи ҳудудии комплекси агросаноатӣ дар ноҳияҳои иқтисодӣ ҳамчун шакли сохтори мукамали идоракунӣ ва алоқаманди ҳамдигарии зерсохтҳои он дар асоси ташкили шаклҳои даромадовари истеҳсолот, бо дарназардошти таҳлили талаботи соҳа, рақобати бозор, шароити табиии ҳудуд фаҳмида шуда, шарти муҳими баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот мебошад. Таҷрибаи ҷамъшудаи сохторҳои ноҳиявию маҷмӯиро нисбат ба маҷмааи агросаноатӣ истифода бурда, мо нуқтаҳои ибтидоии

муносибатро ба ташкили ҳудудии маҷмааи мазкур дар ноҳияҳои иқтисодӣ қайд мекунем.

Ба фикри мо, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун қисми асосӣ ва марказии КАС буда, ташкили ҳудудии соҳа вобаста ба хусусиятҳо ва самарабахшии шаклҳои рушди ташкили ҷамъиятии истеҳсолот - махсусгардонӣ, ҷойгиркунӣ, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳамгироии онҳо асоси онро ташкил менамоянд. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ муаммои муҳимтарини соҳаи кишоварзӣ оптималигардонии сохтори истеҳсолот, мувофиқи шароити табиию иқтисодӣ ва талаботи бозор ҷойгир кардани он, ба вуҷуд овардани имкониятҳои баробар барои тараққиёти соҳаи кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ мебошад. Дар шароити бозор ва вобаста ба талаботи он махсусгардонии ҳудудӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолотро аз нав дида баромадан лозим меояд, чунки амалҳои қатъии маъмурии танзими давлатии истеҳсолот дар байни минтақаҳои маъмурии кишоварзӣ бо рақобати шадид байни истеҳсолкунандагон амалӣ мегардад.

Махсусгардонии истеҳсолот дар шароити иқтисоди бозорӣ барои таъмини баланди рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, сифати маҳсулот, арзиши аслӣ, даромад ва фоиданокии зарурӣ, барои ба амал баровардани такрористеҳсолкунии васеъ равона карда шудааст. Асосҳои назариявии ҷойгиркунии истеҳсолот дар асарҳои иқтисодчиёни пешқадами мамлакатҳои гуногун: А.Смит, Д.Рикардо, К.Маркс, В.Ленин гузошта шудаанд. Д.Рикардо муаллифи назарияи машҳури ҷойгиршавӣ буда, баъдтар он «назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ» [78] номида мешуд, ки дар он омилҳои табиӣ ба ҳайси асоси тақсимоти ҷамъиятии меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Назарияи марксистӣ таълим медиҳад, ки хусусият ва шакли тақсимоти меҳнатро тарзи истеҳсолот, дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян мекунанд. К.Маркс тақсимоти ҷамъиятии меҳнат - ба соҳаҳои калон тақсим шудани истеҳсолоти ҷамъиятиро (саноат, хоҷагии қишлоқ ва ғайраро) муайян кардааст [87].

Тақсимоти хусусии меҳнат - тақсимоти истеҳсолот ба намудҳо, тақсимоти ягонаи меҳнат - тақсимоти меҳнат дар дохили корхона мебошад. Тақсимоти умумӣ ва махсуси меҳнат дар дохили ҷамъият ва фард дар дохили корхона сурат мегирад. Илова бар ин, онҳо ба таври органикӣ бо ҳам алоқаманданд. В.И.Ленин моҳияти онҳоро маҳдуд карда, навишта буд: «Якӯм, (дар иқтисодиёти молӣ...) молҳои алоҳидаеро ба вуҷуд меоваранд, ки мустақилона ва новобаста аз ҳамдигар маҳсулоти гуногун истеҳсол мекунанд ва ба ивази онҳо мебарояд, дуюм, муносибатҳои истеҳсолкунандагонро бо ҷамъият тағйир намедиҳанд, мавқеи худро дар корхона табдил медиҳанд» [117]. Бинобар ин, тақсимоти меҳнат маҳдудияти доираи фаъолияти меҳнатии шахс ё коллективи истеҳсолӣ дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Ба ақидаи иқтисодчиён ва ҷамъиятшиносони охири асри XIX ва ибтидои асри XX сабаби мавҷудияти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ин аст: мутобиқ шудани одамон ба фаъолияти муайян ва ба манфиати ҷамъият ё аъзои алоҳидаи он; ба гуногунии қуввaҳои корӣ мутобиқ намудани вазифаҳои меҳнатӣ ва ба он мутобиқ кардани коргарон. Назарияи иқтисодшиносони ғарби ибтидои асри XIX низ мавҷуд аст, ки тибқи он тақсимоти иҷтимоии меҳнат натиҷаи мубориза барои ҳастӣ мебошад, ки ҳамеша бо одам ҳамроҳӣ мекунад. Дар Россия дар солҳои 60 -70-уми асри XX олимони машҳур Л.М. Солтсман, К.П. Оболенский, А. Иличев, Д. Вермел, Л. Флорентева ва дигарон таърифи мухтасари ихтисосро додаанд, аз ҷумла Д. Вермел: «Ихтисоснокӣ ифодаи тақсимоти меҳнат дар ҷомеа аст, ки дар он истеҳсолкунандагон ашё ё қисмҳои ашёро ба вуҷуд меоваранд» [65].

Ҳолати ҳозираи рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон тамоюли аниқи тадриҷан баландшавии сатҳи истеҳсоли маҳсулотро дар соҳа инъикос менамояд. Дар аввалҳои солҳои 90-уми асри XX сатҳи баланди пастравии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ба миён омада, то соли 1997 ин раванд идома кард. Бо кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 сар карда сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ тамоюли болоравиро касб кард.

Баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ зарурати объективӣ буда, барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва ба дараҷаи зиндагонии сокинони шаҳрҳо наздик ва расондани он яке аз вазифаҳои муҳими иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад ва бояд мусоида намояд.

Ҳаминтавр, афзоиши сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ талаботи худтаъминкунии озуқавориро ҳал намуда, барои дар муддати кӯтоҳ баҳри ноил шудан ба дараҷаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тавсияшудаи истеъмоли ғизо ба ҳар сари аҳолӣ имконият медиҳад.

Равандҳои зерин асосан дар асоси қонуни афзоиши талабот муайян шуда, ифодаи худро дар пардохт ва танзими музди меҳнат, ҳаҷми даромад ба ҳар сари аҳолӣ, дар оилаҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо муайян кардани ҳудуди охирини он дар даврaҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ асос ёфтааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ин на танҳо афзоиши истеҳсоли маҳсулот ба ҳар нафар аҳолӣ, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки афзоиши маҷмуи маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ мебошадбахши бартараф намудани он мебошад. Яке аз роҳҳои асосии иҷрои вазифаҳои мақсадноки иқтисодию иҷтимоӣ давлат дар шароити бозор ин мавҷуд будани принсипи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли махсулот ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ин амсилаи таҳияшудаи тараққиёти иҷтимои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ қобили қабул буда дар он ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарин ин афзоиши маҳсулот ба ҳар навар аҳолии мамлакат мебошад. Муқаррароти мазкурро мо ҳамчун консепсияи пешбари таҳқиқикоти худ қабул намудем ки вобатса ба аз захираҳои воқеии истеҳсолӣ ва шартҳои ташкилию иқтисодии татбиқи он бармеояд.

Баҳоҳои пешгӯии имкониятҳои тараққиёти хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ дар давраи дуру дароз нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаи кам шудани истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ ба афзоиши шумораи аҳоли дар ин давра вобаста мебошад.

Дар ин ҳолат таъмин намудани суръати пештараи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ зарур мебошад. Вобаста ба ин захираҳои калони иқтидори заминҳои субтропикии ғайрипахтакорӣ дар минтақаҳои доманакӯҳ пешакӣ муайян карда шуда, зудтар ба муомилоти интенсивӣ ҷалб намуда шаванд ва инчунин низоми тадбирҳои самарабахши махсусгардонӣ ва тараққиёти истеҳсолот дар соҳаҳои озуқавории маҷмааи пахтакорӣ ва хоҷагиҳои сабзавоту шири наздишаҳрӣ ба амал бароварда шавад.

Вазъияти тағйирёфтаи иқтисодӣ, дар баробари нигоҳ доштани соҳаи муҳими кишоварзии Тоҷикистон пахтакорӣ инчунин зарурияти аз нав ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолотро ба миён меорад, ки дар он ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ афзалият дода мешавад. Захираҳои замин яке аз ҷузъҳои асосии ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд, бинобар ин мо ҳангоми ҷойгиркунонии истеҳсолот бештар ба ҳамин захира диққат диҳем. Ба ташаккули минбаъдаи махсусгардонии оқилонаи минтақаҳои табиию иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бо дарназардошти шароитҳои обёрикунонии захираҳои замин, ҳамчун нуқтаи асосии баланд бардоштани дараҷаи умумии маҳсулнокии замин, таъсир мерасонад ва инро бояд ба назар гирифт.

Дар таъмини суръати зарурии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳар сар аҳолӣ нақши ҳар як соҳаи алоҳидаро ба назар гирифтан хеле муҳим аст. Таҳлили ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи сабзавоткорӣ суръати баланди инкишофи онро танҳо ба меъёрҳои муқарраршудаи истеъмоли маҳсулоти сабзавот ба ҳар сари аҳолӣ таъмин мекунад ва дар ояндаи наздик истеҳсоли онҳо бояд вобаста ба дараҷаи суръати афзоиши аҳолӣ мӯътадил мегардад.

Чунин мавқеъро гӯсфандпарварӣ ишғол мекунад, ки дар он ҷо рушди мунтазами заминҳои асосии обёришавандаи соҳаи пахтакорӣ барои галаи гӯсфандон чарогоҳҳои хеле камёби зимистона маҳсуб меёбанд, саршумори гала ба миқдори баробари замини корами обӣ ҷуброн карда намешавад, ки ин боиси мунтазам кам шудани хӯроки чорво дар фасли зимистон мегардад. Ҳангоми

нигоҳдорӣ дар ноҳияҳо барои зимистонгузаронӣ, бинобар саббаи набудани шароитиҳои зурурӣ афзоиши саршумори онҳо кам шуда, ба афзоиши ояндаи истеҳсоли маҳсулоти ин соҳа монеа эҷод карда, барои пурра истифода бурдани иқтидори захираҳои чарогоҳҳои тобистонӣ имконият намедиҳад.

Вобаста ба вазъияти баамаломада соҳаҳои сабзавоту картошпарварӣ, чорводорӣ махсусан, гӯсфандпарварӣ аз ҷиҳати таъиноти вазифагӣ ва ҳаҷми захираҳои замини истифодашаванда ба дараҷаи баланди рушд расида наметавонанд. Соҳаҳои болозикр танҳо ба таъминоти дараҷаи зарурии истеъмоли озуқавории дохиливилоятӣ нигаронида шудаанд, ки дар ҳолати расидан ба он суръати рушди онҳо ба афзоиши аҳолӣ баробар мешавад. чунки истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ба ҳар сари аҳолӣ боиси мӯътадил шудани дараҷаи некӯаҳволии онҳо мегардад ва барои рушди устувори соҳа заминаҳои заруриро ба вуҷуд оварда наметавонанд.

Чунин муносибати услубӣ ба ташаккули соҳаҳои махсусгардонии вилоят самтҳои оқилонаи рафъи тамоюли манфии коҳишёбии истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолиро ошкор менамояд. Ин кам будани истеҳсоли маҳсулотро дар заминҳои обёришаванда аз ҳисоби истеҳсоли бештари маҳсулот дар заминҳои навкорам мепӯшонад. Ин ба заминҳои лалмӣ ҳам дахл дорад, ки ба майдонҳои растаниҳои бисёрсола, асосан барои токзорҳо табдил додани онҳо дараҷаи даромаднокии заминҳои лалмӣ хеле баланд мешавад.

Муносибатҳои методологии асосноккунии ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти талабот, омилҳо ва даромаднокӣ.

Ташкили ҳудудии маҷмааи агросаноатӣ дар ҷумҳурӣ дар натиҷаи ҳамкории ҳамаи шаклҳои ташкили ҷамъиятии истеҳсолот ташаккул меёбад. Дар ин ҷо равандҳои ҳамгироии корхонаҳо боиси ба вуҷуд омадани гуногуниҳои сохтории истеҳсолию ҳудудии таркибашон гуногун мегардад. Асоснок кардани сохтор ва алоқаҳои он ҳисобҳои техникию иқтисодӣ ва иҷтимоию иқтисодиро талаб мекунад, то ки дараҷаи инкишоф ва самараи шаклҳои ташкили ҷамъиятии истеҳсолот муайян карда шавад.

Аз нав дида баромадани гуногуниҳои сохтории истеҳсолию ҳудудии корхонаҳо, новобаста ба ҳамдигар, лоиҳакашии маҷмааҳои алоҳидаи маҳаллиро доранд. Ин раванд дар як вақт тамоми зинаҳои маҷмааи агросаноатиро, умуман, фаро мегирад. Дар баробари ин, ба назар гирифтани қонунҳои ташаккули маҷмааи агросаноатӣ, яъне асосноккунии илмӣ, лозим аст.

Дар асоси нуқтаҳои методологии қабулшуда барои дар маҷмааи агросаноатӣ ҷойгир кардани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ принсипҳои зерин бояд ба асос гирифта шаванд:

1) принсипи истеҳсолӣ - махсусгардонии маҷмааи агросаноатӣ дар тақсимоти ҷумҳуриявии меҳнат, вобаста ба истеҳсоли як намуди маҳсулот;

2) принсипи технологӣ - дар асоси дастовардҳои илм ва техника, ба маънои васеъ, ҳамчун истеҳсоли маҳсулот аз истеҳсоли ашёи хом ба коркарди маҳсулоти ниҳоӣ ва ба истеъмолкунанда расонидани он;

3) принсипи мураккабӣ – бо воситаи ташаккул додани муносибатҳои истеҳсолии объектҳо, яъне муайян кардани мавқеъ ва вазифаҳои соҳаҳои алоҳида ва соҳаҳои саноат дар низоми тамоми маҷмӯи хоҷагии вилоят;

4) принсипи талабот ва таъмин шудани бозор.

Омӯзиши масъалаҳои услубии махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ на танҳо дар ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, балки аз мақсади сохтори бонизоми истеҳсолот ва аз тарафи дигар, бо назардошти мавқеи он дар низоми боз ҳам мураккабтар - дар тамоми маҷмуи хоҷагии ноҳия бояд ба асос гирифта шавад. Танҳо ҳамин гуна муносибат имконият медиҳад, ки тамоми муносибатҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва ҳудудии байни ҷузъҳои маҷмаа муайян карда шуда, ба мақсади ниҳоӣ - муайян намудани захираҳои зиёд кардани самараи истеҳсолоти кишоварзӣ ноил гарданд. Ба объекти таҳқиқот, яъне комплекси агросаноатӣ хусусиятҳои зерин мувофиқ мебошанд:

- сохтори гуногун, аз ҷумла корхонаҳо, ташкилотҳо ва хоҷагиҳои, ки ба шаклҳои гуногуни моликият ва идоракунӣ ва зери таъсири соҳаҳои гуногун қарор доранд;
- гуногунрангӣ ва бисёрунсурии ашёи хоми ибтидоии хоҷагии қишлоқ, ки усулҳои коркарди технологии онро муайян мекунад;
- имконияти худтаъминкунӣ бо бисёр навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бевосита дар худи маҳал;
- тезвайроншаванда будани бисёр навъҳои маҳсулоти истеҳсолшавандаи кишоварзӣ ва вобаста ба ин зуд интиқол додан ва коркарди ин маҳсулотҳо;
- коркарди пасти аксари навъҳои маҳсулоти иловагии соҳаи кишоварзӣ ва партовҳои коркарднашаванда;
- мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ зарурати бештар истифода бурдани қувваи кориро дар давраи истеҳсоли ба миён оварда, имкониятҳои бо назардошти рушди ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ ва рушди онҳо дар фаъолияти соҳаҳои хизматрасонӣ;
- принсипи истифодаи оқилонаи замин, сохтори замин ба самти иқтисодиёт ва якҷоякунии соҳаҳои саноат таъсири калон мерасонад;
- принсипи ба ҳам пайвастани оқилонаи соҳаҳои саноату хоҷагии қишлоқ, зарурати пурмаҳсул истифода бурдани маҳсулоти ҳамдигар.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар вақти фаъолияти маҷмаа низоми мураккаби соҳавии минтақавии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳои гуногуни амудию уфуқӣ ва алоқаи мураккаби худро бо ҳудуд ва дигар унсурҳои иқтисодиёти ноҳияи иқтисодӣ дорад.

Маҷмааи агросаноатии ҷумҳурӣ тамоми хусусиятҳои низоми ягона ва пеш аз ҳама, моликиятро дорад. Тибқи мақсади фаъолият ва мавқеъ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, он низоми ҳудудии иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Бо мақсади бо сарфи камтарини захираҳо (модӣ, техникӣ, молиявӣ, меҳнатӣ) ва дар ин замини паст кардани арзиши аслии маҳсулот зарурияти такмил додани

сохтори истеҳсолот, муқаррар намудани таносуби соҳавӣ ва ҳудудиро ба миён меорад.

Ҳангоми тақсимоти ҳудудии ноҳияҳо, зимни тақсимоти маъмурию ҳудудӣ муқаррар кардани таносуби соҳаҳои истеҳсолӣ, бояд захираҳои табиӣ, иқлимӣ, моддӣ молиявӣ ва меҳнатӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳар як вилоят, ҳамчун субъекти маъмурию хоҷагидорӣ, омили муҳими ноҳияҳои аграрӣ мебошад. Дар ҳудуди вилоятҳо ва ноҳияҳои поёнии маъмурӣ банақшагирии сохтмон, роҳҳо, бунёди объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва ғайра амалӣ карда мешаванд. Ба қадри кофӣ ба назар нагирифтани тақсимоти мавҷудаи меҳнат дар минтақа ва ба амал набаровардани ин тадбирҳо боиси паст шудани самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар солҳои 80-ӯми асри XX рушди баланди хоҷагии қишлоқ дар колхозу совхозҳо ба амал омад. Заминаи ассосии ин рушд махсусгардонии пай дар пай ва ба вуҷуд омадани соҳаҳои калони истеҳсолот буд. Гуногунсозӣ ва парокандагии сохтори истеҳсолот, ки дар аксар хоҷагиҳо инкишоф ёфта буд, ҳам бо роҳи махсусгардонӣ ва коркарди дохилихоҷагӣ ва ҳам ба воситаи тақсимоти байнихоҷагӣ ва ҳамкории истеҳсолот бартараф карда шуданд. Натиҷаи ҳамин чорабиниҳо буд, ки ҳар як минтақаи хоҷагии қишлоқ ба истеҳсоли як ё якчанд маҳсулоти бозорӣ махсус гардонда шуд.

Дар даҳсолаи охир тамоюли равшани ба корхонаҳои хурдтар тақсим шудани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, дар натиҷа, паст шудани дараҷаи махсусгардонии онҳо ва ба эътибор нагирифтани ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро ба миён овард, ки заминаҳои илмии дар ҳудуди ҷумҳурӣ тавсияшудаи онро мебинем.

Чуноне ки қайд карда шуд, зимни ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бисёр омилҳоро, ба монанди сатҳи ҳосилнокии меҳнат, миқдори истеҳсоли маҳсулот, талабот ва пешниҳоди маҳсулоти алоҳида дар ҷумҳурӣ, минтақа, ноҳия бояд ба назар гирифт. Ҳалли масъалаи таъмин намудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар ин сурат бо роҳи васеъ

кардани майдони кишт, зиёд намудани саршумори чорво ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва маҳсулнокии чорво метавон ҳал кард. Дар ин ҳолат, агар шароити истифодаи замин, иқлим ва иқтисодиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар ҳама ноҳияҳои иқтисодӣ якхела мебуд, пас барои асоснок кардани ҳаҷми истеҳсоли баъзе навъҳои маҳсулот ҳисобу китоб душвор намешуд. Азбаски, ин гуна шароит амалан вуҷуд надорад, душвории ҳисобу китоб маҳз дар он аст, ки ҳатто дар минтақаи нисбатан хурди ҷумҳурӣ шароитҳои хоку иқлим чунон гуногунанд, ки онро наметавон ба назар нагирифт. Сарфи назар намудани хусусиятҳои минтақавии ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва соҳаҳои алоҳидаи он, на танҳо дар иқтисодиёти нақшавӣ, ҳатто дар шароити бозор қобили қабул нест.

Ба назари мо, хусусиятҳои тақсимоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ тибқи ҳудудҳо ба қадри кифоя ба назар гирифта нашудаанд ва норасоии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ маҳз дар ҳамин хусуиятҳоянд.

Аз нуқтаи назари тақсимоти минтақавии меҳнат, мавҷудият ва истифодаи замину иқлим, маблағҳои пулӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳо ва иқтидори корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, инчунин ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва дигар омилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ тамоюлҳои мусбати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии минтақавии истеҳсолот мушоҳида карда мешаванд.

Таҳлили истеҳсолии маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар асоси ҳамгироии байнихоҷагӣ амиқ набудани махсусгардонӣ ва тамаркузи истеҳсолот, хусусан дар минтақаи ҷудогонаи ҷумҳурӣ, ба андозаи зиёд ба тараққиёти хоҷагии қишлоқ халал мерасонад.

Амалишавии махсусгардонӣ, муносибгардонӣ, ҷойгиркунӣ ва ҳамкории аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва бо дарназардошти тамоми шароити табиию иқтисодӣ ва дуруст истифода бурдани онҳо воситаҳои самарабахши бо сарфи

ками меҳнат ва захираҳо таъмин намудани афзоиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мераванд.

Дар солҳои охир яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти гуногунсоҳаи хоҷагии қишлоқ зиёд кардани самараи истеҳсолот бо роҳи тақсим кардан, муттаҳид намудани хоҷагиҳои мавҷуда бе махсусгардонӣ ва дар айни замон бе тағйироти куллии ташкил ва технологияи истеҳсолот, ки боиси бартараф намудани ҳамаи камбудиҳои мавҷуда мегарданд, мебошад.

То имрӯз дар вилояти Хатлон ду минтақаи хоҷагии қишлоқ Кӯлоб ва Бохтар инкишоф ёфтааст, ки аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ, инчунин хусусиятҳои хок, иқлим ва ғайраҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Таҳлил нишон дод, ки дар ҳарду минтақаи вилоят соҳаҳои асосӣ растанипарварӣ, аз ҷумла пахтакорӣ (бештар парвариши пахтаи маҳиннах дар минтақаи Бохтар), сабзавоткорӣ ва полизиҳо (барвақтӣ), боғдорӣ (аз ҷумла лимӯпарварӣ), инчунин чорводории ширию гӯштӣ мебошанд.

Аммо тақсим кардани минтақаҳои истеҳсолӣ чунин маъно надорад, ки ҳамаи хоҷагиҳои ин ё он минтақа бояд як хел махсус гардонида шуда, ҳамгироии соҳавӣ ва хусусияти якхелаи ташкили истеҳсолотро дошта бошанд.

Аз сабаби гуногунии шароити табиию иқтисодӣ, онҳо аксар вақт, на танҳо хусусияти гуногун, инчунин дорои дараҷаи гуногуни интенсивӣ, технологияи гуногуни истеҳсоли як маҳсулот буда, ба навъҳои гуногуни истеҳсолот тааллуқ доранд.

Дар солҳои охир дар вилоят раванди махсусгардонӣ ва тақсим кардани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба роҳ монда нашудааст. Мо барои муайян кардани маҷмӯи оптималии соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҷойгир кардани истеҳсоли баъзе навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои вилояти Хатлон амсилаи иқтисодию риёзиро тартиб додем.

Дар вақти тартиб додани амсилаи иқтисодию риёзӣ, муайян кардани маҷмӯи оптималии соҳаҳо ва истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон кӯшидем то вазифаҳои асосии зеринро ҳал кунем:

1. Муайян намудани маҷмӯи оптималии соҳаҳои истеҳсоли маҳсулот, ки миқдори максималии имконпазири маҳсулоти кишоварзиро таъмин менамояд;

2. Оид ба тақсимоти ҳаҷми истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ тибқи минтақаҳои вилоят, мувофиқи хусусиятҳои мавҷудаи истеҳсолот ва дараҷаи нархҳои харид, тавсияҳо асоснок карда мешаванд;

3. Нишондиҳандаҳои миқдории дар минтақаҳои вилоят ҷойгир кардан ва аз нав тақсим кардани чорво пешниҳод карда мешаванд.

Маҷмӯи оптималии соҳаҳои саноат дар минтақаҳои вилоят, бо назардошти омилҳои зерин, муайян карда шуданд:

1. Дар ҳар як минтақа истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо назардошти захираҳои мавҷуда рушд дода шавад;

2. Маҳсулоти чорводорӣ - маҳсулоти иловагии соҳаҳои асосиро истифода бурда метавонад;

3. Ҳаҷми истеҳсолоти соҳаҳоро маҳдуд кардан мумкин аст (дар зироаткорӣ - бо мавҷуд будани захираҳои замин, дар чорводорӣ - аз рӯйи мавҷуд будани чорво ва заминаи хӯрокаи он);

4. Ҳаҷми соҳаҳои чорводорӣ бояд ба миқдори хӯрока вобаста карда шавад, истеҳсоли хӯрокаи чорво ба талаботи чорво мувофиқ бошад.

Мушкилоти ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон солҳои 30-юми асри гузашта ба амал бароварда шуда буд. Бинобар саббаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва гузаштан ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ин масъала яке аз масъалаҳои муҳими назариявӣ, амалӣ ва услубӣ боқи хоҳад монд, чунки вобаста ба тағйирёбии иқлим ва таъмини амнияти озуқаворӣ омӯзиши ин масъал боз ҳам муҳим мегардад. Яке аз хусусияти муҳими ҳудудҳои иқтисодии Тоҷикистон дар бо афзоиши баланди аҳолӣ, хусусиятҳои афзалиятноки истеҳсоли маҳсулот, гуногунии намуди маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ, ки дар ҷумҳури барои истеҳсоли онҳо шароити хуб ва сарфа кардани хароҷот мавҷуд аст, ба ҳисоб меравад. Дар ин вазъият

илм ва амалияи кишоварзӣ бояд як қатор муаммоҳои нави такмил додани ташкил ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳал кунанд. Дар шароити ба андозаҳои минаималӣ таъмин намудани аҳолӣ бо мҳсулоти хӯрокворӣ, масъалаи дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир намудани истеҳсолоти кишоварзӣ масъалаи таъхирнопазир боқи мемонад.

Масъалаҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ яке аз муаммоҳои мураккабтарини илми иқтисодӣ мебошанд, чунки соҳа бо хсусиятҳои хоси худ аз дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ менамояд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат вобаста ба зиёд шудани қуввaҳои истеҳсолкунанда дар ин соҳа такмили механизмҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро талаб менамояд. Махсусгардонӣ шакли тақсимоти ҷамъиятию ҳудудии меҳнат буда, ҷойгиркунонӣ як воситаи баамлбарории такрористеҳсолкунии васеъ мебошад.

Қонунҳои тақсимоти ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ бевосита қонунҳои асосии тараққиёти ҳар як тарзи истеҳсолот мебошанд. Дар шароити истеҳсолоти оддии молӣ ё натруавӣ ин - қонуни арзиш аст. Қонуни арзиш дар шакли маҷмӯи тақсимоти меҳнат воситаҳои истеҳсолотро, на танҳо тибқи соҳаҳо, инчунин аз рӯйи минтақаҳо низ ба миён меорад. Ин қонун дар шароити иқтисоди бозорӣ меъёри фоида ва нархро танзим мекунад.

Фарқияти назари истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт аз хусусияти меҳнати мушаххаси дар он истифодашаванда, арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда, инчунин аз хусусияти бо мавҷудоти зинда фаъолият намудани одамон зоҳир мегардад. Замин, ҳамчун воситаи муҳимтарини истеҳсолот нақши махсуси худро дар ҷараёни истеҳсолоти кишоварзӣ ичро менамояд, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунанда ба хисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои дигари фарқкунада дар истеҳсолоти кишоварзӣ ин номувофиқатии давраи истеҳсолот ва давраи корӣ, нобаробарӣ дар истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва фондҳои истеҳсолии он ҳангоми фаъолияти мавсимӣ мебошад.

Коршиносони соҳа ва таҳқиқгарони гуногун ба хусусиятҳои номбаршудаи ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дигар шаклҳои ташкили онро илова менамоянд. Масалан, тибқи ақидаи В.Ф. Лабенет, серсоҳа будани соҳаи кишоварзӣ, шаклҳои гуногуни маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки мақсади истеҳсоли онҳо бештар гирифтани даромад аст, шумораи зиёди хоҷагиҳои кишоварзӣ, таркиби иҷтимоию иқтисодии соҳа, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии бахши хусусӣ ва ғайраро фарқ менамояд [114]. Таҳқиқотчиёни дигар фарқиятро дар мавҷудияти рентаи дифференсиалӣ мебинанд.

Аммо, масъалаҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии хоҷагии қишлоқдар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ нисбат ба таълифот оид ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат камтар ба назар мерасад, ки ин бевосита ба хсусиятҳои соҳаи кишоварзӣ вобаста аст. Дар таълифот ва асарҳое, ки то ҳол аз тарфи иқтисодчиёни рӯйи чоп омданд байни мафҳумҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ фарқияти назррас ба қайд гирифта нашудааст.

Тибқи ақидаи таҳқиқгарони илми иқтисодиёти кишоварзӣ ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ду қисм мафҳуми ягонаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат буда ҷараёнҳои ба ҳам алоқаманданд ва бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ба андешаи онҳо ҷиҳати миқдории тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро ҷойгиркунӣ ва ҷиҳати сифатиро махсусгардонӣ ифода менамояд.

А.Е. Каминский, чунин ибрози андеша дорад, ки «...ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ ҷиҳати миқдории махсусгардониро ифода намуда, ба он савол ҷавоб медиҳад, ки дар минтақа, вилоят, ноҳия, корхонаи алоҳидаи хоҷагии қишлоқ чӣ қадар ва чӣ гуна маҳсулоти бозорӣ истеҳсол мешавад ё бояд истеҳсол карда шавад» [228].

К.П. Оболенский қайд мекунад, ки «Воқеан - банақшагирӣ дар ҳудуди ҷойгиршавии истеҳсолот мебошад»[132]. Дар асари дигари худ ӯ ин мафҳумро бо андак тағйирот каме дигар хел пешниҳод менамояд: «Ҷойгиршавии

хоҷагии қишлоқ дар минтақаи муайяни истеҳсолӣ ҷойгир шудани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ мебошад. Воқеан, ҷойгиршавии ҷуғрофии хоҷагиҳои соҳаи гуногун ҷойгиршавии онҳост» [216].

Дар шароити нави хоҷагидорӣ масъалаҳои рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама ташкили истеҳсолот дар ҳуддуи минтақаҳои алоҳидаи он, ки унсурҳои он ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва муносибгардонии истеҳсолот мебошанд муҳим мегарданд. Дар шароити гуногуни ҷугрофӣ ва табиӣ, масъалаҳои ҷойгиркунонии истеҳсолот, ки шакли тақсимоти ҷамъияти меҳнат мебошад, истифодаи оқилонаи захираҳои табииро дар бар мегирад.

Асосии ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзиро бо сарфи ками хароҷотҳои модию меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни табиию иқтисодӣ ҷойгир кардани зироатҳои гуногун, бо назардошти мавҷудияти шароити мусоиди табиию иқлимӣ ташкил менамояд.

К. Тимирязев қайд менамояд, ки «....шароити иқлимӣ - фақат вақте муҳим мегардад, ки дар шафати онҳо мо талаботи ба онҳо гузоштаи растаниҳоро медонем” [145].

Аз таҳқиқотҳои бисёр олимони самти заминшиносӣ ва хокшиносӣ бармеояд, ки Фарқист дар байни ҳосилхезии табиӣ ва иқтисодии замин мавҷуд аст. Ин фарқият новобаста ба шаклҳои гуонуги моликият боқӣ мемонад ва маҳдуд будани замин, аз ҷиҳати табиӣ хосилхез будан ва набудани он ба шакли моликияти замин вобаста нестанд. Ҳосилхезии замин мафҳуми нисбӣ ва тағйирёбанда буда, новобаста ба рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ, ҳам бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ фарқ мекунад, худи мебошад.

Танҳо бо интихоб намудани майдонҳои беҳтарини заминҳо ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ба итмом намерасад. Бояд шароитиҳои табиию иқлимӣ, ҷойгир намудани ҳар як намуди зироат вобаста ба шароитҳои иқлимӣ ҳангоми ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ба назари эътибор гирифта шаванд.

Дар таҳқиқотҳои худ М.Б. Гург ва Ю.Д. Дмитревский ба хулосае меоянд, ки «...хусусиятҳои табиии ин ё он мамлакат ва ҳатто минтақаи хурд маҷбур мекунанд, ки аз як тараф, эҳтиёҷоти ҷамъиятро бо доираи танги маҳсулоти озуқаворӣ, ки дар ин ё он минтақа истеҳсол кардан мумкин аст, ба миён оранд ва аз ҷониби дигар, дар шароити хеле пасти маҳсулнокии меҳнат дар ин мавзеъ ба истеҳсоли маҳсулоти алоҳидаи мутлақи озуқаворӣ машғул шаванд» [79].

Ҳар як давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ вобаста ба даромади корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт бояд муайян кунад, ки кадом соҳаро бештар даромади соф гирифта метавонад. Аммо муайян кардан душвор нест, ки корхонаву хоҷагиҳо ин равандро пас аз ҳисобу китоби ҷиддӣ қабул мекунанд. Дар шароити танзимшаванда будани иқтисодиёт хоҷагидорон ва молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар интихоби истеҳсолот озод нестанд. Дар ин шароит истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро омилҳои табиӣ, биологӣ, техникӣ ва технологӣ ва иқтисодӣ маҷбур мекунад, ки интихоби истеҳсоли маҳсулот дар доираи имкониятҳои нисбата маҳдуд ба амал бароварда шавад. Дар ҳолати истеҳсолкунандагон ин шароитҳоро ба назар нагиранд, пас онҳо нисбат ба молистеҳсолкунандагони дигар, ки дар ҳамсоягии худ амал менамоянд камтар даромади соф мегиранд.

Ҳамин тавр, дар низоми хоҷагидории ҷумҳурӣ охири солҳои 90-уми асри XX тағйиротҳои назарас ба миён омаданд ва шароити иқтисодӣ дигаргун гардида, бисёр хоҷагиҳо ба ин дигаргуниҳо зуд мутобиқ нашуданд. Дар ин вазъи баамаломада молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, бо дарназардошти даромади бештар мехоҳанд фаъолияти худро тағйир диҳанд.

Ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварӣ дар асоси принсипҳои хоси худ ба амал оварда мешавад. Дар шароити имрӯзаи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ин принсипҳо дар асоси талаботи иқтисоди бозорӣ ба миён меоянд (расми 1.1.).

Тибқи қонунҳои иқтисоди бозорӣ истеҳсолот бояд дар ҳамон соҳаҳое ба роҳ монда шавад, ки даромади бештар орад. Махсусан истеҳсолоти кишоварзӣ истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро

самранок истифода кунад. Дар соҳаи кишоварзӣ бояд нисбат ба дигар соҳаҳо паст шудани арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро таъмин карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти пастсифат тамоман кам карда шавад.



Расми 1.1 - Принсипҳои асосии ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ
Сарчашма: *Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.*

Аз омӯзиши адабиёти иқтисодӣ бармеояд, ки ва мо инро дар боло қайд намудем, омилҳое таъсиркунанда ба ҷойгиршавии истеҳсолотро бисёр олимон

ва муҳаққиқон ба се гурӯҳ тақсим намудаанд. Ин омилҳо ба табиӣ, биологӣ ва иқтисодӣ тақсим карда мешаванд, ки аз инҳо асоситаринашон омилҳои табиӣ мебошанд. Ба гурӯҳи омилҳои табиӣ иқлим, ҷойгиршавии амудии қитъаи замин, таъминоти об, сифати хок, ҳарорати ҳаво, миқдори боришот, давомнокии мавсимии нашъунамо, миқдори гармии солона, сатҳи обҳои зеризаминӣ, миқдори оби истифодашаванда, инчунин шароити топографӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Вобаста ба фарқияти заминҳо ва ҷойгиршавии онҳо имконияти парвариши зироатҳои кишоварзӣ фарқ менамоянд. Дар давомуи муддати тӯлонӣ истифода бурдани замин низ ҳосилхезии табии заминро паст карда, фарқияти хокро ба вуҷуд овардааст. Новобатса ба боришоти муътадил зарур аст, ки миқдори бухоршавии об аз сатҳи хок, инчунин тарзи обистифодабариро низ бояд ба назар гирифт. Дар асоси маълумоти Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи мухити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи бухоршавӣ об дар ҳудудҳои ҷанубии ҷумҳурии мо назар ба минтақаҳои шимолӣ бештар аст, зироатҳои кишоварзиро дар ҳудудҳои шимолии ҷумҳурӣ бо дарназардошти кам буднси сатҳи бухоршавии об нисбат ба минтақаҳои ҷанубӣ метавон бо сатҳи камтари об кишт кард.

Сифати замин ва хок дар як ҳудудҳои на он қадар васеъ, ки шароитҳои иқлими якхела доранд, аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Тибқи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои олимони хокшиноси ҷумҳурӣ ин фарқиятҳоро дар ҳуддуи як хоҷагӣ низ метавон мушоҳида намуда вадар як хоҷагӣ 2-3 навъи хокро метавон мушоҳида намуд.

Барои ҷойгиркунонии соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ дар ҳар як минтақи барои кишоварзи мусоид якҷоя кардани як қатор навъҳои хок, заминҳо бо релефи ноҳамвор, ки талу теппаҳо доранд, инчунин заминҳои сероб ва пасту ботлоқзор аҳамияти муҳим дорад.



Расми 1.2. - Махсусгардонӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Байни омилҳои иқтисодии ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва омилҳои табиию иқлимӣ, инчунин хусусияти биологии растаниҳо ва ҳайвонот тавофутҳои назррас мавҷуданд. Сатҳи арзиши аслии маҳсулот ва нархи он ва воситаҳои истеҳсолоте, ки дар соҳаи саноат истеҳсол мегарданд аз хусусиятҳои бозорҳои фурӯш, нархҳои истеъмолӣ ва шабакаи нақлиёт ва дар маҷмуъ аз сатҳи маркетинги кишоварзи вобаста аст. Сатҳи музди меҳнат аз ҷойгиршавии захираҳои меҳнатӣ, тахассусмандии онҳо, ҷогиршавии аҳолӣ ва зичии он ва махсусгардонии соҳа вобаста аст. Имкониятҳои иқтисодии хоҷагии деҳқонӣ, колективӣ ва инфиродӣ аз қувваи кории дар он мавҷудбуда, қобилиятҳои инфиродӣ, қобилияти соҳибкории соҳибмулк вобаста буда, барои ба даст гузаронидани сармоя, масалан, барои гузаронидани он аз соҳаи зироаткорӣ ба чорводорӣ, метавонанд нисбат ба омилҳои иқтисодиёю молиявӣ нақши ҳалкунандаро иҷро кунанд.

Дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои бисёрсоҳа таъсири омилҳои ташкилию иқтисодӣ ва сохтори соҳавии хоҷагиҳо таъсири назррас мерасонад. Омилҳои асосии таъсиррасон дар хоҷагиҳои бисёрсоҳа таносуби маҳсулоти иловагӣ ва ёрирасон дар маҷмуи маҳсулоти истеҳсолшуда дохил мешавад.

Ҳеҷ яке аз омилҳои ҷойгиршавии иқтисодиёт комилан доимӣ нест. Ҳангоми дар истеҳсолот кишт намудани навъу намудҳои нави зироатҳои кишоварзӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ тагйиротҳо ва дигаргуниҳо ба миён меоянд, ки ин дигаргуниҳо зери таъсири омили биологии ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷа бартарии муқоисавии минтақаҳои табиӣ, ки барои парвариши ин зироатҳо шароити муносиб доштанд, коста мегардад.

Дар шароити имрӯза хоҷагиҳо ба таҷҳизонидани истеҳсолоти худ диққати калон медиҳанд. Хоҷагиҳои хурд аз техникаи нав самаранок истифода бурда наметавонанд, ва новообаста ба ин, раванди истифодаи технологияҳои нав дар ҷумҳурӣ оғоз шудааст.

Дар шароити имрӯза вобаста ба тағйир ёфтани шароити иқтисодию иқлимӣ, дар сохтори соҳавии иқтисодиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон тағйиротҳои назаррас мушоҳида карда намешаванд. Вобаста баишароити

баамаломада зарур аст, ки таъсири омилҳои иқтисодиеро, ки ба ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ пурратар таҳлил намудан лозим аст. Агар ба ҷойгиркунонии истеҳсолот дар шароити имруза назар андозем, минтақаҳои истеҳсолӣ ба минтақаҳои ҷуғрофӣ мувофиқат мекунанд. Дар даҳсолаи охир дар назди шаҳрҳои клон, ки дар минтақаҳои бо намӣ таъмин ҷойгир шудаанд, истеҳсоли сабзавот ва меваю ангур мавқеи муҳимро ишғол намудаанд.

Таҳлилу баррасии асарҳои олимон ва адабиётҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқону коршиносони зерин оид ба мафҳум ва моҳияти ҷойгиркунии истеҳсолот дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ба таври гуногун мулоҳизаву андешаҳои худро баён намудаанд:

Ҷадвали 1.1.– Таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «ҷойгиркунӣ» - и истеҳсолоти кишоварзӣ

№	Муаллиф	Мафҳум
1	**Оболенский К. П.**	Ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ, ин дар минтақаи муайяни истеҳсолӣ ҷойгир шудани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ мебошад. Воқеан, ҷойгиршавии ҷуғрофии хоҷагиҳои соҳаҳои гуногун ҷойгиршавии онҳост [19].
2	**Каминский А.Е.**	Ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ ҷиҳати миқдори махсусгардониро ифода намуда, ба чунин савол ҷавоб медиҳад, ки дар минтақа, вилоят, ноҳия ё корхонаи алоҳидаи хоҷагии қишлоқ чӣ қадар ва чӣ гуна маҳсулоти тиҷоратӣ истеҳсол карда мешавад ё бояд истеҳсол карда шавад [20] .
3	**Степанов П.Н.**	Ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ ва навъҳои чорво бояд ба шароити агроиқлимии минтақаҳои гуногун комилан мувофиқ бошад. Таъмини гармӣ, намӣ, хусусиятҳои хок ва дигар омилҳоро бояд ба назар гирифт [12].
4	**Колосовский Н.Н.**	Ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро бояд як қисми маҷмааи ягонаи ҳудудии истеҳсолӣ ҳисоб кард. Хоҷагии қишлоқ бояд бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ (коркард, нақлиёт, мошинсозӣ) бо ҳам алоқаманд бошад, то ки самараи баланд ва рушди маҷмааи қаламрав таъмин карда шавад. Ҳангоми ҷойгиркунии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ на танҳо омилҳои табиӣ, инчунин робитаҳои иқтисодиро бо дигар соҳаҳо низ ба назар гирифта, бояд назарияи ба ҳам алоқаманди маҷмааи ҳудудию истеҳсолиро ташкил кард [17].
5	**Полунин А.А.**	Ҷойгиркунии ҳудудии маҷмааи агросаноатиро дар асоси ташаккули робитаҳои самарабахши байнисоҳавӣ ва рушди кластерҳои агросаноатӣ бояд такмил дод. Афзалиятҳои рақобатии минтақаҳои гуногунро ба назар гирифта, дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди кишоварзӣ муҳим гардидааст [24].
6	**Пиризода Ҷ.С.**	Ҷойгиркунӣ – қисми марказии низоми илман асоснокшудаи хоҷагидории кишоварзӣ мебошад. Ин низом имконият медиҳад захираҳои асосси истеҳсолиро дар миқдори наонқадар калони соҳаҳои пешбаранда ҷойгир карда, на фақат ба шароити маҳалӣ ҷавобгӯ буда, байни худ хеле муносиб бошанд [11].

Идомаи ҷадвали 1.1.

7	**Олимов А.Х.**	Дар шароити кунунӣ, зарурияти ҷойгиркунии минтақавии пахтакорӣ муносиб ба шароити хоку иқлим, ки бо ягонагии ҳудудҳои он ва муносибгардонии соҳавии истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд аст, зарур мебошад [23].
8	**Ф.С. Юсуфзода**	Раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бояд бо дарназардошти шароити табиӣ, иқлимӣ, захираҳои об, замин ва нерӯи меҳнатӣ амалӣ карда шуда, ба баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулот истифодаи самараноки захираҳои табиӣ коҳиши хароҷоти нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Ақидаи Колосовский Н.Н. ба назарияи маҷмааҳои ҳудудии истеҳсолӣ бахшида шуда, ба банақшагирӣ ва тараққӣ додани хоҷагии қишлоқи Иттиҳоди Шуравӣ таъсири калон расонд ва барои ба вуҷуд овардани маҷмааҳои агросаноатӣ мусоидат намуд [204].

Тибқи пешниҳоди Степанов П.Н. [141], дар асоси таҳлили муфассали захираҳои агроиқлимӣ муайян кардани минтақаҳои мусоидтарин барои парвариши зироатҳои мушаххас ва зотҳои алоҳидаи чорво муяссар мегардад ва ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии баланд ба даст меоянд. Асарҳои Степанов П.Н. асоси низомҳои зироаткорӣ ва чорводориро, ки барои ташкили истеҳсолот дар ноҳияҳои аз ҷиҳати иқлимӣ гуногун пешниҳод карда шудаанд, ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуданд.

Полунин А.Н. пешниҳод менмояд, ки ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, ки корхонаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, корхонаҳои истеҳсоли техникаи кишоварзӣ ва дигар ташкилотҳоро муттаҳид мекунанд, ба баланд шудани рақобатпазирии маҳсулот ва рушди устувори деҳот мусоидат мекунад [230]. Имрӯз асарҳои Полунин дар таҳияи стратегияи рушди кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни Русия ва ташаккули абзорҳои дастгирии давлатии маҷмааи агросаноатӣ истифода мешаванд.

Кузнецов В., ҳангоми ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, заминро омили асосӣ меҳисобад [107]. Ба фикри ӯ, таҳияи усулҳои баҳодиҳӣ ва идоракунии захираҳои замин ба баланд бардоштани ҳосилхезии онҳо, пешгирии эрозия ва шӯршавӣ ва таъмини устувории экологии истеҳсолоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд.

Белокрылова О.С. қайд менамояд, ки ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ба таъмини рушди устувори деҳот, бо дарназардошти на танҳо иқтисодиёт, инчунин ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, нигаронида шавад [57]. Бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот, инкишоф додани инфраструктураи иҷтимоӣ ва ҳифзи мероси мадании деҳот аҳамияти калон дорад.

Ҳангоми баамалбарории барномаҳои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва деҳот, аз ҷумла дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳифзи экология, муҳити зист ва анъанаҳои мардумӣ андешаҳо Белокрылова О.С. истифода шудаанд.

Ин мисолҳо шаҳодат медиҳанд, ки олимони рус ба ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ҳамчун мушкилоти мураккаб ва серсоҳа, муносибат мекунанд, ки муносибати маҷмаавӣ ва ба назар гирифтани омилҳои гуногунро талаб мекунад. Асарҳои онҳо ба тараққиёти хоҷагии қишлоқи Россия таъсири калон расонданд ва имруз ҳам мубрам мебошанд.

Дар ҷаҳон бисёр олимоне ҳастанд, ки дар шарҳи мафҳумҳо ва моҳияти ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ҳиссаи калон гузоштаанд. Ғояҳои асосии онҳоро тавсиф менамояем.

Ба андешаи Иоганн Генрих фон Тюнен [147], дар давлатҳои гуноугун дар атрофи марказҳо истеҳсолоти кишоварзӣ ташкил карда мешаванд. Дар наздикии шаҳрҳо соҳаҳое, ки хароҷоти боркашонии зиёд доранд, ҷойгир карда мешаванд (масалан, ширдушӣ ва сабзавоткорӣ), дар канори он соҳаҳои хароҷоти боркашонии камдошта (масалан, ғаллакорӣ ва чорводорӣ) ҷойгир карда мешаванд. Амсилаи ӯ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи тақсимоти маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди назарияи ҷуғрофияи иқтисодӣ асос гардид.

Уолтер К. қайд менамояд, ки андоза ва саршумори аҳолии шаҳрҳо сохтори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро дар деҳаҳои атроф муайян мекунанд. Назарияи у шаклҳои тақсимоти аҳолӣ ба шаҳрҳо ва таъсири онҳоро ба сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ дар деҳот шарҳ медиҳад.

Гарчанде, ки назарияи Гувер (Hoover, Edgar M.) [13] ба саноат нигаронида шудааст, он ба истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан дар заминаи агробизнес низ

татбиқ мешавад. Ҷойгиршавии корхонаҳо тибқи хароҷоти ҳадди ақали нақлиёти ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, инчунин захираҳои меҳнатӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешавад. Зимни ҷойгиркунии корхонаҳо, бояд таносуби байни хароҷоти нақлиёт, сарфи меҳнат ва дигар хароҷоти истеҳсолотро ба назар гирифт. Назарияи Гувер аҳамияти таҳлили хароҷотро дар қабули қарорҳо дар бораи ҷойгиршавии корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти онҳо таъкид мекунад.

Аккерман зарурати муттаҳид кардани ҷанбаҳои экологӣ ва иҷтимоиро дар қабули қарорҳо оид ба ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ таъкид мекунад. Тибқи андешаи ӯ, омилҳои гуногун (тағйирёбии иқлим, сиёсати ҳукумат, афзалиятҳои истеъмолкунандагон) ба ҷойгиркунии низомҳои устувори кишоварзӣ (масалан, кишоварзии органикӣ, агроҷангалпарварӣ) таъсир мерасонанд.

Оид ба махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ олимони зерин фикру андешаҳои худро баён намудаанд:

Ҷадвали 1.2. – Таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «махсусгардонӣ»- и истеҳсолоти кишоварзӣ

№	Муаллиф	Мафҳум
1	**Дэвид Рикардо**	Махсусгардонии кишвар ё минтақа истеҳсоли молҳо ё хизматрасониҳоро, ки бартарии муқоисавӣ дорад, инчунин он некӯаҳволии умумиро афзоиш медиҳад [3].
2	**Алфред Вебер**	Махсусгардонии ноҳияҳои хоҷагии қишлоқ асосан дар асоси ҳисоби хароҷоти истеҳсол ва нақлиёт, инчунин имконияти коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муайян карда мешавад [2].
3	**Майкл Портер**	Махсусгардонии кишоварзӣ аксар вақт тавассути ташаккули кластерҳо ба вуҷуд меояд, ки ба он ҳамкории байни фермерон, таъминкунандагон, коркардкунандагон, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо ба навоварӣ, самаранокӣ ва рақобатпазирӣ мусоидат мекунанд [10].
4	**Пол Кругман**	Махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ на танҳо аз рӯйи шароити табиӣ, инчунин тибқи инфрасохтори тараққикарда, қувваи кории баландихтисос ва бозорҳои тараққикардаи фурӯши маҳсулот муайян карда мешавад [8].
5	**Чаянов А.В.**	Махсусгардонии хоҷагии деҳқонӣ ба сохти оила, мавҷуд будани қувваи корӣ ва дастрасии замин, муносибат ба бозор вобаста аст [14].

Идомаи ҷадвали 1.2.

6	**Кондратев Николай Дмитриевич**	Махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба тағйироти даврагӣ вобаста аст, ки бо дигаргуниҳои технологӣ ва иқтисодии ҷамъият алоқаманданд [7].
7	**Немчинов Василий Сергеевич**	Махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро бо истифода аз амсилаҳои иқтисодию риёзӣ, ки омилҳои гуногунро, аз қабили шароити иқлим, хусусиятҳои хок, хароҷоти нақлиёт ва талаботи бозор ба назар мегиранд, оптималӣ кардан мумкин аст [18].
8	**Г.В. Иванченко**	Махсусгардонии хоҷагии қишлоқ раванди динамикист, ки мувофиқи талаботи қонунҳои иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад. Ин усули аз ҷиҳати илмӣ ташкил кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо харҷи камтарин, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат бо пай дар пай зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот мебошад. Дар баробари амиқтар шудани махсусгардонӣ, чун қоида тамоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ беҳтар мегарданд [5].
9	**Залтсман Л.М.**	Моҳияти махсусгардонӣ (ҷойгирӣ) аз он иборат аст, ки дар ноҳияҳои иқтисодию маъмурии мамлакат ва дар ҳамаи колхозу совхозҳо дар асоси талаботи хоҷагии халқ ба навъҳои гуногуни маҳсулоти хоҷагии қишлоқ он зироатҳо ва он навъҳои чорво парвариш карда мешаванд, ки дар шароити табиӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби як воҳиди замини корам бо сарфи ками меҳнати ҷамъиятӣ маҳсулоти ҳадди аксар ба даст меояд [15].
10	**Колеснев С.Г.**	Махсусгардонии истеҳсолот ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад. Ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи минтақаҳо ва ноҳияҳои мамлакат ду тарафи як масъала аст. Ҷойгиркунӣ тарафи миқдориро инъикос мекунад, яъне дар минтақа, ноҳия чӣ қадар ва чӣ хел маҳсулот бояд истеҳсол карда шавад ва махсусгардонӣ ҷиҳати сифатро инъикос мекунад, яъне соҳаҳои асосии маҳсулот, ки бояд дар ин ноҳия ё минтақа инкишоф ёбанд [16].
11	**Ковел П.В**	Аҳамияти махсусгардонии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тибқи мувофиқати таркиби соҳаҳои саноат ва алоқаи онҳо бо хусусиятҳои шароити табиию иқтисодии истеҳсолот муайян карда мешавад, ки ба туфайли он, корхона дар шакли маҳсулоти иловагӣ самараи иловагӣ мегирад ва ё арзиши аслии ҳар як воҳиди маҳсулот камтар мешавад [6].
12	**Илина З.М.**	Махсусгардонӣ - инкишофи бартаридоштаи як ё якчанд соҳаҳои маҳсулот, ки самти истеҳсолии хоҷагии қишлоқ ва сохтори соҳавии онро нишон медиҳад. Вай яке аз шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва ташкили оқилонаи он мебошад. Дар хоҷагии қишлоқ он, бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ: шароити табиӣ, хосиятҳои биологии растаниҳо ва ҳайвонот, хусусиятҳои истифодаи замин, захираҳои моддию меҳнатӣ, воситаҳои нақлиёт ба амал бароварда мешавад [4].

Идомаи ҷадвали 1.2.

13	**Кушнер Иван Степанович**	Махсусгардонии хоҷагии қишлоқ бояд бо шароитҳои табиӣ ва иқтисодии ноҳияҳо муайян карда шуда, ба самаранок истифода бурдани захираҳои замин нигаронида шавад [21].
14	**У. Шарофов**	Дар хоҷагии қишлоқ махсусгардонӣ дар шакли истеҳсоли нисбатан зиёди як ё якчанд намуди маҳсулот дар минтақа, вилоят, ноҳия ифода меёбад. Он ба истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот, махсусгардонии ин ё он корхона, воҳиди ҳудудиро нишон медиҳад, яъне самти истеҳсолотро нишон дода, сохти соҳавии минтақа, ноҳия, хоҷагиро муайян менамояд [25].
15	**Р. Носиров**	Зери мафҳуми махсусгардонии корхона мутамарказгадонии фаъолияти он нисбат ба истеҳсоли намуди муайяни маҳсулот (ё маҳдуд сохтани доираи онҳо) фаҳмида мешавад. Дар корхонаҳои кишоварзӣ он одатан бо васеъ намудани як ё соҳаҳои мусоидаткунанда дар мавриди мутобиқан маҳдуд сохтани дигарҳо алоқамандӣ дорад[22].
16	**Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ**	Махсусгардонӣ ин ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо назардошти истифодаи қонунҳои иқтисодӣ, шароити табиию иқлимӣ, иқтисодӣ, ташкили ҷойгиркунии зироатҳо дар хоҷагӣ (минтақа) ва доштани афзалият дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти умумӣ, маҳсулоти молӣ ё майдони умумии кишти зироатҳо дар як давраи муайян аст.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Тибқи андешаи Дэвид Рикардо агар як минтақа ҳамаи навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқро назар ба дигар минтақаҳо беҳтар истеҳсол карда тавонад, дар он ҷо махсусгардонӣ беҳтар аст [78].

Назарияи Алфред Вебер назарияи бунёдии иқтисод буда [64], барои фаҳмидани махсусгардонӣ дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла кишоварзӣ, замина фароҳам оварда, ба рушди савдои байналмилалӣ мусоидат кард.

Назарияи Портер М. мефаҳмонад, ки минтақаҳои алоҳида дар доираи кластерҳо ба маркази истеҳсоли маҳсулоти муайяни кишоварзӣ табдил меёбанд [119]. Тамаркузи ширкатҳои ба ҳам алоқаманд, таъминкунандагони махсусгардонидашуда, ширкатҳо дар соҳаҳои алоқаманд ва муассисаҳои марбута (масалан, донишгоҳҳо, агентиҳои стандартҳо, ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ) дар макони мушаххас кластерҳоро ташкил медиҳанд, ки дар натиҷа рақобатпазирӣ афзоиш меёбад.

Андешаи Кругман нишон дод, ки абзорҳои худтараққикунанда чи тавр ба тамаркузи фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида оварда расонда, метавонад махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро зиёд кунад [105].

Чаянов хоҷагии деҳқониро ҳамчун звенои ягонаи иқтисодӣ ҳисоб мекард, ки дар он дар бораи махсусгардонӣ дар асоси талаботи дохилии оила ва имкониятҳои истифода бурдани захираҳои мавҷуда қарор қабул карда мешавад. Асарҳои ӯ аҳамияти ба назар гирифтани хусусиятҳои хоҷагии қишлоқро ҳангоми ба нақша гирифтани махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нишон дода, зарурати дастгирии деҳқонии хурдро таъкид намуданд.

Кондратьев Н.Д. исбот кард, ки иқтисодиёт бо мавҷ инкишоф меёбад ва дар даврaҳои афзоиш самти махсусгардонӣ ба навъҳои нави фоиданоки фаъолият ба амал меояд [101]. Назарияи ӯ барои фаҳмидани тамоюлҳои дарозмуддати махсусгардонии кишоварзӣ, ки бо ҷорӣ кардани технологияҳои нав ва тағйирёбии сохтори иқтисодӣ алоқаманданд, кӯмак мекунад.

Немчинов В.С. усулҳои таҳлили риёзиро барои асоснок кардани сохтори оптималии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои гуногуни мамлакат кор карда баромад [214]. Фаъолияти ӯ ба ҷорӣ намудани муносибати илмӣ дар банақшагирии махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси ҳисобҳои миқдорӣ ва амсилаҳо мусоидат кард.

Кушнер И.С. ба ноҳияҳо ҷудо кардани ҳудудҳоро барои муайян кардани махсусгардонии оптималии хоҷагии қишлоқ, бо назардошти иқлим, замин ва дигар омилҳо, инчунин инкишофи инфрасохтори дастгирии истеҳсолоти махсусгардонидашуда қайд намудааст [229]. Тадқиқоти ӯ дар таҳияи назарияи ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии кишоварзӣ бахшида шуда, ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ оварда расониданд.

Ба андешаи мо, «махсусгардонӣ ин ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо назардошти истифодаи қонунҳои иқтисодӣ, шароити табии иқлимӣ, иқтисодӣ, ташкили ҷойгиркунии зироатҳо дар хоҷагӣ (минтақа) ва доштани

афзалият дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти умумӣ, маҳсулоти молӣ ё майдони умумии кишти зироатҳо дар як давраи муаян аст».

Махсусгардонӣ бояд ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ нигаронида шавад.

1.2. Ҷанбаҳои методологӣ ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ

Хусусиятҳои минтақавии фаъолияти истеҳсолии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва аҳамияти иҷтимоии бахши кишоварзӣ зарурати асоснок кардани муқаррароти методологии беҳсозии ҷойгиркунии оптималии истеҳсолоти кишоварзиро, бо назардошти рушди устувори соҳа, водор месозад.

Масъалаҳои фаъолияти тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, дар асарҳои олимони ватанӣ, махсусан олимони Донишгоҳи агрорарии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Дар асарҳои олимони машҳури соҳаи кишоварзии иқтисодиёти Россия, аз ҷумла асарҳои классикони рус - Н. Вавилов, С.Ю. Витте, В.В. Докучаева, Н. Кондратева, А.В. Чаянов; асарҳои Ф. Баталина, В.М. Обухова, И. Пасхавера, Н. Туган-Барановский, А.Ф. Фортунатова, И. Четверикова, Б. Ястремский; таҳқиқоти В.Н. Афанасьева, И.П. Бойко, В.Р. Боева, И.Б. Загаитова, А.Н. Каштанова, А.И. Манелла, А. Никонова, П.Д. Половинкина, М. Юзбашева ва дигарон асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти ин соҳа инкишоф ёфтаанд.

Хусусиятҳои назариявӣ ва натиҷаҳои илмию амалии татбиқи дигаргунсозии бозории маҳмаои агросаноатии Тоҷикистон дар асарҳои илмии Пиризода Ҷ.С., Мадаминов А.А., Одинаев Х., Ғаниев Т., Шарифов З.Р., Самандарзода И.Ҳ., Носиров Р., Исайнов Х.Р., Олимов А.Х. ва дигарон асоснок карда шудаанд. Таҳқиқоти ин муҳаққиқон асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори соҳаи кишоварзиро инъикос намуда, сатҳ ва

тамоюли рушди соҳаро ошкор карда дараҷаи махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии оптималии соҳаи кишоварзиро инъикос менамоянд. Асосҳои консептуалӣ ва таҳияи тавсияҳои амалии онҳо барои ноил шудан ба рушди босуботи бахши кишоварзӣ, инчунин дар ташаккули маҳсулоти умумӣ саҳми арзанда мегузорад.

Ҳалли масъалаҳои таъмини устувории иқтисодии истеҳсолот бо истифодаи усулҳо ва амсилаҳои иқтисодию риёзӣ дар асарҳои В.Н. Афанасев, Н.К. Василева, Нечаева В.И. ва дигар олимон инъикос гардидааст.

Ҷадвали 1.3.– Таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «оптималикунонӣ» (муносибгардонӣ) - и истеҳсолоти кишоварзӣ

№	Муаллифон	Мафҳум
1	**Н.Т. Баскакова, М.А. Жемчуева, С.В. Куликов**	Вазъияти имрӯзаи иқтисодии кишоварзӣ ва афзоиши талабот ба сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ зарурати баҳодиҳии устувории истеҳсолот ва дар асоси он, таҳияи стратегияи самарабахши иқтисодии оптималикунонии соҳаи кишоварзиро ба миён оварда [209].
3	**Г.В.Тимофеева, Е.Н. Антамошкина**	Ҳамчун меъёрҳои имконпазири оптималикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шудаанд, истифодаи низоми меъёрҳо (мустақилияти озуқавории минтақа; дастрасии иқтисодии озуқаворӣ; дараҷаи қонеъгардонии талаботи физиологии аҳолӣ ба озуқаворӣ) мувофиқ аст [225].
4	**Мальцев Терентий Семёнович**	Оптималикунонии соҳаи кишоварзӣ бояд ба барқарорсозии ҳосилхезии замин, баланд бардоштани муқовимат ба хушксолӣ ва кам кардани вобастагӣ аз нуриҳои минералӣ нигаронида шавад [144].
5	**Василий Робертович Вильямс**	Асоси оптималии соҳаи кишоварзӣ низоми алафзор мебошад, ки имкон медиҳад ҳосилхезии хок барқарор карда, сохтори он беҳтар ва эрозия кам карда шаванд [68].
6	**Сукачев Владимир Николаевич**	Оптималикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд бар омӯзиш ва истифодаи қонунҳои фаъолияти биогеосенозҳо (экосистемаҳо) асос ёбад [143].
7	**Роналд Фишер**	Усулҳои оморӣ ва генетикиро метавон барои оптималикунонии парвариши растанӣ ва ҳайвонот ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳои кишоварзӣ истифода бурд [148].
8	**Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ**	Оптималикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ маънои бо хароҷоти камтарини воситаҳои истеҳсолот ва меҳнат ба дастоварии миқдори ҳадди аксари маҳсулоти хушсифат бо нигоҳ доштан ва ҳатто баланд бардоштани ҳосилхезии хокро дорад.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Бо вуҷуди рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои охир, бояд қайд кард, ки ҳалли мушкилоти таъмини рушди устувории истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, кор карда баромадани низоми мукамали идоракуниро талаб мекунанд.

Таҳлилҳои гузаронидашудаи мо оид ба вазъи иқтисодии хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон ифодагари он аст, ки дар давоми солҳои 2019 - 2023 ҳаҷми маҳсулоти умумии соҳа зиёда аз 1,5 баробар зиёд шуда, ҳаҷми умумии ғалладонаи истеҳсолшуда ба як нафар аҳолӣ дар 50 %, офтобпараст - 29,8 %, сабзавот - 55 %, гӯшт (бо вазни кушташуда) 53 %, тухм -12 % афзудааст.

Новобаста ба ин бартариятҳо, устувории пура таъмини намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории дар кишвар истеҳсолшуда ба даст наомадааст. Сабаби асосии ин раванд босуръат афзоиш ёфтани аҳолӣ ва талаботи онҳо, инчунин суръати ноустувори афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки натанҳо барои вилояти Хатлон, инчунин барои дигар минтақаҳои мамлакат низ хос аст. Аз таҳлилҳо бармеод, ки дар вилоят, новобаста бештар аз 50% зиёд будани ҳаҷми истеҳсоли ғалладона аз эҳтиёҷоти меъёрӣ, соҳаи кишоварзии вилоятро устувор номидан гайриимкон аст. Аз таҳлили маълумотҳо оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар вилоят бармеояд, ки солҳои 2019-2023 фосилаи фарқият байни сатҳҳои баландтарин ва пасттарини рушди соҳа 5,3 банди фоизиро ташкил мекард, сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо хӯрока аз 75% зиёд набуд.

Ҷадвали 1.4. - Тақсимоти вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нишондиҳандаи устувории афзоиши (камшавии) маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқоисашаванда (бо фоизи соли гузашта), барои солҳои 2020-2023

Бузургии арзиши устуворӣ (камшавӣ), %.	Хусусиятҳои арзиши устуворӣ (пастшавӣ).	Номгӯи минтақаҳо.
Камшавии устуворӣ:		
аз -50,0 ва бештар	Баланд.	Вилояти Хатлон.
аз -50,0 то -30,0	Миёна.	Минтақаи Кулоб.
аз -30,0 то -10,0	Мӯътадил.	Минтақаи Вахш.
аз -10,0 то 0,0	Ифодаи суст.	Ноҳияи Муъминобод
Арзиши устуворӣ:		
аз 0,0 то 10,0	Ифодаи сус.т	
аз 10,0 то 30,0	Мӯътадил.	Минтақаи Вахш.
-9,1	Дар маҷмӯъ дар вилояти Хатлон.	

Сарчашма: *таҳияи муаллиф.*

Яке аз сабабҳои асосии номутаносибии ҳозираи хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон сатҳи пасти таъминоти пойгоҳи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дараҷаи баланди фарсудашавии пойгоҳи модию техникии соҳа бештар аз 35 фоизро ташкил дод. Таҳқиқоти иҷтимоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки дар тӯли солҳои таҳлилӣ шумораи миёнаи коргарон дар хоҷагии қишлоқ қариб 55 фоиз кам шудааст, ҳиссаи онҳо бошад, дар миқдори умумии коргарони соҳаҳои гуногуни вилоят аз 17 фоиз то 8,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Тибқи таҳлили маълумотҳои бадастомада дар соли 2023 музди миёнаи якмоҳаи ҳисобшудаи коргарон дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба музди меҳнати якмоҳаи коргарони дигар соҳаҳо дар вилояти Хатлон 23 % паст буда, ин нишондиҳанда наметавонад такрористеҳсоли пурраи қувваи корӣ ва ҳавасамндии коргаронро ба миён орад. Сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дараҷаи пасти ҳавасмандии модии кормандони соҳаро инъикос менамояд, ки он дар дигар минтақаҳои ҷумҳури низ ба назар мерасад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили ҳолати иқтисодию молиявии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ маълум гардид, ки аксар корхонаҳои кишоварзӣ, ки таъминкунадаи масҳсулоти озуқаворӣ мебошанд дар вазъияти душвори молиявӣ қарор доранд. Тибқи натиҷаҳои бадастомада ошкор карда шуд, ки дараҷаи даромаднокии фаъолияти истеҳсолӣ-молиявии молистеҳсол-кунандагони кишоварзӣ дар давоми даҳсолаи охир аз 25 % -и соли 2013 то 14,1 % дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Дар тамоми давраи таҳқиқшуда, онҳо норасоии сармояи муомилотии худро доштанд, ки ин ба вазъи молиявии онҳо бо арзиши баланди сармояи қарзӣ таъсири манфӣ расонд.

Дар натиҷаи таҳлил намудани таносуби истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва суръати миёнаи солонаи афзоиши маблағгузорӣ ба фондҳои асоси дар соҳа нишон дод, ки яке аз роҳҳои устуворияти истеҳсолоти кишоварзӣ ва аз нав барқарор намудани фондҳои асосии дар соҳаи истифодашаванда мебошад. Барои дар давраи дарозмуддат ба рушди

иқтисодии соҳа ноил шудан зарурияти ҷалби сармоягузорӣ ва маблағгузории давлатӣ ба соҳа ба миён меояд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба ин бахши иқтисодиёти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар даҳ соли охир аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилоят аз 7,4 % то 3,6 % коҳиш ёфтааст. Вазъият боз бо он мураккабтар мегардад, ки ҳиссаи фондҳои асосии кишоварзӣ дар вилоят аз 11,1 % то 8,3 % дкам шудааст. Тамоюли ба вуҷудомада аз ноустувории рушд ва барқарорсозии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки дар асоси камшавии пойгоҳи захиравӣ амалӣ мегардад, шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз нав ташкил кардани махсусгардонии кишоварзӣ дар вилоят, метавонад самаранокӣ ва устувории рушди соҳаи кишоварзиро баланд бардорад. Ин амал дар натиҷаи беҳтар намудани ҷойгиркунии зерсоҳаҳои кишоварзӣ, истифодаи самоаноки захираҳои мавҷудаи модӣ, техникӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, иқтидори иқлимӣ-табии вилоят ва дастгирии сармоягузории технологияҳои инноватсионӣба миён меояд.

Унсури муҳими ноилгардӣ ба ташаккул, фаъолият ва рушди самараноки хоҷагии қишлоқ, бо дарназардошти гуногунии шароити истеҳсолоти минтақавӣ ва иқтидори инфиродии захиравии молистеҳсолкунандагон, ин муносибгардонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии кишоварзӣ мебошад.

Тибқи усулҳои маъмули амсиласозӣ барои ҳалли ин масъала мо аз амсилаи таҳияшудаи барномасозии хаттии иқтисодию риёзӣ истифода намудем. Дар ин ҳолат мо низоми зерини маҳдудиятҳо ва муодилаҳои тавозунӣ истифода бурдем:

1. Маҳдудиятҳои асосии арзишҳо аниқ карда шудаанд, аммо дар баъзе ҳолатҳо ин маҳдудиятҳо метавонанд тибқи сенарияи рушди соҳаи кишоварзии вилоят тағйир ёбанд:

1.1. Аз рӯйи захираҳои замин:

$$\sum_{j\in N} a_{ij}x_j = B_i \pm x_i,\ (i \in J_1;\ a_{ij} = 1); \qquad (1.1)$$

1.2. Аз рӯйи захираҳои меҳнатӣ:

$$\sum_{j\in J} a_{ij}^{t} x_j \leq B_i^t \pm \bar{x}_i^t, \ (i \in J_2; t = T); \quad (1.2)$$

1.3. Аз рӯйи захираҳои нерӯйӣ:

$$\sum_{j\in D} a_{ij} x_j \leq B_i \pm \bar{x}_i, \ (i \in J_3; j \in D); \quad (1.3)$$

1.4. Аз рӯйи хароҷоти моддӣ ва пулӣ:

$$\sum_{j\in J} a_{ij} x_j + \sum_{s\in S} a_{is} x_s + \sum_{j\in D} a_{ij} x_j = X_i, \ (i = J_4); \quad (1.4)$$

1.5. Аз рӯйи захираҳои ғизоӣ:

$$\sum_{j\in N} U_{hj} x_j + \sum_{s\in S} U_{hS} x_S \geq \sum_{j\in D} (a'_{hj} + x_{hj}), \quad (h \in H); . \quad (1.5)$$

2. Маҳдудиятҳои иловагӣ:

2.1. Барои фурӯши маҳсулот:

$$U_{ej} x_j \geq Q_e, (e \in E); \quad (1.6)$$

2.2. Дар бораи устувории истеҳсолот:

$$\sum_{j\in J''} K_{yj} d_j \geq \widetilde{K_y}, (y \in Y); \quad (1.7)$$

2.3 Барои ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои гуногун:

а) Ҳамоҳангсозии тавсияшаванда байни андозаи зироатҳои намудҳои алоҳида ё гурӯҳҳои зироатҳо:

$$x_j \leq \sum_{j\in N'} x_j, \quad (j \in N); \quad (1.8)$$

б) Ҳамоҳангсозии тавсияшаванда байни ҷинс ва синну соли чорво (паранда) ё аз рӯйи сохтори пода:

$$q' \sum_{j\in D''} x_j \leq x_j \leq q'' \sum_{j\in D''} x_j, (j \in D''); \quad (1.9)$$

2.4. Аз рӯйи ҳаҷми сармояи муомилот:

$$\sum_{j\in J} o_j x_j - x' = 0; \quad (1.10)$$

2.5. Аз рӯйи сатҳи устувории сармоягузорӣ ва молиявӣ:

$$M_p = M_k - x_i - \sum_{i\in I} C = (M_c + K_д + K_k) - x_i - \sum_{i\in I} C; \quad (1.11)$$

2.6. Бо ҳисоби арзишҳои нишондиҳандаҳои хароҷот:

$$\sum_{j\in J} R_{kj}x_j = X_k \ \ (k \in K); \qquad (1.12)$$

2.7. Шарти ғайриманфӣ будани тағйирёбандаҳо:

$$x_{hj} \geq 0; \qquad (1.13)$$

Пешниҳод карда мешавад, ки нишондиҳандаи максималии фоида ҳамчун меъёри оптималӣ истифода шавад:

$$Z_{max} = X_k - X_j - \sum_{i\in I} C \ \rightarrow max \ . \qquad (1.14)$$

Амсилаи нишондодҳои зерин истифода мешавад:

a_{ij} - эҳтиёҷоти навъи *i* замин ба воҳиди j намуди фаъолияти зироаткорӣ;

B_i - ҳаҷми захираи навъи j-ӯми замин;

N - бисёр намудҳо;

t - шохиси давраи истифодаи захираҳои меҳнатӣ;

T - маҷмӯи давраҳо;

a_{ij}^t - меъёри хароҷоти меҳнат ба воҳиди намуди j-ӯми фаъолият дар давраи t;

J_2 - маҷмӯе , ки унсури он захираҳои меҳнатӣ мебошанд;

J - маҷмӯи фаъолияти зироаткорию чорводорӣ;

B_i^t - мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ дар давраи t-ӯм;

$\bar{x}_i^t$ - шумораи захираҳои меҳнатии дар давраи t-ӯм ҷалбшуда;

J_3 - навъҳои зиёди иқтидорҳои нерӯйӣ;

$\bar{x}_i$ - ҳаҷми захираҳои иловагии нерӯйӣ;

a_{ij}, a_{is} - зарибҳои арзиши захираҳои моддию пулии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ба воҳиди j-намуди фаъолият (a_{ij}) ва воҳиди хӯроки харидашуда (a_{is});

X_i - тағйирёбанда аст, ки бар ҳаҷми умумии хароҷоти моддӣ ва пулӣ асос ёфтааст;

J_4 - бисёр алоқаҳои байниҳамдигарии захираҳои моддӣ ва пулӣ барои таъмин намудани раванди истеҳсолот;

U_{hj} -ҳосилнокии воҳиди хӯрокии гурӯҳи h-ӯм ба вохиди навъи j-ӯми фаъолияти зироаткорӣ;

U_{hs} - таркиби воҳидҳои хӯрокӣ дар як воҳиди S-ӯми хӯроки гурӯҳи h-ӯм;

a_{hj} - меъёри минималии сарфи хӯроки h-ӯм ба як сари миёнасолонаи j-ӯми ҳайвонот, сентнери воҳиди хӯрока;

a_{hj}, X_j - талаботи ҳадди ақали хӯрокаи гурӯҳи h-ӯми тамоми чорвои j-ӯми ҳайвонот, сент. воҳиди хурока;

x_{hj} - илова намудани хӯрокаи гурӯҳи h-ӯм ба талаботи ҳадди ақал ба он намуди j-ӯми ҳайвонот, сент. воҳиди хӯрока;

$a'_{hj} + x_{hj}$ - талаботи умумии хӯрокаи чорвои гурӯҳи h-ӯм j-намуди ҳайвонот ва $\sum_{j\in D}(a'_{hj} + x_{hj})$, - ҳамаи намудҳои ҳайвонот;

e - шохисси навъи маҳсулоти тиҷоратӣ;

E - навъҳои зиёди маҳсулоти тиҷоратӣ;

J' - маҷмӯи соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ, ки маҳсулоти онҳо арзиши тиҷоратӣ доранд;

U_{ej} - истеҳсоли маҳсулоти молии навъи e-ӯм ба воҳиди j навъи зироат ва ё чорводорӣ, сентнер;

$U_{ej}x_j$ - ҳаҷми умумии маҳсулоти молии навъи e-ӯм барои намуди j-ӯми фаъолият, сентнер;

Q_e - ҳаҷми фурӯши маҳсулоти навъи электронӣ ба ҳисоби миёна дар давраи таҳлилшуда;

Ку - шохиси устувории сатҳи намуди муайяни маҳсулот;

Y - бисёр навъҳои маҳсулоти истехсолшаванда;

d_j - ҳиссаи навъи маҳсулот дар ҳаҷми умумии маҳсулоти тиҷоратӣ;

X_j - ҳаҷми намуди фаъолият;

$\widetilde{К_y}$ - зариби устувории сатҳҳо мувофиқи тамоюл;

k - шохиси арзиши нишондиҳандаҳо;

R_{kj} - маҳсулоти як воҳиди навъи j-ӯми фаъолият;

К - маҷмӯи нишондиҳандаҳои арзиш;

X_k - тағйирёбанда дар асоси арзиши умумии нишондиҳандаи арзиши k-ӯм аст;

O_j - маблағи муомилот барои истеҳсоли маҳсулоти бозорӣ ба 1 гектар (сар) j-ӯми зироати хоҷагии қишлоқ (гурӯҳи чорво);

x' - ҳаҷми сармояи муомилот;

M_k - изофаи арзиши умумии манбаъҳои асосии маблағ барои таъмини раванди истеҳсолот ва рушди инноватсионӣ;

M_c - маблағи сармояи кории худӣ барои ташаккули захираҳо ва хароҷот;

$K_д$ - қарзҳои дарозмуддат ва маблағҳои қарзӣ;

K_k - қарзҳои кӯтоҳмуддат ва маблағҳои карзӣ;

$\sum C$ - хароҷоте, ки барои рушди инноватсия зарур аст.

Амсилаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки мушкилоти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаи кишоварзиро дар асоси ба ҳам пайвастани иқтидори истеҳсолӣ, табиӣ, иқлимӣ ва молиявию меҳнатӣ, самаранокии истифодаи онҳо ва дастгирии инноватсионию сармоягузорӣ ҳал кунем.

Самтҳои асосии рушди бахши кишоварзии вилоят дар равандҳои гуногуни истифодаи технологияҳои инноватсионӣ бо роҳи муқоиса бо маълумоти миёнаи воқеии пеш аз давраи таҳияи амсила муайян карда мешавад.

Дар рафти таҳлил ва омӯзиши масъала маълум карда шуд, ки ба низоми ҷойгиркунии зироат ва соҳаҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ омилҳои зерин метавонанд таъсир расонанд. (Расми 1.3.)

Аз тарафи мо муқаррароти методологии таҳияшуда дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Хатлон татбиқ карда шуданд, ки ин имконият дод чунин хулосабарорӣ намоем, ки барои таъмини устувории соҳаи кишоварзӣ бояд раванди махсусгардонӣ ва ҷойгиркунонии соҳаи кишоварзӣ ба ҳам муносиб карда шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пурзӯр намудани махсусгардонии минтақавӣ дар асоси беҳтар намудани ҷойгиркунии соҳаҳои асосии кишоварзӣ ба афзоиши устувории ғаллапрвариро ба андозаи 0,5 %,

сабзавот - 8,3 %, картошка - 2,7 %з, гӯшту шир мутаносибан - 2,2 ва 1,1 % бештар менамояд.

Натиҷаҳое, ки дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб аз тарафи мо ба даст оварда шудаанд, тасдиқ менамоянд, ки бо роҳи кор карда баромадани низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии муносиби истеҳсолоти кишоварзӣ на танҳо ба рушди устувори соҳа ноил шудан мумкин аст, инчунин афзоиши содироти маҳсулотро ба дигар минтақаҳо ва берун аз ҷумҳурӣ низ метавон таъмин кард.

Чунин хулосаҳо барои вилояти Хатлон, бо дарназардошти гуногунии шароити истеҳсолӣ, имкониятҳои захиравӣ ва дастгирии инноватсионию сармоягузории корхонаҳои соҳа бароварда шуданд, ки самаранокии истифодаи усулҳои амсиласозии риёзиро ҳангоми баамалбарории раванди нави махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ инъикос намуда, таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзии вилоятро ба амал мебароранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити дараҷаи баланди рақобати бозорӣ, муносибати навро дар ташкили низоми идоракунии соҳаи кишварзӣ ба миён меоранд, ки оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро дар муносибати нав талаб мекунад.

Зарурати баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои минтақавӣ барои Тоҷикистон, ки релефи кӯҳии он ҳам норасоии шадиди заминро барои истифодабарӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меорад ва ҳам маҳалҳои аҳолинишин, ки камтар аз даҳяки қаламрави онро ишғол мекунанд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати баланди афзоиши аҳолиро дар минтақаи Осиёи Миёна дорад. Дар баробари ин дараҷаи ниҳоят пасти шаҳрнишинии аҳолӣ ба ин минтақа хос буда, ҳиссаи сокинони деҳот аз се ду ҳиссаи аҳолиро ташкил медиҳанд ва дар ояндаи наздик ин тамоюл дигаргун намегардад.

Расми 1.3 - Омилҳои таъсиркунанда ба низоми ҷойгиршавии зироатҳои кишоварзӣ

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Дар сохтори иқтисодиёти ҷумҳурӣ Тоҷикистон комплекси агросаноатӣ калонтарин қисмат мебошад, ки қариб нисфи маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятии ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Захираҳои табиӣ ва меҳнатии он, имкониятҳои калони истеҳсолот ва интенсификатсияи ба кор андохтани захираҳои ин маҷмааи алоҳида ба тезондани тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ замина мегузоранд. Аз ин рӯ, оқилона ва самаранок истифода бурдани замин шарти асоси тараққиёти минбаъдаи маҷмааи агросаноатӣ мебошад.

Таркиби сарватҳои замин, ҳосилхезии табиии он, самт ва хусусияти истифодабарии он бо шароити умумии табиию иқлимии ҷумҳурӣ, мавқеи физикию ҷуғрофии он алоқаи зич доранд. Мураккаб будани релефи ҷумҳурӣ ва гуногунии сатҳи баландиҳо дар ноҳияҳои алоҳида (56,2 фоизи қаламрав, бо истиснои ВМКБ дар баландии то 2000 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст) тафовути калони иқлимиро ба амал меорад.

Ноҳиябандии кишоварзӣ бар умумияти шароити хоку иқлим ва иқтисодии ноҳияҳои маъмурӣ асос ёфтааст, ки бо ягонагии ҳудудӣ (аз ҷумла дар ҳудуди вилоят) ва махсусгардонии соҳавии истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд аст.

Барои баҳо додан ба имкониятҳо ва муайян кардани роҳу усулҳои оқилонаи тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати мавҷудияти заминаҳои иқтисодӣ ва муҳимтарин омилҳои табиию иқтисодӣ бояд минтақаро тақсим кард.

Захираҳои меҳнатӣ ба назар гирифта намешаванд, зеро ҳолати демографие, ки дар Тоҷикистон ба миён омадааст, кишварро ба як минтақаи барзидатии қувваҳои корӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, мубадал гардонидааст ва аз ин рӯ, омили шахсӣ рушди онро маҳдуд намекунад.

Захираҳои маҳдуди заминҳои хоҷагии қишлоқ, ки онҳоро қаторкӯҳҳои мураккаб аз ҳам ҷудо мекунанд, ба инкишофи алоқаҳои иқтисодии байни минтақаҳо халал мерасонад. Идоракунии ягонагии ҳудудиву соҳавиро бо маҷмааҳои ҳамгироишудаи истеҳсолию ҳудудии хоҷагии қишлоқ душвор

мегардонад. Вазъияти мавҷудбуда талаб менамояд, ки роҳҳои нави рушди инстесивии кишоварзиро ҷустуҷӯ намоем.

Шароитҳои табиии фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ боиси гуногунии минтақавӣ ва истифодаи захираҳои замин гардиданд, ки бо дарназардошти фарқиятҳои куллии хусусияти истифодаи захираҳои замине, ки дар ҷумҳурӣ мавҷуданд, шаҳодат медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар, онҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: заминҳои истифодаи интенсивӣ (заминҳои корам ва заминҳои киштзори бисёрсола) ва чарогоҳҳо (сарчашмаи табиӣ).

Ин равиши методологӣ имкон медиҳад, ки нобаробар тақсим шудани заминҳои ба таври интенсивӣ истифодашаванда аз рӯйи минтақаҳо - қисми муайянкунандаи воситаҳои асосии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ нишон дода шавад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд, ки хусусиятҳо ва тафовутҳои асосии баҳодиҳии иқтисодии нерӯи захиравии минтақаро мураттаб созем:

- дар шароити гуногун ва мураккаб будани иқлими Тоҷикистон дар истеҳсолоти кишоварзӣ баҳодиҳии иқтисодии замин бояд ҳам омилҳои табиӣ ва ҳам дараҷаи ҳосилхезии навъҳои алоҳидаи хокро ба назар гирад;
- дар шароити релефи маҷмаавии ҳудудҳои кӯҳсор қобилияти ҳосилнокии заминро, вобаста ба омилҳои иқлимӣ, ҳамчун қисми мустақили (дар баробари гурӯҳбандии хок) кори баҳодиҳии замин ба таври миқдорӣ муайян кардан лозим аст.

Масъалаҳои методологии баҳодиҳии иқтисодии иқтидори захираҳои табиӣ ба асосноккунии параметрҳои объективии маҷмӯи омилҳое, ки ҳосилнокии потенсиалии заминҳои сифаташон гуногунро дар сатҳи муайяни шиддатнокии меҳнат, низоми иқлимию растанӣ дар хок муайян мекунанд, оварда шудаанд. Ин ҳолат зарурати таҳияи методологияи ноҳиябандии агроиқлимиро, ҳамчун марҳилаи ибтидоӣ ва унсури ибтидоии корҳои баҳодиҳии замин, муайян мекунад.

Аз ҷиҳати шароити иқлимӣ ҳудуди заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон гуногун буда, қобилияти ҳосилхезии замин ҳам гуногун мебошад. Ин зарурати муаян намудани омилҳои ба ҳосилнокии заминҳо алоқамандро вобаста ба фарқияти дараҷаи ҳосилхезии намудҳои гуногуни хокро ба миён овардааст. Дар баробари ин бояд дараҷаи мавҷуд будани захираҳои модӣ, техникӣ, табиӣ ва меҳнатӣ таҳлил карда шаванд.



Расми 1.4. - Амалҳои оптималикунонии хоҷагии қишлоқ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Бинобар ин, ҳангоми баҳодиҳии иқтисодии замин бояд таъсири ҳосилхезии хок, шароитҳои иқлимӣ ва табиӣ, сатҳи идоракунии истеҳсолот ба назар гирифта шаванд. Чунин муносибат нисбат ба минтақаҳои дорои релефи мураккаб, ки боиси ҷойгиршавии гуногуни заминҳои хоҷагии қишлоқ бо ҳархелсозии мувофиқи шароити иқлимӣ мегардад, қобили қабул аст.

Дар Тоҷикистон таснифоти заминҳо асосан аз рӯйи фарқияти ҳосилхезии хок гузаронида мешавад, ки ин намудаи таснифот хусусиятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ даромаднок будани заминро яктарафа баҳо медиҳад. Аммо, дар

шароити муносибатҳои бозорӣ онҳо меъёри муайянкунандаи баҳодиҳии ҳамаҷонибаи иқтидори умумии захираҳои табиӣ мегарданд, ки муҳити табииро ташкил медиҳанд, дар он сохтори иқтисодии кишоварзӣ ва мавқеи он дар тақсимоти ҳудудии меҳнат таҳти таъсири он ташаккул меёбад. Таснифоти заминҳо дар асоси баҳодиҳии иқтисодию мақсадноки онҳо имкон медиҳад, ки сарҳадҳои объективии минтақаҳои тақсимоти оқилонаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муайян карда шуда, барои онҳо заминаҳо фароҳам оварда шаванд.

Самараноктар истифода бурдани маҷмаасҳои пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, картошкаю чорводорӣ, тамокупарварӣ ва боғдорӣ, ҳамчун меъёри боэътимоди муайян намудани мансубияти ҳудудивую соҳавии захираҳои замин, мувофиқи иқтидори иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоку иқлими онҳо хизмат мекунад.



Расми 1.5.- Унсурҳои оптималикунии растанипарварӣ.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Дар назария ва амалия мафҳумҳои ҳам иқтидори истеҳсолӣ ва ҳам захиравӣ, истифода мешаванд. Аммо, ба маънои васеъ, чунин тақсимкунӣ сунъӣ мебошад, зеро ҳардуи онҳо иқтидори умумии истеҳсолиро ташкил

медиҳанд. Дар усулҳое, ки як қатор муассисаҳои илмӣ таҳия кардаанд, «қобилияти дар як муддати муайян истеҳсол намудани ҳаҷми ба таври объективӣ муайяншудаи маҳсулот, бо истифода аз захираҳои аз ҷиҳати технологӣ мутаносиб ва бо ҳам алоқаманд» муайян карда шудааст.

Иқтидори захиравии корхонаи кишоварзӣ маҷмӯи захираҳои меҳнатӣ, табиӣ ва моддиро ифода мекунад, ки бо миқдор, сифат ва сохтори дохилии ҳар кадоми онҳо фарқ менамояд. Усулҳои татбиқшавандаи баҳодиҳии иқтидори кишоварзӣ, аз нуқтаи назари мавҷудияти намудҳои алоҳидаи захираҳо, дар хоҷагиҳо пурра нестанд, зеро натиҷаҳои истеҳсолӣ дар ҷараёни бо ҳамдигар истифода бурдани тамоми захираҳои мавҷуда ташаккул меёбанд.

Барои баҳодиҳии иқтисодии замин дар ҷумҳурӣ аз нақшаҳои дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ таҳишудаи тақсимоти ноҳияҳои табиию иқтисодӣ истифода мемешавад. Муайян намудан сарҳадҳои минтақаҳои агроиқлимӣ танҳо бо воситаи ҳосилхезии замин, дар баробари ба инобат нагирифтани дигар омилҳо ғаири имкон аст. Истифодаи усулҳои анъанавии ноҳиябандии табиию кишоварзӣ дар чунин вазъият арзиши кадастриро ба сатҳи ҳосилнокии инфиродии замин дар хоҷагиҳои мушаххас, ки ҳамчун манбаи иттилооти иқтисодӣ хизмат мекунанд, аслан коҳиш медиҳад. Ба ҳамин тариқ, арзиши мӯътадили ҷамъиятии ҳосилнокии биологии замин аз ҳисоби захираҳои иқлимӣ вайрон карда мешавад.

Тоҷикистон аз дигар кишварҳо бо он фарқ менамояд, ки ҳудуди онро кӯҳҳои баланд бо релефи хеле ноҳамвор фаро гирифтааст. Вобаста ба мавҷуд будани куҳҳои хеле баланд, фосилаи бузурги баландиҳои мутлақи минтақаҳои кишоварзӣ фарқ карда мешаванд, ки дар онҳо тағйирёбии бениҳоят калони таъсири фаъоли шуои офтоб, тақсимоти гуогуни захираҳои гармӣ ва боришот ба миён меояд. Вобаста ба ин захираҳои иқлимии минтақаҳо дар баҳодиҳии иқтидори табиии замин, ҳосилхезии хок ва истеҳсолоти кишоварзӣ аз аҳамият холӣ нест. Бинобар ин зарур аст, ки ду паҳлуи баҳодиҳии иқтисодӣ ва кадастрии замин таҳлил карда шаванд:

1) баҳодиҳии сифатии замин аз рӯйи ҳосилнокии он, аз таъсири омилҳои иқлимӣ, сарфи назар аз ҳосилхезии худи хок;

2) баҳодиҳии замин дар асоси маводҳо барои баҳодиҳии хок аз рӯйи таркиби моддии онҳо дар шароити мушаххаси муҳити зист.

Дар баробари ин, шарти объективии аз рӯйи меъёрҳои зикршуда ҷойгир намудани микроҳудудҳо ва қитъаҳои алоҳидаи замин бо минтақаи амудии серзинаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, бешубҳа, бояд бо муаммоҳои ноҳияҳои иқлимӣ алоқаманд бошад. Вобаста ба меёрҳои зикршуда ба омилҳои агроиқлимӣ марҳилаи ибтидоии бунёдии корҳои баҳодиҳии замин илова мегардад, ки он барои муайян намудани арзиши маҳсулоти умумӣ ва даромади тафриқавӣ аз як воҳиди замин гирифташударо дар ҳудуди маҳалли муайян, бо дараҷаи миёнаи ҳозираи ҳосилхезии замин ва дараҷаи интенсификатсияи истеҳсолот муайян мекунад.

Иқтидори ниҳоии (ҳосилнокии) қитъаи муайяни замин бояд бо роҳи ислоҳи миқёси баҳодиҳии он аз рӯйи шароити иқлим, дараҷаи ҳосилхезии навъҳои хоки дар он ифодаёфта муайян карда шавад. Дар айни замон, ба фикри мо, таҳқиқоти илмии ноҳиябандии кадастрии агроиқлимӣ бояд бо раддабандии заминҳо аз рӯйи ҳосилхезӣ, ки институтҳои лоиҳакашӣ ҳангоми лоиҳакашии амалии истифодаи замин ба амал мебароранд, мувофиқат кунад.

Баҳодиҳии муқоисавии замин бо рушди ноҳиябандии кадастрии агроиқлимӣ маҳдуд мешавад, принсипи баҳодиҳии замин, на аз рӯйи амалияи муқарраргардидаи истифодаи онҳо дар хоҷагиҳо, балки аз рӯйи меъёрҳои истифодаи оқилонаи замин, ки аз ҳисоби беҳтар истифода бурдани иқтидори табиии замин самараи баландтарини истеҳсолиро таъмин менамояд, риоя карда шавад. Дар ин ҷо, усули таҳлили коррелятсионию регрессионӣ бо унсурҳои амсиласозии сохторҳои мураккаби истеҳсолӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ истифода шудааст. Интихоби ин усул бар инъикоси дурусти таъсири натиҷавии равандҳои ҷорӣ дар зери таъсири омилҳои объективона амалкунанда, ки ба ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд, асос ёфтааст.

Усулҳои баҳодиҳии мумайизавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили шохисӣ, ҳисоби конструктивӣ ва ғайра низ истифода мешаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии тахминӣ, ҳам дар баҳодиҳии хусусӣ ва ҳам умумии замин, инҳоянд:

1) маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД);

2) ҷуброни хароҷот (ҶХ);

3) маҳсулоти асосӣ (МА);

4) маҳсулоти иловагӣ (МИ) - фарқият ё дифференсиали даромад.

Меъёри умумии баҳодиҳии иқтисодии ҳосилнокии замин маҳсулнокии хароҷоти умумии меҳнати зинда ва гузашта дар сатҳҳои муқоисашавандаи шиддатнокии кишоварзӣ мебошад. Фарқи байни арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва хароҷоти умумии истеҳсоли он нишондиҳандаи мутлақи асоси моддии даромади дифференсиалӣ мебошад.

Шарти муҳими фарққунандаи баҳодиҳии иқтисодии замин хусусияти зироати киштшуда мебошад. Дар вилояти хатлон зироати аз ҳам бештар киштшаванда пахта мебошад, ки ба тағйирёбии ҳарорат ва иқлим ҳассо буда, тағйирёбии иқлимӣ ба фароҳашавии ҳосил ва сифати нахи пахта таъсир мерасонанд. Вобастагии бевоситаи ин нишондиҳандаҳо ба ҷамъи ҳарорати самарабахши мавсимӣ нашъунамо дорад. Дар баробари ин, ба инкишофи пахта ва сифати нах миқдори боришот дар давраи баҳор ва тирамоҳ таъсири баръакс мерасонад.

Аз ин рӯ, барои аз ҷихати илмӣ асоснок намудани минтақаҳои оқилона ҷойгир кардани зироатҳо баҳодиҳии миқдори таъсири захираҳои иқлимӣ ба ҳосилнокии онҳо зарур мебошад.

Аз ҷониби таҳқиқгарон усулҳои ба ҳисоб гирифтани ҳосилнокии биоиқлимии заминҳо пешниҳод шудааст, (вобаста ба ҷамъи ҳароратҳои фаъол ва шохиси намӣ аз рӯйи шкалаи Д.И. Шашко) имкон медиҳанд, ки танҳо баҳодиҳии умумии фазоии захираҳои иқлимӣ дар миқёси минтақаҳои бузурги табиие баҳодиҳии замин гузаронида шавад. Ин усулҳо имкон намдиҳанд, ки

дар ҳудудҳои нисбатан хурд, дар сатҳи микроҳудудҳо тақсимоти ин захираҳо гузаронида шаванд, чунки микроминтақаҳо бо қитъаҳои замини якчанд хоҷагиҳо дар релефи кӯҳсор ҷой гирифтаанд.

Аммо, маҳз равиши микроминтақавӣ муносибати мустақимро ба истифодаи амалии маводҳо барои баҳодиҳии иқтисодии замин аз рӯйи иқлим таъмин мекунад.

Дар ин ҳолат пешниҳоди П.Керзум, нақшаи ноҳияҳои табиию иқтисодии Тоҷикистон, ки ба муаммоҳои баҳодиҳии хок, бо назардошти омилҳои иқлимӣ, бахшида шудааст, муҳим мебошад. Пешниҳоди П.Керзум дар баробари «ба гурӯҳҳо ҷудо кардани хок аз рӯйи хосиятҳои физикию химиявӣ, геморфологӣ ва дигар хусусиятҳо дар синфҳо ва зерсинфҳо оварда шуда, бонитети хок мувофиқи хусусиятҳои иқлим фарқ менамояд ва барои таҳқиқот муҳим мебошад. Меъёри чунин баҳодиҳии хок аз рӯйи дараҷаи мусоид будан барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ барои таъмини гармӣ, фазо ва дигар шароитҳои иқлимӣ талаботи гуногун дорад».

Дараҷабандии баҳодиҳии сифатии хок аз рӯйи омили иқлимӣ вуҷуд надорад. Ин низоми баҳодиҳӣ, ки аз рӯйи таркиби моддии онҳо, сарфи назар аз параметрҳо гузаронида мешавад, барои баҳодиҳии маҷмаавии ҳосилнокии зироатҳо номувофиқ мегардад.

Баҳодиҳии замин аз рӯйи захираҳои гармӣ фарқияти назарраси арзиши қиёсии заминро нишон медиҳад. Мо захираҳои гармиро дар ноҳияи Шаҳритус 100 балл ҳисоб намудем. Аз рӯйи миқдори камобӣ ва намӣ, ки хушкии иқлимро тавсиф мекунад, заминҳои минтақаи Шаҳритус 91 балл ҳисоб карда мешаванд. Ҳадафи ниҳоӣ муайян кардани баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сифати ҳудудҳои замин, ҳамчун маҳсули баҳодиҳии омилҳои иқлимии дар боло номбаршуда, мебошад, ки барои муқоисаи дигар қитаҳои замин истифода мешавад. Баҳодиҳии методологии мо аз рӯйи маълумоти истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ (гидрометеорологӣ) чунин аст (ҷадвали 1.5.).

Баҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки муқоиса намудани қитъаҳои гуногуни замини, зери таъсири маҷмӯи муайяни омилҳои иқлимӣ ва биологӣ, гузаронида шаванд. Ин нуқтаи муҳими методологӣ буда, ҳудудҳои замин танҳо аз рӯйи захираҳои термикӣ муайян карда мешаванд, гарчанде, ки захираҳои номбурда дар ҳалли масъалаи маҳдуд кардани сарҳадҳои имконпазири парвариши зироатҳо, ҳалкунанда мебошанд.

Ҷадвали 1.5. - Баҳодиҳии бонитетии омилҳои иқлимӣ барои баҳодиҳии заминҳои пахта дар истгоҳҳои обуҳавсанҷии минтақаҳои алоҳида

1. Бо захираҳои гармидиҳӣ.				
Стансияҳои гидрометеорологӣ	Маҷмӯи ҳарорати самаранок	Ҷамъоварии ҳарорат дар зиёда аз 2000^0	Шумораи нуқтаҳо барои захираҳои гармидиҳӣ зиёда аз 2000 д. 3:2	Арзёбии умумии захираҳои гармидиҳӣ (бо хол) гр.4+50
Шаҳритус Кӯлоб	3010 2640	**1010** 640	50 32	**100** 82
2. Мувофиқи боришоти баҳорӣ.				
Минтақа	Ҷамъи боришот, мм.	Камшавӣ нисбат ба ҳадди аксар (200мм-гр.2).	Шумораи нуқтаҳо аз хисоби кам шудани боришот нисбат ба ҳадди аксар.	Раддабандии умумӣ мувофиқи шароити намноккунанда (бо хол) гр4+50.
Шаҳритус Кӯлоб	38 112	162 88	41 22	91 72
3. Аз рӯйи миқдори нарасидани намии тирамоҳӣ.				
Минтақа	Ҷамъи норасоии боришот, мм	Шумораи нуқтаҳо барои касри намӣ-гр2:36.	Арзёбии умумии камбудиҳо (бо хол) гр3+50.	
Шаҳритус Кӯлоб	1489 836	41 23	91 73	

Шаҳритус – 1,00 х 0,91 х 0,91 = 0,828 ё 83 балл;

Кӯлоб – 0,82 х 0,72 х 0,73 = 0,431 ё 43 балл.

Методологияи баҳодиҳии шароити иқлимии худудҳо барои муайян кардани баҳои иқтисодии замин, нисбат ба усулҳои анъанавии ноҳиябандии агроиқлимӣ, равиш ва имкониятҳои принсипан нав мекушояд. Усули пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки тақрибан бо дақиқии кофӣ дар харитаҳои

калон параметрҳои иқлимии нуқтаҳои ҷуғрофӣ дар ҳудуди як ё якчанд минтақаҳо муайян карда шуда, ин усул аз усули дар амалияи кори баҳодиҳии замин қабулшуда фарқ менамояд. Бо воситаи ин усул хоҷагиҳои ин ё он ноҳияи маъмурӣ метавонанд аз рӯйи захираҳои иқлимӣ баҳодиҳии баллӣ гузаронанд.

Ҳамин тавр, методологияе, ки дар боло мавриди муҳокима қарор гирифт, масъалаи таносуби миқдори ҳосилнокии заминҳо ва омилҳои муайянкунандаи онро низ ҳал намекунад, гарчанде ки равишҳои методологӣ барои дар амалияи кори баҳодиҳӣ истифода бурдани онҳо заминаи қобили қабул ба вуҷуд меорад. Баҳодиҳии сифати замин танҳо ба шароити парвариш ва нашъунамои растанӣ вобаста буда, норасоии ин усули арзёбӣ дар он аст, ки барои муайян кардани ҳосилнокии табии онҳо, нисбат ба зираотҳои дигар ва алоқаманди махсусгардонии соҳа дар дигар минтақаҳои табиию иқтисодии вилоят, комилан қобили татбиқ нест.

Роҳи аз ин муаммо баромадан ин усулҳои муқаррар намудани вобастагии бевоситаи миқдории ҳосилнокии заминҳо аз омилҳои иқлимӣ мебошад, ки дар асоси таҳлили коррелятсионию регрессионӣ иваз кардани низоми баҳодиҳии сифат дида мешавад. Аммо ин талаб мекунад, ки роҳҳои ба ҳам пайвастани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиҳоро бо хусусиятҳои иқлимии замини онҳо бо роҳи экстраполятсияи маълумотҳои истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ таҳлил намоем.

Мушкилоти ҳалли назариявӣ ва илмии ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро аввалин бор классикони илми иқтисодиёт пешниҳод кардаанд. Таҳқиқотҳои ин коршиносон масъалаҳои асосҳои иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасон ва меъёрҳои ба мақсад мувофиқ будани ҷойгиркунӣ ва махсусгардондани истеҳсолоти кишоварзиро ба таври пурра ва боварибахш инъикос намудаанд. Масъалаҳои ҷогйиркунонӣ ва махсусгардонӣ дар таҳқиқотҳои илмии таҳқиқгарони ҳозираи илми иқтисодиёт боз ҳам мукаммалтар гардидаанд.

Тақсимбандии ноҳияҳои маъмурии кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду марҳила ҷудо намудан мутлақо асоснок аст:

1) бо мақсади рушди истеҳсолоти кишоварзӣ тақсимбандии ҳудудҳо ба ноҳияи табиию таърихӣ;

2) бо назардошти шароити табиӣ тақсимбандии ҳудудҳои кишоварзӣ.

Ба мақсади ба назар гирифтани рушди соҳаи кишоварзӣ ва зарурияти махсусгардонии амиқ мтақсимоти нави тамоми ноҳияҳои иқтисодию ҷуғрофӣ дар низоми тақсимоти минтақавии меҳнат бо шакли нав зарур аст. Тақсимбандии ҳудудҳои кишоварзӣ бояд бо пурра ба инобат гирифтани шароити табиӣ анҷом дода шавад. Мувофиқи чунин арзёбӣ, баҳодиҳии шароити табиӣ бояд чунин муамоҳоро ифода намояд:

- барои зираатҳои парваришшавандаи аз ҷихати иқтисоди фоидаовар мувофиқ будани маҷмӯи шароитҳои табиӣ (иқлим, хок, об ва ғайра). Афзалиятнок будани минтақаҳои биоҷуғрофии ҷойгиркунонии зираотҳои асосии кишоварзӣ ба монанди пахта, гандум, шолӣ ва ғайраро ҷорӣ намудани ин намуди арзёбӣ имконият медиҳад.

- баҳодиҳии иқтисодии шароити табиӣ аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ва даромади соф ба воҳиди замин бо сохтори оқилона ва агротехникаи кишоварзии минтақаҳои табиӣ.

Барои ноилшудан ба оптималиконии кишоварзӣ усулҳои гуногун лозим бошад ҳам, вале мақсади он устувории соҳаи кишоварзӣ аст. Бинобар ин, ҳалли мушкилоти дар боло овардашуда бо оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсугардони истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда мешавад.

Махсусгардонӣ самти сифатии рушди пурмаҳсули хоҷагии қишлоқро муайян мекунад. Дараҷаи асосноккунии иқтисодии пешомадҳои тараққиёти соҳаҳо ва фаъолияти онҳо ҳар қадар баланд бошад, шароити агроиқлимии истеҳсолот пурра ба назар гирифта шавад, ҳаҷм ва сохтори истеҳсоли маҳсулот барои солҳои зиёд ҳамон қадар устувортар мегардад.

Ба шумора ва таркибсозии гуногуни соҳаҳо алоқаи байни соҳаҳои гуногуни истеҳсолот таъсир мерасонад, ки метавонанд рақобатпазир,

пурракунанда ва алоқаманд бошанд. Соҳаҳои рақобатпазирро метавон соҳаҳое ҳисоб кард, ки дар як вақт захираҳои якхеларо истифода мебаранд.

Соҳаҳои иловагӣ дар хоҷагиҳо вақте ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ба рушди соҳаи асосӣ мусоидат мекунанд. Ҷиҳати мусбати инкишофи истеҳсолоти серсоҳа аз он иборат аст, ки вай ба ҳамдигар мувофиқат кардани соҳаҳои гуногунро таъмин намуда, дараҷаи хавфи тиҷоратиро паст мекунад. Зарар дар як соҳа метавонад аз ҳисоби даромади дар соҳаи дигар ба даст овардашуда ҷуброн карда шавад. Бинобар ин, оптималикунонии соҳаҳои кишоварзӣ барои рушди корхонаҳои кишоварзӣ ниҳоят муҳим аст.

Раванди оптималикунонии фаъолияти истеҳсолии корхонаи кишоварзӣ дар амал омӯзиши ғунҷоиши бозор ва муайян намудани имкониятҳои ҳақиқии фурӯши маҳсулоти онро ба истеъмолкунандагон бо нархҳои мусоид дар бар мегирад. Молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҳангоми интихоби самти самарабахши хоҷагидорӣ бояд кушиш кунанд, ки тамоми имконияту хусусиятҳои дар ихтиёрашон буда - шароити мусоиди хоку иқлим, шароити иқтисодӣ, мавҷуд будани захираҳои моддию техникӣ, кадрҳои ихтисоснок, ҷойгиршавии мусоиди хоҷагӣ ва ғайраро самаранок истифода баранд.

Самарнокии фаъолияти корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ аз маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ ва биологӣ вобаста аст. Бинобар ин дурсут арзёбӣ накардани ин омилҳо имкониятҳои истеҳсоли ва иқтидорҳои хоҷагиҳои кишоварзиро ё маҳдуд ё афзун мекунанд. Моҳияти принсипи афзалият дар он зоҳир мегардад, ки иқтисодиёт метавонад ба истеҳсоли маҳсулоте махсус гардонида шавад, ки афзалиятҳои нисбӣ дорад. Ин принсип на танҳо барои иқтисодиёти алоҳида, инчунин барои тамоми минтақаҳо ва давлатҳо низ хос аст. Махсусгардонӣ ба хоҷагиҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти худро ба истеҳсоли ҳамон маҳсулоте равона кунанд, ки фоидаи баландтар доранд. Мавҷуд будани шумораи зиёди соҳаҳо имкоиият медиҳад, ки ба ҳам пайвастани самтҳои гуногуни истеҳсолиро ба вуҷуд оварда, захираҳои мавҷударо самараноктар истифода баранд. Дар баробари ин,

шумораи зиёди соҳаҳо метавонад боиси паст шудани самаранокии идоракунӣ гардад.

Раванди интихоби самти истеҳсолии корхона аз муқаррар намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии захираҳои корхона оғоз мешавад. Сипас, дар асоси вариантҳои гуногун талаботи захираҳо муайян карда шуда, барои ҳисоб кардани ҳаҷми фоида буҷети корхона тартиб дода мешавад.

Яке аз шартҳои муҳиме, ки дар фаъолияти корхона ба миён меояд, ин ҳамгироии якчанд соҳаҳои хоҷагии қишлоқ мебошад. Чунки алоқаҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ ва технологии байни онҳо, ки характери вазифавӣ доранд ва таъмин намудани чорво бо хурока ва соҳаи зироаткорӣ - бо нуриҳои органикӣ муҳимтаринашон мебошанд. Муаммои андоза ва оптималикунонии таносуби соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бояд бо ҷустуҷӯи ҳадди мувофиқи махсусгардонии ҳар як соҳа ҳал карда шаванд. Дар ин бобат омӯхтани тафриқабандии ҳудудии соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, тағйироти усулҳои хоҷагидорӣ, дараҷаи шиддатнокнокӣ, технологӣ ва ташкилию истеҳсолии ин соҳаҳо аҳамияти калон дорад.

1.3. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурати оптималикунонии онҳо

Амнияти иқтисодӣ, ки яке аз ҷузҳои асосии амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, аз сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Амнияти иқтисодии кишвар дар асоси шароити рушди устувори иқтисодӣ ба миён омада, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар ва таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисоӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Амнияти озуқаворӣ яке аз қисматҳои ҷудонашавандаи амнияти иқтисодӣ мебошад.

Барои пурра таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, ки барои истеҳсоли озуқаворӣ заруранд, лозиманд. Амнияти озуқаворӣ пеш аз ҳама аз

инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шабакаҳои тақсимот ва фурӯш, сатҳи технологии равандҳои истеҳсолот ва сиёсати иқтисодии пешгирифта дар соҳаи хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Таҳлили таҷрибаи мамлактҳое, ки захираҳои ками замин, иқтидори патси қуввахои истеҳсолокунадаро доранд ва ё аз сатҳи пасти идоракунии иқтисодиётро доро мебошанд, аҳолии худро бо маводи хурокворӣ таъмин карда наметавонанд ва ба воридоти хурокворӣ аз хориҷи кишвар такя мекунанд. Аммо, ҳатто кишварҳое, ки соҳиби тамоми захираҳои истеҳсолианд, барои истеҳсол ва содироти озуқа сабабҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ доранд. Иёлоти Муттаҳидаи Америка барои рушди хоҷагии қишлоқ захираҳои мусоиди табиӣ ва фонди бузурги замин доранд. Аз қаламрави маъмурии Иёлоти Муттаҳидаи Америка зиёда аз 50 фоизи он ба заминҳои хоҷагии қишлоқ дохил мешаванд ва соҳаи кишоварзӣ танҳо дар иёлотҳои Аляска ва Кордилера имконнопазир мебошад. Захираҳои агроиқлимӣ низ мусоид буда, дар минтақаҳои мӯътадил зироатҳои субтропикӣ ва дар ҷануби Флорида зироатҳои тропикӣ низ парвариш карда мешаванд.

Хоҷагии қишлоқи ИМА бо дараҷаи баланди тараққиёт, ҳаҷми зиёд ва гуногунии маҳсулот фарқ менамояд ва қариб 25%-и маҳсулоти ҷаҳон дар ин ҷо истеҳсол карда мешавад. Соҳаи зироаткориро, пеш аз ҳама, майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона муайян мекунанд, ки 2/3 ҳиссаи майдонии умумии киштро ишғол мекунанд. Ғизои асосии аҳоли ИМА гандум мебошад, вале аз заминҳои кишти ҷуворимакка ва зироатҳои хӯроки чорво ба миқдори зиёд маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дар байни зироатҳои равғандор - лубиё, ки барои истеҳсоли равған ва хуроки чорво истифода мешавад, ҷои якӯмро ишғол мекунад. Дар байни зироатҳои техникӣ - пахта аз ҳама бештар кишт карда шуда, дар баробари дигар зироатҳо, лаблабуи қанд ва найшакар низ парвариш карда мешаванд.

Дар соҳаи чорводории ИМА асосан чорвои калони шохдор парвариш карда мешавад. Ин соҳа аҳолиро аҳолиро бо маҳсулоти ширӣ ва гушт таъмин менамояд. Дар соҳа чорводории кишвар инчунин, хук ва парранда низ

парвариш карда мешаванд ва ҳамасола тақрибан 4 миллиард тонна бройлер истеҳсол карда мешавад. Хусусияти муҳими комплекси агросаноатии ИМА ба содирот нигаронида шудани он аст, ки ҳиссаи он дар содироти ҷаҳонӣ: 1/3 - барои гандум, 1/2 - барои лубиё, 2/3- барои ҷуворимакка мебошад.

Шароитҳои гуногунии табиӣ, даромаднокии зиёд ва тараққиёти соҳаи нақлиёт барои махсусгардонии тамоми минтақаҳое, ки дар ИМА ҳастанд, замина ба вуҷуд овардаанд. Минтақаи иқлимии ширии ИМА дар шимолу шарқ воқеъ аст ва қисми асосии заминҳои хоҷагии қишлоқро чарогоҳҳо ва алафзорҳо ишғол намуда, барои хӯрокаи сабз бисёр зироатҳо парвариш карда мешаванд.

Дар ҷануби ИМА майдонҳои калони кишоварзӣ мавҷуд буда минтақаи истеҳсоли ҷуворимакка дар ин ҷо ҷойгир шудааст, ки зироатҳои лубиё ва гандум дар ин ҷо истеҳсол карда мешаванд. Минтақаи иқлимии пахта дар иёлатҳои ҷанубу шарқӣ ҷойгир аст, ки бо истифода аз шабакаҳои обёрӣ парвариш карда мешавад ва ба яке аз калонтарин минтақаҳои пахтакории ҷаҳон дохил мегарад.

Минтақаи парвариши чорво, вобаста ба шароити иқлимӣ, захираҳои майдонҳои чарогоҳ ва иқтидори иқтисодӣ, дар шимолу ғарб ҷойгир буда, тамоми иёлатҳои кӯҳиро бо қисматҳои ҳамсоя ишғол мекунад. Самти асосии махсусгардонӣ парвариши чорвои ҷавон мебошад, ки дар фермаҳои чорвои калони шохдор даҳҳо ҳазор сар чорво парвариш карда мешаванд.

Дар минтақаҳои боқимондаи қаламрави ИМА соҳаҳои боғдорӣ ва сабзавоткорӣ ҷойгир карда шуда, махсусгардонии ин соҳаҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар сохтори корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ҳоҷагиҳои оилавӣ бартарӣ доранд, ки тақрибан 90% корхонаҳоро ташкил медиҳанд ва 93% маҳсулоти умумии минтақаро истеҳсол мекунанд. Одатан, ҳар як хоҷагии оилавӣ бо як ширкати агросаноатӣ шартнома мебандад. Ин ширкат деҳқонро бо техника, нуриҳои минералӣ, тухмӣ таъмин намуда, инчунин дастгирии илмию методӣ

мерасонад. Ҳамин ширкат ба деҳқонон муҳлати аниқи супурдани маҳсулот, андоза ва сифати онро нишон медиҳад. Аз тарафи деҳқон иҷро накардан нишондиҳандаҳои сифат ва ё таъхир намудан дар иҷрои муҳлатҳо таҳдиди қатъи шартнома ва харобии комилро дорад.

Мутобиқ набудани муҳлати ҷамъоварии ҳосил дар минтақаҳои кишти гандуми тирамоҳӣ ва баҳорӣ боиси ба кор бурдани чунин усули оқилонаи ҷамъоварии ҳосилот, ба монанди аз ҷануб ба шимол гузарондани техникаи ҳосилғундор дар вақти пухта расидани гандум мегардад.

Гузашта аз ин, ҷамъоварии ҳосилро на худи деҳқонон, балки ширкатҳои махсусе анҷом медиҳанд, ки ҳам таҷҳизот ва ҳам қувваи корӣ мефиристанд.

Дар вақтҳои охир дар маҷмааи чорводории гуштӣ комбинатҳои беназири гушт ба вуҷуд омаданд. Инҳо хоҷагиҳои бузурги фарбеҳкунӣ мебошанд, ки то 100 ҳазор сар чорвои калони шохдорро дар фермаҳо нигоҳ медоранд. Бо ин мақсад барои 200 - 250 сар оғилхона сохта мешавад, ки дар онҳо ба чорво ба таври автоматӣ хӯрок, об дода мешавад ва миқдораш ба воситаи зеҳни сунъӣ муайян карда мешавад.

Барои рушди устувори кишоварзии ИМА, ба ғайр аз шароитҳои иқлимӣ, инчунин шабакаи роҳҳои он асос гузоштааст. Низоми нақлиёти ИМА дар ҷаҳон хеле тараққикарда буда, аз ҷиҳати дарозии роҳҳо, аз ҷиҳати гардиши маҳсулоту коло ва одамкашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ ҷои якумро ишғол мекунад. Дарозии тамоми шоҳроҳҳои ИМА зиёда аз 6,5 миллион километрро ташкил медиҳад, ки ин 20% тамоми роҳҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дарозии умумии роҳҳои обии дохилии ИМА 41 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ дар роҳҳои дарёӣ бо истифода аз киштиҳои худгард анҷом дода мешавад.

Канада дар самти содироти озуқаворӣ дар ҷаҳон ҷои дуюмро ишғол мекунад, зеро вай хоҷагии қишлоқи тараққикарда дорад, ки бо дараҷаи баланди механикунонӣ, махсусгардонӣ, ҷойгиркунии соҳаҳо

оптималикунонии онҳо ва фурӯши маҳсулот фарқ мекунад. Инчунин захираи зиёди замин дошта, аҳолиаш кам нисбат ба масоҳати ишғолкардааш назар ба дигар мамлакатҳо кам мебошад. Дар Канада 80 фоизи заминҳои хоҷагии қишлоқ дар хоҷагиҳои калони фермерӣ, ки ҳаҷми онҳо бештар аз 50 гектарро ташкил медиҳад, ҷойгир шудаанд.

Хоҷагии қишлоқи Канада на танҳо аҳолиро бо озуқа таъмин мекунад, инчунин дар савдои берунии мамлакат нақши калон иҷро менамояд. Хоҷагии қишлоқ асосан ба парвариши ғалладона, махсусан гандум, нигаронида шуда, содироти гандум мавқеи махсусро ишғол мекунад ва дар ин бобат Канада дар ҷаҳон, баъд аз ИМА, ҷои дуюмро ишғол мекунад. Хоҷагии қишлоқи Канада бо афзоиши босуръати ҳосилнокии меҳнат яке аз минтақаҳои сермаҳсултарин дар ҷаҳон мебошад. Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ қариб 5 фоизи аҳолии қобили меҳнат кор мекунад, ки 75 фоизи маҳсулоти умумии тиҷоратиро истеҳсол мекунанд. Шароити мусоиди иқлим ва масоҳати васеи заминҳои ҳосилхез ба тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ мусоидат мекунанд. Соҳаи хоҷагии қишлоқ қариб 8 фоизи масоҳати Канадаро ишғол мекунад, ки қисми зиёди онро заминҳои корам ва чарогоҳҳо ишғол мекунанд.

Муҳимтарин ноҳияи хоҷагии қишлоқ Канадаи марказӣ мебошад, ки дар он соҳаҳои сабзавоткорӣ, боғу токдорӣ, чорвопарварӣ ва мурғпарварӣ пеш бурда мешаванд. Соҳаҳои дуюми тараққикардаи Канада, пас аз кишоварзӣ, моҳидорӣ мебошад, ки дар асоси захираҳои биологии уқёнусҳои Атлантик ва Уқёнуси Ором рушд карда истодааст. Низоми нақлиёти Канада, ба монанди ИМА, низ хуб инкишоф ёфтааст, ки ин ба заминҳои калон, ҷойгиршавии он дар соҳил, хусусияти мавқеи иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва содиротии он вобаста аст.

Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз ҷумлаи бузургтарин истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таъминкунандагони пешбари маҳсулоти хӯрокворрии тайёр мебошанд. Шароити иқлимӣ ва иқтисодие, ки дар он соҳаҳои кишоварзии Иттиҳоди Аврупо фаъолият мекунанд, ба

ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонӣ, инчунин оптималикунонии хоҷагии қишлоқ мусоидат менамоянд. Омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи идоракунии стратегии Иттиҳоди Аврупо дар таҷрибаи Тоҷикистон ҷузъи муҳими таҳкими рақобатпазирии дарозмуддати маҷмааи агросаноатӣ мебошад.

Мушкилоти асосии ҷаҳонӣ, ки дар асоси онҳо стратегияи рушди маҷмааи агросаноатии Иттиҳоди Аврупо сохта мешавад, инҳоянд:

Афзоиши аҳолӣ вобаста ба кӯҷиши аҳолӣ аз минтақаҳо ба Африко ва Осиё. Таҳлилгарони Иттиҳодияи Аврупо аз пешгӯиҳои Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) истинод мекунанд, ки вобаста ба афзоиши аҳолӣ, истеҳсоли ғизо то соли 2050 бояд 60% афзоиш ёбад.

Тағйироти муҳити зист. Дастрасии маҳдуд ба захираҳои асосӣ (замин, об) омили муҳимест, ки ба рушди кишоварзӣ халал мерасонад. Дар ин самт бояд ба таназзули хок, маҳдуд кардани усулҳои кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ зараровар, аз даст додани назорати табиии биологӣ бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемориҳо, гум шудани гуногунии генетикӣ диққати махсус зарур аст. Тибқи таҳлили коршиносони соҳа 75%-и заминҳои кишоварзӣ мавриди эрозия қарор доранд, ки қариб 20%-и онҳо дар як сол зиёда аз 10 ҳаз.тонна ҳосили бадастмеомадаро аз даст медиҳанд.

Кишоварзӣ манбаи 10%-и партовҳои гази карбон (CO_2) дар Иттиҳоди Аврупо ва зиёда аз 50%-и дигар газҳои гулхонаӣ мебошад. Маҷмааи агросаноатӣ низ манбаи 90 - 95 фоизи партовҳои аммиак мебошад. Ҳадафҳои асосии Иттиҳоди аврупо дар ин ҷо коҳиш додани партовҳои кишоварзӣ ва таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаи кишоварзӣ мебошанд.

Қобилияти иқтисодии кишоварзӣ шарти асосии амнияти озуқаворӣ дар Иттиҳоди Аврупо мебошад. Дар Иттиҳоди Аврупо сатҳи даромади истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз дигар соҳаҳо нисбатан кам мебошад, ки мушкилоти асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Ноустувории нархҳои ҷаҳонӣ ва тағйирёбии шеваи истеъмоли ғизо дар саросари ҷаҳон ба бахши кишоварзӣ таъсири назарраси ноустуворкунанда доранд. Кишоварзӣ на танҳо ғизо,

инчунин манбаи асосии захираҳои барқароршаванда, аз қабили сӯзишвории биологӣ, биохимиявӣ, маводи биологӣ мебошад. Стратегияи дарозмуддати навовариҳои кишоварзӣ яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маҷмааи агросаноатӣ маҳсуб мешавад. Ин стратегия, пеш аз ҳама, ба таъмини рушди устувор ва масъалаҳои амнияти озуқаворӣ нигаронида шудааст.

Ба ҳалли масъалаҳои ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонӣ дар доираи татбиқи стратегияи рушди соҳаи кишоварзӣ, инчунин ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ҷалби ташкилотҳои гуногуни қаламравию байналмилалӣ, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Яке аз афзалиятҳои асосии маҷмааи агросаноатии Иттиҳоди Аврупо дастрасии васеъ ба захираҳои муҳимтаринест, ки истеҳсолоти кишоварзиро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, омилҳое, ки барои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо чолишҳои ҷаҳонӣ мебошанд, аз қабили афзоиши аҳолии кураи замин, тағйирёбии иқлим ва муҳити зист ва ғайра, ба имкониятҳои рушд ва баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ табдил меёбанд.

Роҳи асосии тараққиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон мустаҳкам намудани алоқаҳои берунии иқтисодӣ, ба системаи байналхалқии тақсимоти меҳнат бештар ҷалб намудани маҷмааи агросаноатии мамлакати мо мебошад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани таҷрибаи кишварҳои дорои содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ки маҳсулоти дорои арзиши иловагии баландро дар бозори ҷаҳонӣ самаранок пешбарӣ мекунанд, муҳим аст.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон солҳои охир ба содироткунандаи васеи маҳсулоти кишоварзӣ табдил ёфтааст. Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои аз ҳама бештар танзимшавандаи иқтисодиёти Ӯзбекистон мебошад. Кишоварзии Ӯзбекистон яке аз соҳаҳои аз ҷониби давлат танзимшавандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Соҳаи кишоварзӣ ба ислоҳоти шадид ниёз дошта, 70,0 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқоние, ки ҳамагӣ 11,3 фоизи заминро дар ихтиёр доранд, истеҳсол карда мешавад.

Ҳуқуқи моликияти истеҳсолкунандагони асосии кишоварзӣ на он қадар хуб ҳифз карда мешавад. Механизмҳои мавҷудаи ташаккули фармоишҳои давлатӣ ва низоми нархгузорӣ парвариши пахта ва ғалладонагиро барои аксари деҳқонон зиёновар мегардонад.

Соҳаи кишоварзӣ хеле хуб ҷойгиронида ва махсус гардонида шудааст, ки аз оптималикунонии баланди соҳа дарак медиҳад. Маълумотҳои коршиносони соҳа нишон медиҳанд, ки 53,2 фоизи арзиши маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби соҳаи растанипарварӣ ва 46,8 фоиз - аз ҳисоби соҳаи чорводорӣ ба вуҷуд меояд. Қариб нисфи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва дар хоҷагии қишлоқ 3,7 миллион нафар (27,2% аз шумораи умумии шуғли аҳолӣ) фаъолият доранд.

Ба монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Ӯзбекистон ҳам дар охири солҳои 80-ум ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ, шурӯъ кард. Ҳануз соли 1989 барои ташкили хоҷагиҳои ёрирасони хусусии аҳолии деҳот аз колхозу совхозҳои собиқ масоҳати зиёди заминҳои кишоварзӣ дода шуда буд. То соли 1994 ҳамаи колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои кооперативӣ табдил дода шуданд. Дар ибтидои солҳои 2000-ум хоҷагиҳои хусусӣ ба ҷои хоҷагиҳои кооперативӣ, ҳамчун субъектҳои асосии истеҳсолоти тиҷоратии кишоварзӣ, баромад карданд. Новобаста ба ислоҳоти гузаронидашуда, қисми зиёди маҳсулоти хоҷагии қишлоқро на онҳо, балки хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (ёрирасони шахсӣ) истеҳсол мекунанд.

Хоҷагиҳои деҳқоние, ки 85,2% заминҳои барои зироаткорӣ, боғу токзорҳо ҷудошударо дар ихтиёр доранд, тақрибан 27-30 фоизи маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамоянд. Вазъият замони гузаштаро ба хотир меорад, ки қисми зиёди навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ на дар хоҷагиҳои калон (колхозу совхозҳо), балки дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасон истеҳсол карда мешуд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ истеҳсолкунандагони калони маҳсулоти тиҷоратии кишоварзӣ мебошанд, ки андозаи ҳадди ақали қитъаи замин барои хоҷагиҳои

пахтакорӣ ва ғаллакорӣ 30 гектар ва барои хоҷагиҳои дигар - 5 гектар мебошад. Қитъаҳои замин аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ба иҷораи дарозмуддат, ба мӯҳлати то 30 сол, бо ҳуқуқи тамдиди шартномаи иҷора ва додани ҳуқуқи иҷора ба тариқи мерос, дода мешаванд. Хоҷагӣ дар вақти ҷудо кардани қитъаи замин уҳдадор мешавад, ки:

а) арзиши ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ аз арзиши кадастрӣ кам набошад;

б) уҳдадориҳои руёндан ва фурухтани пахта ва ғалла (барои хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи пахтакорӣ ва ғаллакорӣ) иҷро карда шавванд.

Дар давоми се соли пай дар пай риоя накардани яке аз ин талабот бекор кардани шартномаи иҷора ва мусодираи қитъаи замин сурат мегирад.

Хусусияти асосии махсусгардонии соҳаи кишоварзии Узбекистон дар он аст, ки ду зироати кишоварзӣ - пахта ва гандум асосан барои эҳтиёҷоти давлат истеҳсол карда мешаванд. Солҳои охир як андоза кам кардани заминҳои барои кишти ҳатмии пахта ҷудошуда, пеш аз ҳама, барои ҷойгир намудани соҳаҳои боғдорӣ ва сабзавотпарварӣ истифодабарии онҳо мушоҳида мешавад. Аммо майдонҳои парвариши пахта ва ғалла беш аз се ду ҳиссаи заминҳои барои киштзор, боғу токзорҳо ҷудошударо банд кардаанд.

Абзорҳои мавҷудаи ташаккули фармоишҳои давлатӣ ва низоми нархгузорӣ, махсусгардонии кишоварзиро ба парвариши пахта ва ғалла зиёд карда, барои аксари деҳқонон зиёновар гаштаанд. Илова бар ин, қитаҳои замин дар ҷумҳури нисбатан маҳдуд, буда асосан барои зироатҳое, ки барои деҳқонон парваришашон ҳатмӣ мебошад ҷудо карда шудаанд. Вобаста ба шароити бимиёномада раванди махссгардонии кишоварзӣо назардошти шароитҳои табиӣ, миқдори нокифояи об, тахассуси кадрҳо ва ғайра, оптималӣ кунанд. Аксар вақт, вобаста ба хусусиятҳои хоку иқлим, мавҷудияти об, тахассуси кадрҳо ва дигар шароитҳои инфрасохторӣ ва молиявӣ, дар заминҳои барои пахтакорӣ ва гандумкорӣ ҷудошуда парвариши дигар зироатҳо ҳосилхезии бештарро таъмин менамояд. Аммо деҳқон сохтори

маҳсулоти истеҳсолшударо оптималӣ карда наметавонад, зеро замини барои кишти пахта ва гандум ҷудошударо барои мақсадҳои дигар истифода бурдан манъ аст.

Вобаста ба шароити табиию иқлимии ҷумҳурӣ, руёндани гандум барои ғизои аҳолӣ, ки ба талаботи саноати хурокворӣ мувофиқ аст, душвор аст. Давлат кӯшиш мекунад, ки ин масъаларо бо маблағи зиёд барои интихоби навъҳои нави ба шароити хоку иқлими мамлакат ва ҳатто ҳар як минтақаи алоҳида мувофиқ маблағгузорӣ намояд, вале ин ҷараёни тӯлонию гаронарзиш аст. Дар ҳамин ҳолат, бисёр хоҷагиҳоро на ба парвариши гандум, балки ба истеҳсоли маҳсулоти меваю сабзавот, ки Ӯзбекистон барои ин, нисбат ба соҳаи ғаллапарварӣ, афзалиятҳои зиёди табиӣ, таърихӣ, технологӣ ва тахассусӣ дорад, махсус гардонидан хеле фоиданоктар аст.

Мавҷудияти фармоишҳои ҳатмии давлатӣ ба соҳаи чорводорӣ таъсири манфӣ мерасонад, зеро сарфи назар аз афзоиши назарраси саршумори чорво, ҳаҷми майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 3-4 маротиба кам шудааст. Инчунин, бисёр хоҷагиҳо дар вазъияти ниҳоят вазнини молиявӣ қарор дошта, барои нигоҳ доштан ва беҳтар намудани ҳосилхезии замин, ҷорӣ намудани агротехникаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла агротехникаҳои сарфакунандаи об, ҳавасмандӣ ва захираҳои молиявӣ надоранд. Мушкилоти мавҷуда ба кам шудани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва иқтидори соҳаи кишоварзӣ оварда мерасонад, зеро низоми мавҷудаи хоҷагидорӣ барои оптималикунонии сохтори истеҳсолот, бо назардошти афзалиятҳои муқоисавӣ, имконият намедиҳад. Ҳамаи ин имкониятҳои тараққиёти соҳа, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии ҳам сокинони деҳот ва ҳам аҳолии мамлакатро маҳдуд мекунад.

Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (ғайр аз пахта), мувофиқи маълумотҳои расмӣ, сол то сол меафзояд. Ин, хусусан ба маҳсулоти меваю сабзавот дахл дорад, зеро истеҳсол, коркард ва содироти он низ меафзоянд.

Афзоиши назарраси истеҳсоли гандум аз соли 1992 ҳам аз ҳисоби васеъ кардани майдони кишт ва ҳам аз ҳисоби афзоиши назарраси ҳосили ин зироат, вобаста аст.

Сарфи назар аз афзоиши назарраси истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, низоми мавҷудаи фармоишҳои давлатӣ ва амалияи танзими содирот имкон намедиҳанд, ки бозори озоди маҳсулоти кишоварзӣ ташаккул ёбад. Давлат кӯшиш карда истодааст, ки ба таври мутамарказ содироти маҳсулоти меваю сабзавотро танзим кунад.

Барои тараққиёти мутаносиби соҳаи кишоварзӣ фароҳам овардани шароити мувофиқ аҳамияти калон дорад. Аз ин ру, масъалаҳои тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ ҳамеша дар маркази диққати ҳукумат буданд ва хоҳанд буд. Истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ асосан ба содирот нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти воридотивазкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ (хусусан, меваю сабзавот) тадриҷан афзоиш меёбад. Бахши маҳаллии кишоварзӣ барои ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонии Осиё, Шарқи Наздик ва Иттиҳоди Аврупо дорои имконоти бузург аст, аммо барои роҳ ёфтан ба бозори Аврупо Ӯзбекистон бояд, пеш аз ҳама, ба сифати маҳсулоти содиротӣ диққат диҳад.

Мушкилоти дигари парвариши маҳсулоти кишоварзӣ нарасидани техникаи муосир мебошад. Шарти бомуваффақият кор кардани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар сари вақт бо тамоми воситаҳои зарурӣ ва бо қувваи корӣ таъмин намудани соҳа мебошад. Аммо, аз сабаби баланд будани арзиши захираҳои моддию техникӣ, ноустувории нархи маҳсулоти саноат ва хоҷагии қишлоқ, деҳқонон аксар вақт воситаҳои зарурии истеҳсолотро харидорӣ карда наметавонанд.

Тараққиёти бомуваффақияти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва самараи иқтисодии онҳо ба як қатор омилҳое, ки мо таҳлил намудем вобаста аст. Маҳз комбинатсияи оптималии онҳо ва ҷойгиркунию махсусгардонии дурурсти соҳа дараҷаи баланди самараи истеҳсолотро таъмин мекунанд.

Қирғизистон яке аз мамлакатҳои Осиёи маркази буда, ҳудуди онро куҳҳои баланд иҳота намудаанд ва мамлакати кишоварзӣ мебошад. Соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳими иқтисодиёт мебошад. Ҳамасола ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар Қирғизистон 24-26% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Аз миқдорӣ умумии аҳоли дар кишвар умрбасарбаранда 14% дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Аз Шумораи умумии қувваи кории дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда 34%-ро кормандони соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳанд ва 65,0 %-аҳолии ҷумҳури дар деҳот зиндагонӣ мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ 6,8 фоизи масоҳати умумии замин барои кишти зироатҳои кишоварзӣ ва 44 фоизи он ҳамчун чарогоҳ барои чорво истифода мешавад. Аз сабаби мавҷуд будани кӯҳҳои сершумори Қирғизистон, соҳаи чорводорӣ ҳамчун қисми муҳими иқтисодиёти кишоварзӣ боқӣ мемонад.

Аксарияти аҳолии қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ ба чорводорӣ ва растанипарварӣ машғул аст. Маҳсулоти парваришшуда талаботи бозори дохилиро қонеъ карда, қисми дигари он ба хориҷ содир мегардад. Захираҳои чарогоҳ ва алафзорҳои табиӣ сарвати миллии Қирғизистон мебошанд Захираҳои чарогоҳ ва алафзорҳои табиӣ 50 % - масоҳати умумии ҷумҳурӣ ё қариб 90 %-и заминҳои кишоварзиро ишғол намуда, барои истеҳсоли маҳсулоти босифат, захирасарфакунанда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза нигаронида шудаанд. Қисми асосии (зиёда аз 66 фоиз) чарогоҳҳо ва алафзорҳо моликияти давлат буда, сеяки онҳо (33 фоиз) дар ихтиёри ҳукуматҳои маҳаллӣ ва танҳо қариб 1 фоизашон дар ихтиёри хоҷагиҳо мебошанд.

Дар таркиби соҳаи кишоварзӣ, соҳаи растанипарварӣ ба ғалладона, махсусан ба истеҳсоли гандум, ҷав, ва шолӣ махсус гардонида шудааст. Вобаста ба шароитҳои таббиӣ дар як қисми заминҳои ҳамвор ва бо об таъмин зироатҳои сабзавотӣ ба монанди карам, қаламфури ширин, бодиринг, помидор кишт карда мешаванд.

Дар бахши боғдорӣ бошад, зардолую шафтолу, анҷиру хурмо, бодом, чормағз ва писта маҳсулоти асосии соҳа ба ҳисоб рафта ба миқдори зиёд истеҳсол мегардад. Ин зироатҳо вобаста ба шароити иқлимӣ дар баландкуҳҳо ҷойгир карда шудаанд. Қирғизистон бо ҷангалҳои васеи дарахтони меваю чормағз машҳур аст. Онҳо, махсусан дар ҷанубӣ ҷумҳурӣ, дар минтақаи бо намӣ таъмин, ки дар он ҷо дарахтони себ, нок, гелос, зардолую чормағз, писта, бодом, олу ҷойгир карда шудаанд.

Иқлими мусоид ва мавҷуд будани микдорӣ зиёди намӣ ва боришот, инчунин об, миқдори зиёди чарогоҳҳо имконият медиҳад ки соҳаҳои асосии чорводорӣ: паррандапарварӣ чорвои калони шохдор ва хурд рушд ёбанд. Мавҷуд будани миқдори зиёди об шароит муҳайё намуд, ки зиёда аз 3500 обанбори табиӣ ва сунъӣ дар мамлакат арзи ҳастӣ намояд. Дар ин обанборҳо 40 хоҷагии моҳипарварӣ таъсис дода шудааст.

Мавҷуд будани захираи зиёди об дар Қирғизистон ба рушди соҳаи пахтакорӣ имконият додааст. Зироати дуюм - гандуми тирамоҳӣ, баъд аз он - ҷав, ҷуворимакка ва шолӣ мебошанд. Маҳсулоти асосии содиротӣ пахта ва тамоку мебошанд. Дар ҷумҳурӣ мавҷуд будани зиёда аз 9 миллион гектар чарогоҳ барои ҷойгир намудан ва махсусгардонидани соҳаи чорводорӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Сохтори майдонҳои кишт яке аз нишондиҳандаҳои муҳими махсусгардонии хоҷагии қишлоқ мебошад. Таҳлили сохтори майдонҳои кишт нишон медиҳад, ки он мукаммал нест, афзалиятҳои бозор ба эътибор гирифта намешаванд. Зироати асосии васеъ ҷойгиршуда дар заминҳои кишт гандум мебошад. Деҳқонон маҷбуранд, ки зироатҳои ғалладонаро ҳамчун зироати аз ҳама арзонтар парвариш кунанд. Аз ин рӯ, зироатҳои сердаромадтарини техникӣ, сабзавот ва зироатҳои полезӣ ҳиссаи ками майдони умумии киштро ишғол намуда, истеҳсолоти экстенсивиро нишон медиҳанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии зироатҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар Қирғизистон нисбат ба мамлакатҳои рушдкардаи кишоварзӣ паст

аст. Ҳосилнокӣ нишондиҳандаи бисёрсоҳавӣ мебошад, ки арзиши он аз бисёр омилҳо вобаста аст.

Чорводорӣ дар иқтисодиёти Қиргизистон, дар хоҷагии қишлоқ ва ҳаёти аҳолии мамлакат аҳамияти бемислу монанд дошт ва дорад. Аҳамияти чорводориро дар Қирғизистон омилҳои зерини объективӣ муайян мекунанд:

- мавҷуд будани миқдори бешатри чарогоҳҳои табиии баландкуҳ ва алафзорҳо шароит муҳайё намуданд, ки маҳсулотҳои озуқавории аз ҷиҳати иқтисодӣ арзон истеҳсол карда шаванд;

- талаботи мӯътадил ба маҳсулоти чорво;

- дар шароити баландкуҳ набудани дигар соҳаҳои шуғл чорводориро ягона манбаи даромади сокинон намудааст;

- анъанаи таърихии мардуми қирғиз;

- рушди нисбатан пасти соҳаҳои саноат, сохтмон, хизматрасонӣ ва ғайра.

Таҳлилу баррасии таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон шаҳодат медиҳад, ки имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил ва баррасии давлатҳои хориҷӣ оид ба соҳаи кишоварзӣ муайян карда шуд, ки таҷрибаи ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар самти дастгирии давлатӣ, Ҷумҳурии Узбекистон ҷиҳати таъмини молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо техника, таҷрибаи Қирғизистон оид ба истифодаи захираҳои биоқлимӣ ва захираҳои меҳнатӣ - барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишварзӣ дорои имконияти истифодабарӣ мебошанд.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои номбурда имкон медиҳад, ки рушди соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, роҳҳои дурусти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ ва низоми оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии зироатҳо ва чорво дуруст ва самаранок амалӣ карда шаванд.

БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИ КУНУНИИ РАВАНДИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

2.1. Таҳлили ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва раванди оптималикунонии соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон

Мувофиқи методологияи дар боби якум пешниҳодшуда, дар марҳалаи навбатӣ ба самаранокии идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон баҳо дода шуд. Дар асоси методологияи қаблан зикршуда, раванди баҳодиҳӣ дар чор гурӯҳи муҳими нишондиҳандаҳо амалӣ гардид:

- нишондиҳандаҳои марбут ба ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- нишондиҳандаҳое, ки дараҷаи интенсивнокӣ ва сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзиро инъикос менамоянд;
- нишондиҳандаҳои иҷтимоии марбут ба фаъолияти истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ;
- нишондиҳандаҳои соҳаи ташкилии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ.

Интихоби вилояти Хатлон аз байни минтақаҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ ҳамчун объекти омӯзиш бо як қатор сабабҳо вобаста аст:

1) Қариб аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ вилоят пешрафта аст;

2) Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии ММД ҷойи аввалро ишғол мекунад;

3) нишондиҳандаҳои истеҳсолоти агросаноатӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳама баландтаринанд ва ғайра.

Аз нуқтаи назари рушди макроиқтисодӣ, самаранокиро метавон аз рӯйи саҳми истеҳсолоти кишоварзӣ ба ММД, аз нуқтаи назари иҷтимоӣ - самаранокиро бо сатҳи бадастомадаи зиндагии аҳолии деҳот, имкони он вуҷуд дорад, ки ба самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва татбиқи онҳо баҳо дода шавад, зеро онҳо пеш аз ҳама ба афзоиши ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи

кишоварзӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, рушди устувори иқтисодиёти минтақаро таъмин мекунанд.

Баҳодиҳии гурӯҳи нишондиҳандаҳоеро, ки ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар вилоят тавсиф мекунанд, метавон шартан ба чор зергурӯҳ тақсим кард: нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёт.

Дар ҷадвали 2.1. динамикаи майдони кишти зироатҳо (дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо) дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон пешниҳод гардидааст.

Бо дарназардошти он, ки шохиси ҳаҷми ҷисмонии маҳсулот дар соли ҷорӣ нисбат ба давраи заминавӣ 25 фоиз зиёд аст, метавон гуфт, ки афзоиши умумӣ ба равандҳои таваррум аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулот ва афзоиши ҳақиқии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ таъсир мерасонад.

Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлонро ба назар гирифта, дар марҳалаи оянда таъсири муҳими омилҳоро муайян намуда, бояд баҳои динамикии муқоисавии натиҷаҳои соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводориро муайян кард.

Маълум аст, ки рушди соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ дар вилоят аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ҳолати заминҳои дар минтақабуда вобаста аст. Тибқи маълумотҳои ҷадвали 2.1. метавон чунин хулоса кард:

1) Дар зарфи солҳои 2019 – 2023 ҳаҷми майдони кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон ба таври устувор афзалият дорад.

Майдони умумии кишти зироатҳо соли 2023 нисбати соли 2019 - 12477 гектар зиёд шудааст. Чунин афзоишро дар ноҳияҳои Дӯстӣ–4,5%, Қубодиён–5,6%, А.Ҷомӣ–5,7%, Панҷ–5,2, Ёвон–8,9%, Балҷувон–10,5 % ва ғ. метавон мушоҳида кард;

Ҷадвали 2.1. - Динамикаи майдони кишти зироатҳо (дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо) дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023, гектар.

Номгӯи шаҳру ноҳияҳо	Ҳамагӣ					Аз он ҷумла				
	С О Л Ҳ О					Майдони кишти ғалладонагӣ (бо ҷуворимакка)				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	421838	426319	430514	433804	434315	188263	189464	190179	192044	197872
ш.Бохтар	1163	1163	1163	1163	1161	148	174	169	191	176
н.Кӯшониён	22174	22227	22923	23185	22413	3604	3558	3499	3535	3607
н.Вахш	23918	23928	24279	24329	24335	7182	7228	7840	7847	7948
н.Хуросон	15982	15987	16627	16697	16697	8533	8475	8858	8948	9079
н.Дӯстӣ	18582	19197	19549	19592	19631	4561	4828	5080	5097	4697
н.Қубодиён	17060	17108	17210	17137	17366	4509	4033	5046	4302	5863
н.Ҷ.Балхӣ	22074	22503	23179	23191	23304	5358	5294	5140	5315	5738
н.А.Ҷомӣ	20086	20143	20609	20944	20944	7483	7479	7597	7795	8131
н.Ҷайҳун	22790	23354	23859	23934	23980	5375	5379	6178	6304	7587
н.Панҷ	19264	19377	19807	19494	20122	7276	7645	7675	7845	8255
н.Шаҳритус	14143	14686	15133	15403	15406	4635	4654	4827	4833	4847
н.Ёвон	30663	31420	31829	32185	32193	10019	10203	10288	10581	11883
н.Н.Хусрав	8783	9253	9596	9906	9997	3418	3594	3582	3628	3717
ш.Левакант	2516	2522	2525	2525	2525	631	616	633	636	637
ш.Кӯлоб	10409	10513	10636	10646	10646	4142	4510	4693	5065	5296
н.Муъминобод	14978	15176	15176	15249	15262	10198	11293	11072	11077	11209
н.Восеъ	27744	27864	28034	28090	28170	15169	14950	14989	15009	15096
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	17424	17456	17536	17555	17567	7122	7677	7470	7370	7015
н.Фархор	27879	27961	28210	28442	28451	12762	12889	12890	12964	13357
н.Темурмалик	15905	15987	16038	16040	16040	13691	13691	13742	13754	13754
н.Данғара	40691	40697	38419	38770	38769	31347	30195	27234	27583	27549
н.Ховалинг	8161	8161	8161	8208	8212	6161	5884	6280	6067	6161
н.Ш.Шоҳин	12879	12923	13262	14225	14226	10818	10924	11041	11937	11941
н.Балҷувон	5507	5615	5615	5747	5747	3454	3575	3625	3625	3616
ш.Норак	1063	1098	1141	1148	1152	667	715	732	737	713

Идомаи ҷадвали 2.1.

Номгӯи шаҳру ноҳияҳо	Аз он ҷумла														
	Пахта					Картошка					Сабзавот				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	122097	124175	121236	121694	116216	12475	9415	12058	11784	11664	34884	36525	36899	36414	37053
ш.Бохтар	310	273	300	261	250	60	60	70	48	75	502	474	429	432	487
н.Кӯшониён	11300	11300	11321	11321	10820	961	669	973	973	1021	3503	3535	3526	3648	3371
н.Вахш	9500	9574	8449	9402	9440	718	493	718	803	605	2255	2255	2256	2282	2292
н.Хуросон	4312	4374	4374	4326	4276	333	334	405	405	419	934	970	973	1010	1040
н.Дӯстӣ	7048	7574	7321	7603	7420	277	286	314	342	361	1804	1848	1833	1887	2022
н.Ҷубодиён	7501	7574	7200	7317	5789	740	446	734	516	805	2054	2113	2122	2107	2108
н.Ҷ.Балхӣ	9300	9874	9900	9789	9807	578	533	594	595	411	2127	2281	2309	2347	2418
н.А.Ҷомӣ	8000	8074	8100	8000	8020	576	447	684	678	700	1292	1364	1378	1424	1451
н.Ҷайҳун	8350	7424	6840	7200	6066	540	310	445	525	293	3908	5050	5354	4337	4817
н.Панҷ	6500	6674	6404	6410	6301	1450	732	1004	698	982	1244	1010	1012	1049	1189
н.Шаҳритус	5250	5380	5400	5400	5535	521	388	598	611	391	1734	1791	1721	1766	1686
н.Ёвон	10956	11028	10487	10050	8827	554	371	657	601	657	2747	2764	2691	2792	2580
н.Н.Хусрав	3120	3224	3240	3240	3128	136	75	220	220	188	596	611	634	648	725
ш.Левакант	1010	1084	1080	1080	1030	95	95	95	84	92	348	348	348	323	342
ш.Кӯлоб	3000	3074	3070	2345	2135	235	167	278	203	287	1631	1686	1693	1793	1638
н.Муъминобод	-	-	-	-	-	1242	446	589	623	654	642	642	627	627	627
н.Восеъ	7047	7535	7550	7550	7483	543	550	685	685	695	2007	2007	2028	2028	2078
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	5606	5874	5950	5900	5819	285	379	481	480	487	1420	1517	1576	1675	1789
н.Фархор	9617	9674	9570	9650	9080	562	412	616	615	635	1838	1901	1901	1980	2058
н.Темурмалик	-	-	-	-	-	170	223	223	223	223	269	270	270	275	275
н.Данғара	4370	4587	4680	4850	4990	712	690	760	746	770	1323	1389	1506	1280	1351
н.Ховалинг	-	-	-		-	508	735	286	555	462	287	321	346	338	342
н.Ш.Шоҳин	-	-	-		-	304	283	304	252	186	147	100	100	100	100
н.Балҷувон	-	-	-	-	-	319	235	270	248	204	170	172	157	157	157
ш.Норак	-	-	-	-	-	56	56	56	56	62	102	107	109	109	110

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.119-124.*

2) Дар соли 2023 майдони кишти ғалладонагиҳо (бо ҷуворимакка) 197,9 ҳаз. га - ро ташкил дод, ки ин нисбати соли 2019–9,6 ҳаз.га. ё ин ки 5,1% зиёд шудааст. Дар шаҳри Бохтар, ноҳияҳои Вахш, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Ёвон, шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Шамсиддини Шоҳин майдони кишти ғалладонагиҳо тамоюли зиёдшавиро дорад. Дар дигар ноҳияҳои вилояти Хатлон тамоюли афзоиши устувори майдони кишти ғалладонагиҳо ба назар намерасад. Чунин ҳолатро метавон аз маълумоти омории вилояти Хатлон нисбати махсусгардонии зироати пахта, картошка ва сабзавот мушоҳида кард;

3) Аз маълумоти умумии кишти зироати ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон 13,92% - и он ба н. Данғара, 7,63% – ба н. Восеъ, 6,95% –ба н. Темурмалик, 6,75% –ба н.Фархор, 6,03% –ба н.Ш.Шоҳин, 6,01% –ба н.Ёвон ва 5,66% –ба н.Муъминобод рост меояд. Инчунин, 0,09% дар ш.Бохтар, 0,32 ш.Левакант, 0,36% ш.Норак, 1,82% н.Кӯшониён, 1,82% н.Н.Хусрав ва 1,83% ба н.Балҷувон майдони кишти ғалладонагиҳо рост меояд. Чи тавре аз ин маълумотҳо мушоҳида мегардад, дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон кишти ғалладонагиҳо, новобаста ба таъмини талаботи аҳолӣ, ҷойгир карда шудааст. Ба андешаи мо, дар вақти банақшагирии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, талаботи аҳолиро аз рӯйи принсипи худтаъминкунии минтақавӣ ба нақша гирифтан беҳтар аст. Маълум аст, ки майдони кишти ҷудогардида барои таъмини комили аҳолии минтақа бо маҳсулоти кишоварзӣ нокифоя мебошад, аммо бо ҷорӣ намудани киштгардони илмӣ ва татбиқи равишҳои махсусгардонӣ, ҷойгиркунӣ, махсусан ба роҳ мондани гузаронидани ду - се кишти зироатҳо дар як қитъаи замин, қонеъгардонии талаботи аҳолиро дар минтақа ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ то ба 60 - 75% расонда, метавон давра ба давра ба рушди иқтисод ҳисса гузошт; 4) дар зарфи солҳои 2019 – 2023 дар хоҷагиҳои н.Кӯшониён дар 9,6% майдонҳо кишти пахта, 8,1% – картошка, 9,7% – сабзавот, дар н.Ҷ.Балхӣ – дар 8% майдонҳо – пахта, 5% – картошка, 6,4%– сабзавот, дар н.Ёвон – дар 9% майдонҳо – пахта, 5%– картошка, 7,8%– сабзавот, дар н. Восеъ – дар 6,4% майдонҳо – пахта, 5,4% к– артошка, 5,5%– сабзавот, дар

н.Фархор – 7,7%– пахта, 5,2% – картошка ва 5,2%– сабзавот, парвариш карда мешавад. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои ин намудҳои зироатҳо камтар майдони кишт ҷудо карда шудааст. Чӣ тавре аз рақамҳои пешниҳодгардидаи ин ҷадвал маълум мегардад, дар хоҷагиҳои вилоят як низоми муайяни рушди устувори истеҳсоли маҳсулот, бо назардошти шароитҳои табиию иқлимӣ, банақшагирии стратегӣ, таъмини принсипҳои худтаъминкунии минтақавӣ, кам кардани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияҳо, пурра ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти талаботи аввала дар низоми ҷойгиркунии зироатҳо, аҳамияти стратегӣ доштани онҳо, ба назар гирифта нашудааст. Масъалан, дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ҳамагӣ дар 2,4% майдонҳо (267,5 га), ноҳияи Балҷувон – дар 2,3% (256,5 га), шаҳри Левакант – дар 0,8 % (89,5 га), ноҳияи Н.Хусрав – дар 1,4% (163,8 га), шаҳри Бохтар – дар 0,6% (62 га.), ноҳияи Дӯстӣ – дар 2,8% (310 га.) дар мавриде хос аст, ки дар ҷумҳурӣ баъди маҳсулоти ғалладона, бештар картошкаро истеъмол мекунанд. Масалан, дар ноҳияи Дӯстӣ дар соли 2022 аҳолии доимӣ 125,6 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар соли 2022 дар хоҷагиҳои ноҳия 7107 тонна картошка истеҳсол карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ –56,6 кг рост меояд.

Ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ соли 2022 - 109,6 кг – ро ташкил медод, яъне нисбати ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ 48,4% кам истеҳсол карда шудааст. Чунин тамоюлро дар истеҳсоли намудҳои сабзавот мушоҳида кардан мумкин аст. Ба андешаи мо, бо назардошти рушди соҳаи аҳамияти стратегидошта, бояд ба парвариши зироатҳо ва истеҳсоли маҳсулоти таъминоти аввалиядошта диққат дода, як барномаи маҷмӯии давлатии ҷойгиркунӣ, консепсияи хоҷагиҳои хурду миёна ва махсусгардонии истеҳсолот барои хоҷагиҳои вилояти Хатлон то соли 2035 – ро, таҳия ва тадбиқ кардан зарур аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тақсимоти майдонҳои кишти зироатҳои асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон дорои хусусиятҳои муайяни

ҷойгиршавӣ мебошанд, ки онро метавон дар ҷадвали 2.2 мушоҳида ва арзёбӣ намуд.

Аз маълумоти ҷадвали 2.2. метавон чунин хулоса кард:

1). Майдони умумии киштзорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷсолаи охир тамоюли зиёдшавиро дошта, аз 847, ҳаз. га –и соли 2019 ба 861, 5 ҳаз. га – дар соли 2023 расонда шудааст, яъне дар ин давра 14,5 ҳаз. гектар зиёд шудааст;

2). Дар ҷумҳурӣ масоҳати кишти пахта тамоюли устувори афзоянда надорад. Агар соли 2019 дар ҷумҳурӣ дар масоҳати 185,7 ҳаз. гектар пахта парвариш карда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2021 – 173,8 ҳаз. гектар ва соли 2023 бошад, 166,3 ҳаз. гектарро ташкил додааст, ки ин нисбати соли 2019 – 19,3ҳаз. гектар кам карда шудааст.

Аз ин ҳисоб дар вилояти Хатлон дар ин давра майдони кишти сабзавот 1530 гектар, майдони кишти ғалладонагиҳо –3781 га, полезиҳо – 391 га, кишти зироатҳои хӯрокаи чорво –7111 га ва ғайра зиёд шудааст. Шояд, чунин зиёдшавии майдони кишти баъзе зироатҳо дар вилоят ба таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ вобаста бошад, бо вуҷуди ин, бояд ба аҳамияти стратегии кишти зироатҳо ва бо назардошти шароити иқлимию табиӣ ҷойгир кардани зироатҳо диққати зарурӣ дод;

3). Дар вилояти Хатлон, ба ҳисоби миёна, дар солҳои 2019-2023 - 67,9% майдони кишти умумии пахта ҷойгир карда шуда буд. Ҳиссаи вилояти Суғд ва НТҶ бошад, дар майдони умумии кишти ин зироат ҳамагӣ 32,1% -ро ташкил мекад. Дар баъзе солҳо (2023) 69,9% кишти пахта ба хоҷагиҳои вилояти Хатлон рост омадааст.

Ба андешаи мо, дар ин самт қонуни тараққиёти мунтазам ва таносубан ҷойгир кардани зироатҳо ва тараққиёти байнисоҳавӣ бояд риоя ва таъмин карда шаванд;

Ҷадвали 2.2. - Динамикаи таркиби ҷойгиршавии майдонҳои кишти зироатҳо (дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо) дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023 (бо %)

Номгӯи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон	С О Л Ҳ О									
	Ҳамагӣ					Аз он ҷумла				
	2019	2020	2021	2022	2023	Майдони кишти ғалладонагӣ (бо ҷуворимакка)				
						2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100
ш.Бохтар	0,28	0,27	0,27	0,27	0,27	0,08	0,09	0,09	0,10	0,09
н.Кӯшониён	5,26	5,21	5,32	5,34	5,16	1,91	1,88	1,84	1,84	1,82
н.Вахш	5,67	5,61	5,64	5,61	5,60	3,81	3,81	4,12	4,09	4,02
н.Хуросон	3,79	3,75	3,86	3,85	3,84	4,53	4,47	4,66	4,66	4,59
н.Дӯстӣ	4,41	4,50	4,54	4,52	4,52	2,42	2,55	2,67	2,65	2,37
н.Қубодиён	4,04	4,01	4,00	3,95	4,00	2,40	2,13	2,65	2,24	2,96
н.Ҷ.Балхӣ	5,23	5,28	5,38	5,35	5,37	2,85	2,79	2,70	2,77	2,90
н.А.Ҷомӣ	4,76	4,72	4,79	4,83	4,82	3,97	3,95	3,99	4,06	4,11
н.Ҷайҳун	5,40	5,48	5,54	5,52	5,52	2,86	2,84	3,25	3,28	3,83
н.Панҷ	4,57	4,55	4,60	4,49	4,63	3,86	4,04	4,04	4,09	4,17
н.Шаҳритус	3,35	3,44	3,52	3,55	3,55	2,46	2,46	2,54	2,52	2,45
н.Ёвон	7,27	7,37	7,39	7,42	7,41	5,32	5,39	5,41	5,51	6,01
н.Н.Хусрав	2,08	2,17	2,23	2,28	2,30	1,82	1,90	1,88	1,89	1,88
ш.Левакант	0,60	0,59	0,59	0,58	0,58	0,34	0,33	0,33	0,33	0,32
ш.Кӯлоб	2,47	2,47	2,47	2,45	2,45	2,20	2,38	2,47	2,64	2,68
н.Муъминобод	3,55	3,56	3,53	3,52	3,51	5,42	5,96	5,82	5,77	5,66
н.Восеъ	6,58	6,54	6,51	6,48	6,49	8,06	7,89	7,88	7,82	7,63
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	4,13	4,09	4,07	4,05	4,04	3,78	4,05	3,93	3,84	3,55
н.Фархор	6,61	6,56	6,55	6,56	6,55	6,78	6,80	6,78	6,75	6,75
н.Темурмалик	3,77	3,75	3,73	3,70	3,69	7,27	7,23	7,23	7,16	6,95
н.Данғара	9,65	9,55	8,92	8,94	8,93	16,65	15,94	14,32	14,36	13,92
н.Ховалинг	1,93	1,91	1,90	1,89	1,89	3,27	3,11	3,30	3,16	3,11
н.Ш.Шоҳин	3,05	3,03	3,08	3,28	3,28	5,75	5,77	5,81	6,22	6,03
н.Балҷувон	1,31	1,32	1,30	1,32	1,32	1,83	1,89	1,91	1,89	1,83
ш.Норак	0,25	0,26	0,27	0,26	0,27	0,35	0,38	0,38	0,38	0,36

Идомаи ҷадвали 2.2.

Номгӯи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон	С О Л Ҳ О														
	Аз он ҷумла														
	Пахта					Картошка					Сабзавот				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100
ш.Бохтар	0,25	0,22	0,25	0,21	0,22	0,48	0,64	0,58	0,41	0,64	1,44	1,30	1,16	1,19	1,31
н.Кӯшониён	9,25	9,10	9,34	9,30	9,31	7,70	7,11	8,07	8,26	8,75	10,04	9,68	9,56	10,02	9,10
н.Вахш	7,78	7,71	6,97	7,73	8,12	5,76	5,24	5,95	6,81	5,19	6,46	6,17	6,11	6,27	6,19
н.Хуросон	3,53	3,52	3,61	3,55	3,68	2,67	3,55	3,36	3,44	3,59	2,68	2,66	2,64	2,77	2,81
н.Дӯстӣ	5,77	6,10	6,04	6,25	6,38	2,22	3,04	2,60	2,90	3,09	5,17	5,06	4,97	5,18	5,46
н.Қубодиён	6,14	6,10	5,94	6,01	4,98	5,93	4,74	6,09	4,38	6,90	5,89	5,79	5,75	5,79	5,69
н.Ҷ.Балхӣ	7,62	7,95	8,17	8,04	8,44	4,63	5,66	4,93	5,05	3,52	6,10	6,25	6,26	6,45	6,53
н.А.Ҷомӣ	6,55	6,50	6,68	6,57	6,90	4,62	4,75	5,67	5,75	6,00	3,70	3,73	3,73	3,91	3,92
н.Ҷайҳун	6,84	5,98	5,64	5,92	5,22	4,33	3,29	3,69	4,46	2,51	11,20	13,83	14,51	11,91	13,00
н.Панҷ	5,32	5,37	5,28	5,27	5,42	11,62	7,77	8,33	5,92	8,42	3,57	2,77	2,74	2,88	3,21
н.Шаҳритус	4,30	4,33	4,45	4,44	4,76	4,18	4,12	4,96	5,18	3,35	4,97	4,90	4,66	4,85	4,55
н.Ёвон	8,97	8,88	8,65	8,26	7,60	4,44	3,94	5,45	5,10	5,63	7,87	7,57	7,29	7,67	6,96
н.Н.Хусрав	2,56	2,60	2,67	2,66	2,69	1,09	0,80	1,82	1,87	1,61	1,71	1,67	1,72	1,78	1,96
ш.Левакант	0,83	0,87	0,89	0,89	0,89	0,76	1,01	0,79	0,71	0,79	1,00	0,95	0,94	0,89	0,92
ш.Кӯлоб	2,46	2,48	2,53	1,93	1,84	1,88	1,77	2,31	1,72	2,46	4,68	4,62	4,59	4,92	4,42
н.Муъминобод	-	-	-	-	-	9,96	4,74	4,88	5,29	5,61	1,84	1,76	1,70	1,72	1,69
н.Восеъ	5,77	6,07	6,23	6,20	6,44	4,35	5,84	5,68	5,81	5,96	5,75	5,49	5,50	5,57	5,61
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	4,59	4,73	4,91	4,85	5,01	2,28	4,03	3,99	4,07	4,18	4,07	4,15	4,27	4,60	4,83
н.Фархор	7,88	7,79	7,89	7,93	7,81	4,51	4,38	5,11	5,22	5,44	5,27	5,20	5,15	5,44	5,55
н.Темурмалик	-	-	-	-	-	1,36	2,37	1,85	1,89	1,91	0,77	0,74	0,73	0,76	0,74
н.Данғара	3,58	3,69	3,86	3,99	4,29	5,71	7,33	6,30	6,33	6,60	3,79	3,80	4,08	3,52	3,65
н.Ховалинг	-	-	-	-	-	4,07	7,81	2,37	4,71	3,96	0,82	0,88	0,94	0,93	0,92
н.Ш.Шоҳин	-	-	-	-	-	2,44	3,01	2,52	2,14	1,59	0,42	0,27	0,27	0,27	0,27
н.Балҷувон	-	-	-	-	-	2,56	2,50	2,24	2,10	1,75	0,49	0,47	0,43	0,43	0,42
ш.Норак	-	-	-	-	-	0,45	0,59	0,46	0,48	0,53	0,29	0,29	0,30	0,30	0,30

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.119-124 ва ҳисоби муаллиф*

4). Дар 20 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зироати пахта парвариш карда мешавад. Дар таркиби майдони умумии кишти пахта дар вилояти Хатлон ҳиссаи ноҳияи Кӯшониён-9,3%, ноҳияи Вахш-8,1%, ноҳияи Ҷ.Балхӣ ба ҳисоби миёна–8,04 (соли 2023 – 8,4%), ноҳияи Ёвон ба ҳисоби миёна дар панҷ соли охир 8,5%, ноҳияи Фархор–7,9%-ро ташкил медод. Дар ноҳияи Носири Хусрав ҳиссаи майдони кишти пахта то 2,7%, шаҳри Левакант–0,9%, шаҳри Бохтар–0,2%, ноҳияи Хуросон–3,7%, шаҳри Кӯлоб–1,8%-ро ташкил медод, ки ба андешаи мо, хеле кам аст ва барои истифода кардани техникаи корӣ дар соҳаи пахтакорӣ камчинии маблағ ба назар мерасад ва эҳтимолияти истифодаи самараноки техникаи мавҷударо хеле кам мегардонад.

Хулоса: а) таҳлили хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ, таркиби хок ва миқдори захираҳои гармӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки минтақа дорои имкониятҳои мусоиди агроэкологӣ барои парвариши пахтаи маҳиннах мебошад, ҳамзамон бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани ин зироат ҳамчун манбаи муҳими ашёи хом барои соҳаи саноат, ба мақсад мувофиқ аст, ки мутахассисони соҳа ба рушди устувори он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бо роҳандозии барномаи мақсадноки ҷойгиркунии кишти пахта дар вилоят, заминаи мусоид барои афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти он фароҳам созанд; б) майдони кишти пахта соли 1991 дар вилояти Хатлон 189,5 ҳаз. гектарро ташкил медод, ҳоло бошад (с.2023) 116,2 ҳаз.гектар, яъне 73,3 ҳаз. гектар кам карда шудааст. Ҳосилнокӣ аз 1 га аз 28,2 сентнери соли 1991, дар соли 2023 то ба 22,5 сентнер расидааст, яъне дар тӯли ин солҳо 5,7 сен. кам шудааст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки майдони кишти пахта дар вилоят то соли 2040 ба 209510 гектар расонида шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон нисбат ба дигар намудҳои зироатҳо дар майдони умумии кишт ҳиссаи майдони кишти зироати пахта зиёдтар мебошад. Ин ҳолат сабаби худро дорад.

Ҷадвали 2.3.- Динамика ва таркиби майдони кишти пахта дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019 – 2023.

Номгӯи шаҳру ноҳияҳои пахтакори вилояти Хатлон	С О Л Ҳ О									
	Ҳамагӣ майдони кишти пахта									
	2019		2020		2021		2022		2023	
	I	II	I	II	I	II	I	II	I	II
Ҳамагӣ майдони киштзорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз.га	847,0	100	856,7	100	861,7	100	859,8	100	861,5	100
аз он ҷумла майдонҳои кишти пахта дар ҷумҳурӣ,ҳаз.га	185,7	21,9	185,4	21,6	173,8	20,2	181,5	21,1	166,3	19,3
аз он дар вилояти Хатлон,ҳаз.га	122,1	65,8	124,21	67,0	121,2	69,8	121,7	67,0	116,2	69,9
аз он ҷумла:										
ш. Кӯлоб	3000	2,5	3074	2,5	3070	2,5	2345	1,9	2135	1,8
н. Восеъ	7047	5,8	7535	6,1	7550	6,2	7550	6,2	7483	6,4
н. М.С.А.Ҳамадонӣ	5606	4,6	5875	4,7	5950	4,9	5900	4,8	5819	5,0
н.Фархор	9617	7,9	9674	7,8	9570	7,9	9650	7,9	9080	7,8
н.Темурмалик		0,0		0,0		0,0		0,0		0,0
н.Данғара	4370	3,6	4586	3,7	4680	3,9	4850	4,0	4990	4,3
н.Хуросон	4312	3,5	4374	3,5	4374	3,6	4376	3,6	4276	3,7
н.А.Ҷомӣ	8000	6,6	8074	6,5	8100	6,7	8050	6,6	8020	6,9
ш.Бохтар	310	0,3	273	0,2	300	0,2	261	0,2	250	0,2
н.Кӯшониён	11200	9,2	11300	9,1	11321	9,3	11321	9,3	10820	9,3
н.Вахш	9500	7,8	9574	7,7	8449	7,0	9402	7,7	9440	8,1
ш.Левакант	1010	0,8	1084	0,9	1080	0,9	1080	0,9	1030	0,9
н.Дӯстӣ	7048	5,8	7574	6,1	7321	6,0	7603	6,2	7420	6,4
н.Ҷ.Балхӣ	9300	7,6	9874	8,0	9900	8,2	9789	8,0	9807	8,4
н.Чайҳун	8350	6,8	7424	6,0	6840	5,6	7250	6,0	6066	5,2
н.Панҷ	6500	5,3	6674	5,4	6404	5,3	6410	5,3	6301	5,4
н.Шаҳритус	5250	4,3	5380	4,3	5400	4,5	5400	4,4	5535	4,8
н.Қубодиён	7501	6,1	7574	6,1	7200	5,9	7317	6,0	5789	5,0
н.Н.Хусрав	3220	2,6	3224	2,6	3240	2,7	3050	2,5	3128	2,7
н.Ёвон	10956	9,0	11028	8,9	10487	8,7	10050	8,3	8827	7,6

Эъзоҳ: **I-** ***гектар;*** **II-*ба ҳисоби % нисбат ба майдонҳои умумии кишти пахта.***

Сарчашма:*таҳияи муаллиф дар асоси: Маҷмуи омори кишоварзии ҶТ, 2023, саҳ. 23; Маҷмуи омори пахтакорӣ дар ҶТ Душанбе, 2024, саҳ. 10*

Маълум аст, ки пахта зироати гармидӯст буда, шароити иқлими вилояти Хатлон барои парвариши ин намуди зироат хеле мувофиқ аст. Бинобар ин, мо мавқеи ҷойгиршавии зироати пахтаро мавриди таҳлил интихоб намудем.

Ҳолати ҷойгиршавии зироати пахта дар хоҷагиҳои вилояти Хатлонро метавон аз ҷадвали 2.3. мушоҳида кард. Аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали болозикр чунин хулосаи зерин бармеояд:

1) Майдонҳои кишти пахта дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ соли 2023 нисбати соли 2019 10,4 % (19345 га) кам шудаанд. Ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон 4,8% (5881 га) -ро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии пахта дар соли 2023 дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ 22,7 с/га ташкил медиҳад. Тибқи ҳисобҳои мо, фақат аз ҳисоби кам шудани майдонҳои кишти пахта дар ҷумҳурӣ 43, ҳаз. тонна пахта кам истеҳсол карда шудааст. Дар вилояти Хатлон кам шудани ҷамъоварии умумии пахта аз рӯйи ҳосилнокии 22,5 с/га 13,2 ҳаз. тоннаро ташкил мекунад. Бояд ёдовар шуд, ки дар хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб соли 2022 – аз ҳар як га майдони кишти пахта 29,6 сентнерӣ, шаҳри Бохтар -26,8 сентнерӣ, ноҳияи Вахш ва ноҳияи Ҷайҳун – 24,0 сентнерӣ ҳосил гирифта шудааст. Таҷрибаи ин ва дигар хоҷагиҳои вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ҳоло дар вилоят захираҳои зиёд кардани ҳосилнокии пахта аз як гектар зиёд мебошанд;

2) Дар зарфи солҳои 2019 – 2023 майдонҳои кишти пахта дар байни минтақаҳои патакори ҷумҳурӣ бештар дар вилояти Хатлон ҷойгир карда шудаанд. Агар соли 2019 дар ин вилоят 65,8% майдонҳои кишти пахта ҷойгир карда шуда бошанд, пас ин нишондиҳанда соли 2023 – 69,9% ташкил медод, ки ин нисбатан 4,1 банди фоизӣ зиёд аст, яъне тахминан 30%-и дигари онҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар ҷойгир карда шудаанд. Дар ҷумҳурӣ бошад, дар ин давра қариб 20 -21%-и маҷмӯи умумии кишти зироатҳо ба соҳаи пахтакорӣ рост меояд;

3) Агар ҷойгиршавии зироати пахта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирад, он гоҳ маълум мешавад, ки дар ноҳияҳои вилоят қисми ками майдонҳои кишти зироатҳоро барои ҷойгир ва парвариши зироати

пахта ҷудо кардаанд.

Масалан, агар соли 2023 дар хоҷагиҳои ноҳияи Кӯшониён -9,3%, ноҳияи Вахш–8,1%, ноҳияи Ҷ.Балхӣ–8,4%, ноҳияи А.Ҷомӣ–6,9%, ноҳияи Фархор-7,8%, ноҳияи Восеъ–6,4%, ноҳияи Ёвон-7,6% аз майдонҳои умумии кишти зироатҳои кишоварзӣ барои кишти пахта ҷудо карда шуда бошанд, пас дар шаҳри Левакант-0,9%, шаҳри Бохтар-0,2%, шаҳри Кӯлоб-1,8%, ноҳияи Хуросон–3,7%, ноҳияи Носири Хусрав–2,7%-и майдонҳо ҷудо карда шудаанд. Дар чунин ҳолат таъмин кардани истифодаи самараноки техникаҳои хоҷагиҳои қишлоқ, моддаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо (пахта), истифодаи захираҳои об ва қувваи корӣ мушкилтар мегардад ва барои зиёд шудани сарфи меҳнат ба як гектар майдонҳои кишт ва ба як воҳиди маҳсулот боис мегардад. Дар натиҷа, ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва таъмини самараноки истеҳсоли хоҷагӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ба андешаи мо, ҳиссаи кишти зироати пахтаро дар таркиби зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар ҳудуди 25 -30% бояд нигоҳ дошт, зеро ноҳияҳои вилоят ягона мавзеъҳое ҳастанд, ки барои парвариши пахтаи миёнанах ва маҳиннах мусоидат мекунанд, чунки талабот ба нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ сол то сол тамоюли афзояндаро дорад.

Аз таҳлили динамикаи рақамҳои ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ва таркиби он дар корхонаҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (ҷадв. 2.4.) метавон чунин хулоса кард:

1) Ҳаҷми маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон тамоюли зиёдшавандаро дошта, соли 2023 ба 35326,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019–31,8% афзудааст. Дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ–37,5%, чорводорӣ-46,3% афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 2.4.- Динамикаи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ).

Шаҳру ноҳияҳо	С О Л Ҳ О					Соли 2023 нисбати соли 2019, бо %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Вилояти Хатлон	26800490	29312269	31040091	33074411	35326251	131,8
ш.Бохтар	104936	126136	134626	134092	148926	141,9
н.Кӯшониён	1842275	2034649	2180299	2286495	2417004	131,2
н.Вахш	1598866	1716114	1831323	2032821	2133168	133,4
н.Хуросон	896185	984113	1047844	1118523	1163748	129,9
н.Дӯстӣ	1336866	1514714	1569272	1643057	1807891	135,2
н.Қубодиён	1549397	1599298	1706061	1713235	1929068	124,5
н.Ҷ.Балхӣ	1604601	1714841	1855470	1904579	2066517	128,8
н.А.Ҷомӣ	1199908	1285308	1406308	1455517	1520887	126,8
н.Ҷайҳун	1813429	2105596	2422334	2700868	2983982	164,5
н.Панҷ	1153928	1334347	1382768	1484864	1566414	135,7
н.Шаҳритус	1320185	1414701	1465981	1545919	1653673	125,3
н.Ёвон	1855321	1961660	2039568	2198697	2318136	124,9
н.Н.Хусрав	666853	805716	830356	849890	936141	140,4
ш.Левакант	208920	225484	236760	240429	267224	127,9
ш.Кӯлоб	855069	946171	971230	1011140	1068956	125,0
н.Муъминобод	969040	1008219	1053990	1090823	1120762	115,7
н.Восеъ	1491245	1658756	1746321	1899249	1923345	129,0
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	1071749	1247431	1328219	1483739	1618008	151,0
н.Фархор	1534880	1668150	1671215	1938205	2040325	132,9
н.Темурмалик	530491	573427	591218	601673	626024	118,0
н.Данғара	1965647	2090543	2213003	2309253	2505729	127,5
н.Ховалинг	272003	292991	301015	327907	351189	129,1
н.Ш.Шоҳин	478629	490377	509430	541824	554784	115,9
н.Балҷувон	365626	379585	400925	406385	437041	119,5
ш.Норак	114443	133941	144555	155229	167308	146,2

Идомаи ҷадвали 2.4.

Шаҳру ноҳияҳо	аз он ҷумла:									
	Растанипарварӣ					Чорводорӣ				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	19495254	21414906	22517664	23905484	24640108	7305236	7897362	8522427	9168927	10686143
ш.Бохтар	102574	123614	131946	126051	138723	2362	2521	2681	8041	10203
н.Кӯшониён	1338628	1488503	1585352	1636881	1593713	503647	546147	594947	649614	823291
н.Вахш	1182703	1267412	1352669	1518239	1520704	416163	448702	478654	514583	612464
н.Хуросон	658990	729130	774009	829985	818118	237195	254983	273835	288537	345629
н.Дӯстӣ	995647	1173495	1228053	1301838	1421244	341219	341219	341219	341219	386647
н.Қубодиён	1131542	1148606	1225663	1176575	1323506	417855	450692	480398	536660	605562
н.Ҷ.Балхӣ	1196971	1279436	1395703	1410695	1508160	407630	435404	459766	493884	558357
н.А.Ҷомӣ	936514	1001229	1106578	1138849	1127557	263394	284078	299730	316668	393330
н.Ҷайҳун	1626023	1907190	2208692	2431281	2682905	187405	198406	213642	269587	301078
н.Панҷ	820371	976993	996597	1068266	1093440	333558	357355	386171	416598	472974
н.Шаҳритус	1030081	1101515	1130728	1197872	1246323	290103	313186	335253	348047	407350
н.Ёвон	1273939	1313350	1327394	1396454	1488568	581383	648310	712174	802243	829568
н.Н.Хусрав	450756	571539	580217	589987	630807	216098	234177	250139	259903	305334
ш.Левакант	134521	145857	152783	148730	158484	74400	79628	83977	91698	108741
ш.Кӯлоб	591386	648834	659516	685071	688498	263683	297337	311715	326069	380458
н.Муъминобод	518210	500724	513042	525591	471045	450830	507495	540948	565232	649718
н.Восеъ	1115761	1259198	1316690	1444326	1365318	375484	399558	429631	454922	558027
н.М.С.А.Ҳама-донӣ	771646	922049	971575	1109025	1170974	300103	325381	356643	374715	447034
н.Фархор	1101954	1198634	1173100	1408672	1424796	432925	469516	498114	529533	615529
н.Темурмалик	317152	343529	332226	336014	300943	213339	229899	258992	265659	325081
н.Данғара	1428521	1511479	1543141	1562806	1637007	537125	579064	669861	746448	868722
н.Ховалинг	196839	212349	212179	234046	239294	75164	80642	88835	93862	111895
н.Ш.Шоҳин	321845	321845	326770	347935	313973	156784	168532	182661	193889	240810
н.Балҷувон	193852	194585	194800	194692	192017	171773	185000	206125	211693	245024
ш.Норак	58829	73812	78239	85604	83993	55614	60129	66316	69624	83315

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.116-118*

Ба ин афзоиш таъсири омилҳои зерин: зиёд шудани майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии зироатҳо аз ҳар як гектар, ҳаҷми умумии истеҳсол ва истифодаи маҳсулот, баланд шудани нархи фурӯши маҳсулот дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат намудаанд;

2). Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019 – 2023 тамоюли зиёдшавандагииро дорад. Ин зиёдшавӣ, агар, аз як ҷиҳат,натиҷаи афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот дар шакли натуравӣ бошад, аз тарафи дигар, баланд шудани нархи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи таҳлили таркиби маҳсулоти умумии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе хоҷагиҳои вилояти Хатлон арзиши маҳсулот зиёд шудааст. Ба мутахассисони соҳавӣ зарур аст, ки вобаста ба шароити табиию иқлимии минтақа, аз усулҳои нави мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараровар тадбирҳои амалӣ андешида, барои кишт аз тухмиҳои ба касалиҳо тобовар истифода бурдан чораҳои иловагӣ таҳия кунанд. Дар баробари ин, ба таркиби хок аҳамит дода, барои ҷойгир кардани зироатҳо, бо назардошти риояи низоми киштгардон, барои кам шудани касалиҳо ва зиёд шудани маҳсулоти соҳа диққат диҳанд.

Натиҷаи таҳлили таркиби маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон, дар умум ва аз рӯйи соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, нишон медиҳад, ки дар ин самт ҳиссаи якхела набуда, дар байни ноҳияҳо фарқият ҷой дорад, яъне дар ташаккулёбии маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии қишлоқи вилоят ҳиссаи ноҳияҳо гуногун мебошад (ҷадв. 2.5).

Аз рӯйи ҷадвали 2.5. метавон чунин хулоса намуд:

1) Дар таркиби ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон соли 2023 ҳиссаи ноҳияи Ҷайҳун-8,45%, ноҳияи Данғара–7,09%, ноҳияи Кӯшониён-6,84%, н.Вахш–6,04%, ноҳияи Ёвон-6,56%, н.Фархор-5,78%, ноҳия Ҷ.Балхӣ–5,85% ва ноҳияи Восеъ-5,44%-ро ташкил медиҳад. Дар солҳои 2021, 2022 ҳиссаи ин ноҳияҳо дар ташаккули маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон аз нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда нисбатан зиёд мебошад.

Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 60 фоизи хоҷагиҳо дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят ҳиссаи камтар аз 5 фоиз доранд. Аз ҷумла, саҳми хоҷагиҳои шаҳри Бохтар – 0,42%, шаҳри Норак – 0,47%, шаҳри Левакант – 0,76%, ноҳияи Ховалинг – 0,99%, ноҳияи Балҷувон – 1,24%, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин – 1,57%, ноҳияи Темурмалик – 1,77% ва ноҳияи Носири Хусрав – 2,65%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти иқтидори мавҷуда, тақрибан 35–37 фоиз пасттаранд;

Ҷадвали 2.5.- Динамикаи таркиби маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023 (бо %).

Шаҳру ноҳияҳо	Ҳамагӣ				
	С О Л Ҳ О				
	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	100	100	100	100	100
ш.Бохтар	0,39	0,43	0,43	0,41	0,42
н.Кӯшониён	6,87	6,94	7,02	6,91	6,84
н.Вахш	5,97	5,85	5,90	6,15	6,04
н.Хуросон	3,34	3,36	3,38	3,38	3,29
н.Дӯстӣ	4,99	5,17	5,06	4,97	5,12
н.Қубодиён	5,78	5,46	5,50	5,18	5,46
н.Ҷ.Балхӣ	5,99	5,85	5,98	5,76	5,85
н.А.Ҷомӣ	4,48	4,38	4,53	4,40	4,31
н.Ҷайҳун	6,77	7,18	7,80	8,17	8,45
н.Панҷ	4,31	4,55	4,45	4,49	4,43
н.Шаҳритус	4,93	4,83	4,72	4,67	4,68
н.Ёвон	6,92	6,69	6,57	6,65	6,56
н.Н.Хусрав	2,49	2,75	2,68	2,57	2,65
ш.Левакант	0,78	0,77	0,76	0,73	0,76
ш.Кӯлоб	3,19	3,23	3,13	3,06	3,03
н.Муъминобод	3,62	3,44	3,40	3,30	3,17
н.Восеъ	5,56	5,66	5,63	5,74	5,44
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	4,00	4,26	4,28	4,49	4,58
н.Фархор	5,73	5,69	5,38	5,86	5,78
н.Темурмалик	1,98	1,96	1,90	1,82	1,77
н.Данғара	7,33	7,13	7,13	6,98	7,09
н.Ховалинг	1,01	1,00	0,97	0,99	0,99
н.Ш.Шоҳин	1,79	1,67	1,64	1,64	1,57
н.Балҷувон	1,36	1,29	1,29	1,23	1,24
ш.Норак	0,43	0,46	0,47	0,47	0,47

Идомаи ҷадвали 2.5.

Шаҳру ноҳияҳо	аз он ҷумла:									
	Растанипарварӣ					Чорводорӣ				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100
ш.Бохтар	0,53	0,58	0,59	0,53	0,56	0,03	0,03	0,03	0,09	0,10
н.Кӯшониён	6,87	6,95	7,04	6,85	6,47	6,89	6,92	6,98	7,08	7,70
н.Вахш	6,07	5,92	6,01	6,35	6,17	5,70	5,68	5,62	5,61	5,73
н.Хуросон	3,38	3,40	3,44	3,47	3,32	3,25	3,23	3,21	3,15	3,23
н.Дӯстӣ	5,11	5,48	5,45	5,45	5,77	4,67	4,32	4,00	3,72	3,62
н.Қубодиён	5,80	5,36	5,44	4,92	5,37	5,72	5,71	5,64	5,85	5,67
н.Ҷ.Балхӣ	6,14	5,97	6,20	5,90	6,12	5,58	5,51	5,39	5,39	5,23
н.А.Ҷомӣ	4,80	4,68	4,91	4,76	4,58	3,61	3,60	3,52	3,45	3,68
н.Ҷайҳун	8,34	8,91	9,81	10,17	10,89	2,57	2,51	2,51	2,94	2,82
н.Панҷ	4,21	4,56	4,43	4,47	4,44	4,57	4,52	4,53	4,54	4,43
н.Шаҳритус	5,28	5,14	5,02	5,01	5,06	3,97	3,97	3,93	3,80	3,81
н.Ёвон	6,53	6,13	5,89	5,84	6,04	7,96	8,21	8,36	8,75	7,76
н.Н.Хусрав	2,31	2,67	2,58	2,47	2,56	2,96	2,97	2,94	2,83	2,86
ш.Левакант	0,69	0,68	0,68	0,62	0,64	1,02	1,01	0,99	1,00	1,02
ш.Кӯлоб	3,03	3,03	2,93	2,87	2,79	3,61	3,77	3,66	3,56	3,56
н.Муъминобод	2,66	2,34	2,28	2,20	1,91	6,17	6,43	6,35	6,16	6,08
н.Восеъ	5,72	5,88	5,85	6,04	5,54	5,14	5,06	5,04	4,96	5,22
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	3,96	4,31	4,31	4,64	4,75	4,11	4,12	4,18	4,09	4,18
н.Фархор	5,65	5,60	5,21	5,89	5,78	5,93	5,95	5,84	5,78	5,76
н.Темурмалик	1,63	1,60	1,48	1,41	1,22	2,92	2,91	3,04	2,90	3,04
н.Данғара	7,33	7,06	6,85	6,54	6,64	7,35	7,33	7,86	8,14	8,13
н.Ховалинг	1,01	0,99	0,94	0,98	0,97	1,03	1,02	1,04	1,02	1,05
н.Ш.Шоҳин	1,65	1,50	1,45	1,46	1,27	2,15	2,13	2,14	2,11	2,25
н.Балҷувон	0,99	0,91	0,87	0,81	0,78	2,35	2,34	2,42	2,31	2,29
ш.Норак	0,30	0,34	0,35	0,36	0,34	0,76	0,76	0,78	0,76	0,78

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.116-118.*

2) Таҳлили таркиби ташаккулёбии маҳсулоти умумӣ дар байни соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи ноҳияҳо дар ин раванд фарқкунанда аст. Масалан, дар ташаккулёбии маҳсулоти умумии соҳаи растанипарварӣ ҳиссаи н. Ҷайҳун - 10,89%, н. Данғара - 6,64%, н. Кӯшониён - 6,47%, н.Вахш – 6,17%, н. Ҷ.Балхӣ - 6,12%, н. Ёвон - 6,04%, н.Фархор - 5,78, н. Дустӣ – 5,77%, ва н. Восеъ -5,54%-ро ташкил медиҳад. Дар ташаккули маҳсулоти умумии соҳаи чорводорӣ ҳиссаи хоҷагиҳои н.Ёвон – 7,76%, н.Данғара -8,13, н.Кӯшониён -7,70%, н.Муъминобод - 6,08%, н.Фархор, н.Қубодиён ва н.Вахш мутаносибан 5,76%, 5,67% ва 5,73%-ро ташкил медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки ҳиссаи н.Балҷувон дар ташаккулёбии маҳсулоти умумии растанипарварӣ соли 2023 – 0,78%- ро ташкил дод, пас дар маҳсулоти умумии чорводорӣ ҳиссаи он ба 2,29% расидааст. Чунин ҳолатро дар н.Ш.Шоҳин, н.Темурмалик, ш.Левакант, ш.Норак мушоҳида кардан мумкин аст;

3). Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар ин ноҳияҳо бештар саршумори чорво ва заминҳои кишти хӯроки чорво ҷойгир карда шудаанд. Воқеан, дар ин ноҳияҳо барои парвариш ва рушди соҳаи чорвои калони шохдор, чорвои хурди шохдор ва парандапарварӣ шароити хуб муҳайёст. Аммо дар ин ноҳияҳо аз имкониятҳо пурра истифода карда намешавад. Ҳоло ҳам ҳосилнокӣ аз як гектар чарогоҳ, миқдори алафҳо, ширдӯшӣ аз як сар модагови ширдеҳ, наслгирӣ аз 100 сар чорвои наслдиҳанда нисбати хоҷагиҳои пешқадами вилоят 35 – 40% кам аст. Дар ин минтақаҳо дар пойгоҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкили иттиҳодияҳои байнихоҷагӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, иттиҳодияҳои агросаноатиро зарур мешуморем.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.6. метавон чунин хулоса кард:

1). Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019 – 2023 тамоюли афзоянда дошта, соли 2023 ба 35326,3млн. сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбати соли 2019 – 31,8% афзоишро ташкил медиҳад;

2). Таркиби истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилоят аз ду соҳаи бо ҳам алоқаманд – растанипарварӣ ва чорводорӣ иборат аст.

Ҷадвали 2.6. -Динамикаи таркиби маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023.

Шаҳру ноҳияҳо	Ҳамагӣ (ҳазор сомонӣ)					аз он ҷумла (бо %)									
	С О Л Ҳ О					Растанипарварӣ					Чорводорӣ				
	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023	2019	2020	2021	2022	2023
Вилояти Хатлон	26800490	29312269	31040091	33074411	35326251	72,7	73,1	72,5	72,3	69,8	27,3	26,9	27,5	27,7	30,2
ш.Бохтар	104936	126136	134626	134092	148926	97,7	98,0	98,0	94,0	93,1	2,3	2,0	2,0	6,0	6,9
н.Кӯшониён	1842275	2034649	2180299	2286495	2417004	72,7	73,2	72,7	71,6	65,9	27,3	26,8	27,3	28,4	34,1
н.Вахш	1598866	1716114	1831323	2032821	2133168	74,0	73,9	73,9	74,7	71,3	26,0	26,1	26,1	25,3	28,7
н.Хуросон	896185	984113	1047844	1118523	1163748	73,5	74,1	73,9	74,2	70,3	26,5	25,9	26,1	25,8	29,7
н.Дӯстӣ	1336866	1514714	1569272	1643057	1807891	74,5	77,5	78,3	79,2	78,6	25,5	22,5	21,7	20,8	21,4
н.Қубодиён	1549397	1599298	1706061	1713235	1929068	73,0	71,8	71,8	68,7	68,6	27,0	28,2	28,2	31,3	31,4
н.Ҷ.Балхӣ	1604601	1714841	1855470	1904579	2066517	74,6	74,6	75,2	74,1	73,0	25,4	25,4	24,8	25,9	27,0
н.А.Ҷомӣ	1199908	1285308	1406308	1455517	1520887	78,0	77,9	78,7	78,2	74,1	22,0	22,1	21,3	21,8	25,9
н.Ҷайҳун	1813429	2105596	2422334	2700868	2983982	89,7	90,6	91,2	90,0	89,9	10,3	9,4	8,8	10,0	10,1
н.Панҷ	1153928	1334347	1382768	1484864	1566414	71,1	73,2	72,1	71,9	69,8	28,9	26,8	27,9	28,1	30,2
н.Шаҳритус	1320185	1414701	1465981	1545919	1653673	78,0	77,9	77,1	77,5	75,4	22,0	22,1	22,9	22,5	24,6
н.Ёвон	1855321	1961660	2039568	2198697	2318136	68,7	67,0	65,1	63,5	64,2	31,3	33,0	34,9	36,5	35,8
н.Н.Хусрав	666853	805716	830356	849890	936141	67,6	70,9	69,9	69,4	67,4	32,4	29,1	30,1	30,6	32,6
ш.Левакант	208920	225484	236760	240429	267224	64,4	64,7	64,5	61,9	59,3	35,6	35,3	35,5	38,1	40,7
ш.Кӯлоб	855069	946171	971230	1011140	1068956	69,2	68,6	67,9	67,8	64,4	30,8	31,4	32,1	32,2	35,6
н.Муъминобод	969040	1008219	1053990	1090823	1120762	53,5	49,7	48,7	48,2	42,0	46,5	50,3	51,3	51,8	58,0
н.Восеъ	1491245	1658756	1746321	1899249	1923345	74,8	75,9	75,4	76,0	71,0	25,2	24,1	24,6	24,0	29,0
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	1071749	1247431	1328219	1483739	1618008	72,0	73,9	73,1	74,7	72,4	28,0	26,1	26,9	25,3	27,6
н.Фархор	1534880	1668150	1671215	1938205	2040325	71,8	71,9	70,2	72,7	69,8	28,2	28,1	29,8	27,3	30,2
н.Темурмалик	530491	573427	591218	601673	626024	59,8	59,9	56,2	55,8	48,1	40,2	40,1	43,8	44,2	51,9
н.Данғара	1965647	2090543	2213003	2309253	2505729	72,7	72,3	69,7	67,7	65,3	27,3	27,7	30,3	32,3	34,7
н.Ховалинг	272003	292991	301015	327907	351189	72,4	72,5	70,5	71,4	68,1	27,6	27,5	29,5	28,6	31,9
н.Ш.Шоҳин	478629	490377	509430	541824	554784	67,2	65,6	64,1	64,2	56,6	32,8	34,4	35,9	35,8	43,4
н.Балҷувон	365626	379585	400925	406385	437041	53,0	51,3	48,6	47,9	43,9	47,0	48,7	51,4	52,1	56,1
ш.Норак	114443	133941	144555	155229	167308	51,4	55,1	54,1	55,1	50,2	48,6	44,9	45,9	44,9	49,8

Сарчашма: *Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.116-118 ва ҳисоби муаллиф.*

Дар сохтори маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2019 то 2023 ҳиссаи растанипарварӣ ба 72,08% баробар буда, соҳаи чорводорӣ танҳо 27,92%-ро ташакул додааст.

Аз рӯйи ин маълумот чунин хулоса кардан мумкин аст, ки соҳаи асосии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро дар вилояти Хатлон растанипарварӣ ташкил дода, соҳаи чорводорӣ бошад,соҳаи иловагӣ маҳсуб меёбад. Аммо таҳлили ҳолати ҷойгиркунии зироатҳо дар вилоят нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои як қатор ноҳияҳо, аз ҷумла ноҳияҳои Ҷайҳун, Дӯстӣ, А.Ҷомӣ, Шаҳритус, Восеъ, Ҷ.Балхӣ ва шаҳри Бохтар ҳиссаи маҳсулоти умумии растанипарварӣ дар маҷмӯи маҳсулоти умумии соҳа ба ҳисоби миёна дар солҳои 2019 – 2023 аз 74% то 90,28%–ро ташкил медод. Илова бар ин, баъди ҳар се – панҷ сол, аз рӯйи нақшаи киштгардон, бояд зироатҳои хӯроки чорво (юнучқа, лӯбиёгиҳо) барои ҷамъ кардани азот парвариш карда шавад. Дар ҳама ҳолат бояд нақшаи қисман асоснок кардашудаи киштгардон риоя карда шавад;

3). Тибқи маълумоти ҷадвали мазкур, ба ҳисоби миёна маълум мегардад, ки соҳаи асосии кишоварзиро дар ноҳияҳои Муъминобод, Балҷувон, Темурмалик, Ш.Шоҳин, Ёвон ва шаҳрҳои Норак ва Левакант чорводорӣ ташкил медиҳад ва аз ин соҳа аз 34,3 то – 51,58%-и маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои номбурда ба даст оварда мешавад. Дар ин ноҳияҳо нишондиҳандаи соҳаи чорводорӣ нисбати ҳиссаи миёнаи вилоят аз 5 то 25 банди фоиз зиёд аст;

4). Маҳз ба мақсади таъмини устувори аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва фароҳамсозии ашёи хом барои корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ ва бофандагӣ, тавсия дода мешавад, ки дар ояндаи наздик самтгирии истеҳсолот дар минтақаҳои гуногуни вилояти Хатлон бо назардошти хусусиятҳои иқлимӣ ва захираҳои мавҷуда роҳандозӣ гардад. Аз ҷумла, дар ноҳияҳое, ки иқлими гарм доранд ва шароити мусоид барои парвариши зироатҳои гармидӯст фароҳам аст, зарур аст саҳми соҳаи растанипарварӣ афзоиш дода шавад.

Ҷадвали 2.7. – Таркиби майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023

Номгӯи зироатҳо	С О Л Ҳ О										с.2023 бо % нисбати с. 2019
	2019		2020		2021		2022		2023		
	гектар	%	гектар	%	гектар	%	гектар	%	гектар	%	
Майдони кишти зироатҳо, ҳамагӣ	421838	100	426319	100	430514	100	433804	100	434315	100	103,0
Аз он ҷумла:											
Ғалладонагиҳо (бо ҷуворимакка)	188263	44,6	189464	44,4	19079	44,2	192044	44,3	197872	45,6	105,1
Зироатҳои техникӣ, ҳамагӣ	132944	31,5	135322	31,7	132617	30,8	132788	30,6	127602	29,4	96,0
Аз он ҷумла:											
Пахта	122097	91,8	124175	91,8	121236	91,4	121694	91,6	116216	91,1	95,2
Картошка	12475	3,0	9415	2,2	12058	2,8	11784	2,7	11664	2,7	93,5
Сабзавот	34884	8,3	36525	8,6	36899	8,6	36414	8,4	37053	8,5	106,2
Полезиҳо	15393	3,6	15456	3,6	15687	3,6	15784	3,6	16906	3,9	109,8
Зироатҳои хуроки чорво	37879	9,0	40137	9,4	43074	10	44990	10,4	43219	10,0	114,1
Боғҳо	48784	79,3	48855	79,1	46353	79	45228	78,2	45254	78,2	92,8
Токзорҳо	12726	20,7	12904	20,9	12321	21	12617	21,8	12615	21,8	99,1
Ҳамагӣ	61510	100,0	61579	100	58674	100	57845	100	57869	100,0	94,1

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.119-128*

Ҳамзамон, дар ин минтақаҳо дар маҷмааи чорводорӣ парвариши чорвои гӯштӣ ва ширию гӯштӣ бояд дар таносуби тақрибии 65 ба 35 таъмин карда шавад. Барои минтақаҳои кӯҳӣ бошад, ки барои истифода ҳамчун чарогоҳҳои табиӣ мусоид мебошанд, тавсия мешавад таносуби растанипарварӣ ва чорводорӣ дар сатҳи 55 ба 45 нигоҳ дошта шавад.

Аз рӯйи рақамҳои ҷадвали 2.7. метавон чунин хулоса кард:

1). Ҳаҷми майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон соли 2023 нисбати соли 2019 - 3% зиёд гардидааст. Чунин афзоиш, асосан, аз ҳисоби ба кор андохтани заминҳои сатҳи обҳои зеризаминиашон баландшуда ба амал омад, ки дар натиҷаи тоза кардани заҳбурҳо ва обшӯй кардани шӯрзаминҳо намаки онҳо шуста шуда, ба кор даровардани агротехникаи обмонӣ ва обёрӣ кардани заминҳои нав таъмин карда шудааст;

2). Дар соли 2023 майдони кишти ғалладонагиҳо нисбати соли 2019 – 9609 гектар зиёд шудааст, ки ин 5,1% ташкил медиҳад. Масоҳати кишти пахта ва картошка бошад, аз ҳисоби зиёд шудани майдони кишти ғалладонагӣ, мутаносибан, 4,8 ва 6,5 банди фоизӣ кам шудааст;

3). Дар давраи таҳқиқшаванда дар таркиби майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ тағйирот ба амал омада, ҳиссаи майдонҳои кишти зиротҳои ғалладонагиҳо аз 44,6%-и соли 2019 дар соли 2023 то ба 45,6%, сабзавот – аз 8,3% то ба 8,5%, зироати хӯроки чорво – аз 9,0% то ба10,0% боло рафтааст, ҳиссаи майдонҳои кишти зироатҳои техникӣ бошад, баръакс – аз 31,5 то ба 29,4% паст рафтааст;

4). Аз рақамҳои ин ҷадвал дида мешавад, ки хоҷагиҳои вилояти Хатлон, асосан, ба зироатҳои ғалладонагиҳо (гандум) ва пахта махсус гардонида шудаанд, ҳиссаи ин ду зироат дар таркиби кишти зироатҳо бештар аст.

Дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон, дар баробари соҳаи растанипарварӣ, ба рушди соҳаи чорводорӣ низ диққати махсус дода мешавад. Аз рақамҳои рушди соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, махсусан ҳаҷми маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ, маълум мегардад, ки 30% – и ҳаҷми маҳсулоти

умумии кишоварзӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар хоҷагиҳои вилоят, бо сабаби ҷорӣ намудани низоми киштгардон, имконияти истеҳсол ва захира кардани хӯроки чорво бештар аст. Бинобар ин, дар ҳамаи хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар заминаи истеҳсоли маҳсулоти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии аҳолӣ бо миқдори муайян саршумори чорво парвариш карда мешавад. Саршумори зиёди чорво бештар дар минтақаҳои кӯҳии вилоят ҷойгир карда шудааст.

Маҳз дар вилояти Хатлон ҳамаи навъҳои асосии чорво парвариш меёбанд, ки истеҳсоли маҳсулоти онҳо на танҳо барои таъмини аҳолии худи вилоят, балки барои тамоми кишвар аҳамияти ҳаётӣ дорад (ҷадвали 2.8). Тибқи маълумоти соли 2023, саршумори чорвои калони шохдор дар минтақаи таҳқиқшаванда ба 1119,5 ҳазор сар расид, ки нисбат ба соли 2019 афзоиши 12,6%-ро нишон медиҳад.

Ин афзоиш асосан ба ҳисоби саҳми зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ, хонаводаҳо ва соҳибкорони инфиродӣ ба вуҷуд омадааст, ки тақрибан 90% истеҳсоли гӯштро таъмин мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми дастгирии давлатӣ ва минтақавӣ, ки ба ин истеҳсолкунандагон дода мешавад, наметавонад хароҷоти асосии онҳоро пурра ҷуброн намояд ва кафолати даромаднокии устуворро фароҳам созад.

Ҷадвали 2.8. - Динамикаи тағйирёбии саршумори чорво дар вилояти Хатлон, ҳаз. сар.

Номгӯи чорво	С О Л Ҳ О					с. 2023 бо % нисбат ба с. 2019
	2019	2020	2021	2022	2023	
ЧКШ	994,2	1011,0	1033,4	1054,6	1119,5	112,6
Бузу гӯсфанд	2333,2	2400,2	2483,6	2558,0	2808,3	120,4
Паранда млн. сар	2045,9	2205,8	2247,9	2287,7	2715,9	132,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.144 -147*

Дар вилоят як қатор барномаҳо барои рушди соҳаи чорводорӣ мавҷуданд, вале камбудии муҳими онҳо ба таъхир дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани тадбирҳо алоқаманд аст. Таҳлилҳои сохторҳои дахлдори вилоятӣ нишон медиҳанд, ки барои нигоҳ доштани сатҳи рушди мӯътадили чорводорӣ, нархи хариди маҳсулоти чорво бояд мутобиқ ба сатҳи воқеии таваррум, яъне то 7 фоиз, зиёд карда шавад.



Диаграммаи 2.1.- Саршумори чорво дар вилояти Хатлон, ҳаз. сар.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.144 -147*

Дар маҷмӯъ, дар давраи омӯзишӣ дар вилояти Хатлон истеҳсоли гӯшти чорво ва паранда 1,5 маротиба зиёд шуда, дар соли 2023 то ба 236,6 ҳазор тонна расонида шуд. Ҳангоми таҳлили сохтори истеҳсоли гӯшт дар вилояти Хатлон метавон зикр намуд, ки дар солҳои охир тамоюли устувори афзоиши ҳиссаи гӯшти мурғ ва гӯсфанд мушоҳида мешавад, ки он асосан бо динамикаи мусбати афзоиши саршумори ин намуди ҳайвонот алоқаманд аст. Ин раванд нишон медиҳад, ки истеҳсолкунандагон тадриҷан ба намудҳои чорвое рӯ меоранд, ки даври истеҳсолашон кӯтоҳ буда, самаранокии иқтисодии баланд доранд.

Дар ҳамин ҳол, истеҳсоли шир дар давраи солҳои 2019–2023 ба ҳисоби миёна 15 фоиз афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, камшавии саршумори чорвои калони шохдор дар баъзе ноҳияҳо баёнгари зарурати шиддат бахшидан ба чораҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво мебошад. Дар ин замина, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар парвариши чорво аҳамияти хоса дорад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи ҷорӣ намудани низоми мукаммали ғизодиҳӣ меравад, ки таносуби дурусти калорияҳо, арзиши баланди ғизоӣ ва таъмини мӯътадили хӯроки консентратиро дар бар мегирад.

Сарфи назар аз зиёд шудани саршумори паранда, дар давраи таҳлилшуда истеҳсоли тухм 57,1% зиёд гардидааст. Корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Хатлон, асосан, ба парвариши зотҳои бройлерӣ ва тухмиовари паранда равона гардидаанд, ки имконияти гирифтани маҳсулоти гӯштӣ дар муддати кӯтоҳро фароҳам меоранд. Парвариши чунин парандаҳо бо сабаби давраи кутоҳи афзоиши вазн, самаранокии баланди иқтисодӣ ва талаботи зиёд ба маҳсулоти гӯшти мурғӣ дар бозори дохилӣ васеъ ҷорӣ шудааст. Бояд зикр кард, ки аксари истеҳсолот дар ин соҳа ба хоҷагиҳои шахсӣ рост меояд. Инчунин, истеҳсоли пашм 11,3 фоиз ва асал - 20,5% фоиз зиёд гардидааст. Аз тарафи унвонҷӯй баҳодиҳии сатҳи интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соҳаи зироаткорӣ ва чорводорӣ гузаронида шудааст (ҷадв. 2.9.).

Ҷадвали 2.9. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон

Маҳсулот	С О Л Ҳ О					с. 2023 бо % нисбат ба с. 2019
	2019	2020	2021	2022	2023	
Гӯшти чорво ва паранда, ҳаз. тонна	155,8	172,4	185,7	201,3	236,6	151,9
Шир, ҳаз. тонна	500,8	515,2	530,0	542,9	575,4	114,9
Тухм, млн. дона	85,3	102,7	108,5	121,9	134,0	157,1
Пашм, ҳаз. тонна	5,3	5,5	5,6	5,7	5,9	111,3
Асал, т	1012,1	1067	1148	1213	1220	120,5

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.149 - 154*

Дар давраи омӯзишӣ ҳосилнокии ғалладона дар вилоят 7,2 фоиз кам шуда, дар соли 2023 33,3 с/га-ро ташкил дод, ҳол он ки соли 2022 дар сатҳи 38,1 с/га қарор дошт. Хусусияти фарқкунандаи вилояти Хатлон, тибқи натиҷаҳои баҳодиҳӣ, дар он зоҳир мешавад, ки дар сатҳи ҳосилнокии зироатҳои ғалладона миёни ноҳияҳои он фарқиятҳои назаррас вуҷуд доранд. Ин нишон медиҳад, ки дар саросари вилоят наметавон аз мавҷудияти шароити якхела барои парвариши зироатҳои ғалладона сухан гуфт. Ҳосилнокии картошкаю сабзавот дар вилоят тамоюли пай дар пай баланд шуданро дорад.

Ҳамин тариқ, ҳосилнокии зироатҳо ва боғу токзорҳо дар тӯли солҳои таҳлилшаванда тамоили афзояндагиро доранд, танҳо ҳосилнокии картошка, ки дар вилояти Хатлон зироати асосӣ маҳсуб меёбад, мутаассифона, бо суръати хеле пасти сатҳи ҳосилнокиаш аз дигар зироатҳо фарқ менамояд.

Нишондиҳандаҳои шиддатнокӣ дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ инчунин метавонанд сатҳи истифодаи нуриҳои минералиро дар бар гиранд, ки нақши муҳим дар баланд бардоштани ҳосили зироатҳо мебозанд. Нуриҳои маъданӣ то ҳол яке аз самаранокторин воситаҳои интенсификатсияи истеҳсолот ба шумор мераванд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки самаранокии иқтисодии истифодаи онҳо коҳиш ёфтааст. Яке аз сабабҳои асосӣ — истифодаи ғайриилмӣ ва ғайритарҳрезишудаи нуриҳо мебошад, ки метавонад боиси зарари ҷиддӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон гардад. Паст шудани самараи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба як қатор омилҳои мураккаби дохилӣ ва берунии хусусияти иқтисодию технологӣ алоқаманд аст. Ба онҳо метавон шомил кард: нарасидани сармояи гардишии хоҷагиҳо, гаронии қарзҳо, паст шудани қобилияти харидории кишоварзон, вайроншавии робитаҳои анъанавии байни истеҳсолкунандагони нуриҳо ва корбарони ниҳоии онҳо, инчунин коҳиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои агрохимиявӣ. Илова бар ин, набудани назорати муассир аз ҷониби хадамоти махсуси агрохимиявӣ оид ба сифат ва миқдори истифодаи нуриҳо низ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷадвали 2.10.- Динамикаи нишондиҳандаҳои интенсивнокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар вилояти Хатлон, сент/га.

Нишон диҳандаҳо	С О Л Ҳ О					с.2023 нисбат ба с.2019,%
	2019	2020	2021	2022	2023	
Ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёгӣ	35,9	36,6	37,4	38,1	33,3	92,8
Ҳосилнокии картошка	174,9	172,0	175,1	175,6	177,0	101,2
Ҳосилнокии сабзавот	280,0	288,6	297,2	300,4	328,7	117,4
Маҳсулнокии токзорҳо	91,7	92,5	94,1	103,8	103,8	113,2
Хосилнокии меваю буттамева,	74,5	74,5	78,4	82,5	90,9	122,0
Андохтани нуриҳои маъданӣ ба зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоби 100 % моддаҳои ғизодиҳанда, тонна	37855	37944	36590	36465	39013	103,1
Андохтани поруи органикӣ ба зироатҳои кишоварзӣ, тонна	14146	17910	16670	23120	26989	190,8

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.137-143*

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2023 дар вилояти Хатлон ба ҳар гектар замин 39013 тонна нуриҳои маъданӣ дар асоси 100% моддаҳои ғизодиҳанда истифода шудааст, ки нисбат ба соли 2019 афзоиши 3,1%-ро нишон медиҳад. Ҳамзамон, ҳаҷми нуриҳои органикӣ, ки ба замин андохта шудааст, дар ҳамин давра 90,8% зиёд гардидааст.

Аз ҷониби дигар, баҳодиҳии шиддатнокии фаъолияти соҳаи чорводорӣ дар вилоят асосан аз рӯи меъёрҳои ҳосилнокии чорво амалӣ гардидааст. (ҷадвали 2.11.).

Ҷадвали 2.11. - Динамикаи нишондиҳандаҳои интенсивнокии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	С О Л Ҳ О					с. 2023 нисбат ба с.2019,%
	2019	2020	2021	2022	2023	
Ширдӯшӣ аз як сар модагов, килограмм	1654	1707	1734	1774	1806	109,2
Шумораи миёнаи солонаи тухмдиҳӣ мурғҳо, дона	124	174	161	220	172	138,7
Тарошидани миёнаи солонаи пашм аз як сар гусфанд, килограмм	2,5	2,7	2,7	2,7	2,7	108,0
Сарфи хурока ба як сари шартии чорво (сентнер воҳиди хурока)	19,5	20,1	20,5	22,6	22,8	116,9

Сарчашма: *Маҷмӯаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.159-161 ва ҳисобҳои муалиф*

Дар давраи таҳқиқот ширдушӣ дар вилояти Хатлон 9,2 фоиз афзуда, соли 2023 аз ҳар сар модагов ба ҳисоби миёна 1806 килограммро ташкил дод. Ин нишондиҳанда тақрибан 30 фоиз баландтар аз меъёри миёнаи ҷумҳурӣ мебошад, ки боз як маротиба дараҷаи баланди интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон тасдиқ мекунад. Вале бояд гуфт, ки ин ягона нишондиҳандаи интенсивӣ дар саноат аст, ки тамоюли мусбат дорад.

Ба ҳамин тартиб, дар вилояти Хатлон дар солҳои охир мушоҳида мешавад, ки истеҳсоли тухми мурғҳо 38,7 фоиз ва ҳаҷми пашмтарошӣ аз як сар гӯсфанд 8 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл аз тағйири афзалиятҳои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ шаҳодат медиҳад, ки бештар ба парвариши зотҳои гӯшти ҳайвонот ва паранда таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, зеро маҳсулоти мазкур дар бозор даромаднокии баландтар доранд нисбат ба маҳсулоти иловагӣ, аз қабили пашм ё тухм.

Дар баробари ин, гарчанде ки дар баъзе бахшҳо камшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасад, аммо баланд шудани арзиши аслии як сар чорвои шардеҳ (бо ҳисоби воҳиди хӯрока) ба 16,9 фоиз,

нишондиҳандаи мусбати афзоиши шиддатнокии чорводориро нишон медиҳад. Илова бар ин, тағйироти ҷиддӣ дар пойгоҳи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, таъминот бо тракторҳо дар вилоят дар давраи таҳлилшуда афзоиш ёфтааст. Ба ҳамин тариқ, бо сохтори майдонҳои кишт сохтори мавҷудияти комбайнҳо низ тағйир меёбад (ҷадвали 2.12.).

Ҷадвали 2.12. - Динамикаи таъминнокӣ бо трактору комбайнҳо дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон.

Нишондиҳандаҳо	С О Л Ҳ О					С. 2023 нисбат ба с.2019,%
	2019	2020	2021	2022	2023	
Шумораи трактор ба 1000 гектари замини корам, адад	31,18	30,60	30,60	30,88	31,39	100,66
Шумораи комбайнҳои ғалладарав ба 1000 гектари замини корам, адад:	3,01	2,92	2,83	2,83	2,78	92,26
-ядакҳо	9,38	9,55	8,98	9,47	9,28	98,94
- испорҳо	10,43	10,81	11,02	11,08	11,20	107,35
- култиваторҳо	4,18	4,13	4,12	4,06	4,02	96,08
- тухмипошакҳо	2,87	3,01	2,91	3,03	3,05	106,29

Сарчашма: *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ.67,75,324-333 ва ҳисобҳои муаллиф.*

Дар давраи таҳқиқот таъминот бо култиваторҳо 3,02% кам, бо плугҳо ва тухмипошакҳо мувофиқан 7,35 ва 6,29 фоиз зиёд шуд.

Нишондиҳандаҳои асосии шароит ва омилҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилояи Хатлонро ба назар гирифта, метавон гуфт, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва дараҷаи интенсивии он дар ин соҳа бештар аз ҳисоби ташаккули нишондиҳандаҳои молиявии минтақаи таҳқиқшуда вобаста аст. Муносибат дар он аст, ки ягон субъекти хоҷагидорӣ дар шароити фаъолияти зиёновар такрористеҳсолкунии васеъро амалӣ карда наметавонад (ҳамчун яке аз шартҳои афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии минтақа), дар айни замон набудани технологияи пешрафта ва шартҳои зарурии рушди инноватсионӣ ба ба даст овардани натиҷаҳои қаноатбахши молиявӣ мусоидат намекунад.

Аҳамияти баланди фаъолияти иқтисодӣ аз нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ барои рушди минбаъдаи истеҳсолоти минтақавии кишоварзӣ таҳлили муфассалтари шароит ва омилҳои онҳоро ташкил медиҳад, ки самти таҳқиқоти минбаъдаи моро дар доираи бахши сеюми арзёбии методологияи баҳодиҳӣ, натиҷаҳои роҳбарии давлатӣ ва хоҷагӣ, субъектҳои системаи минтақавии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро муайян мекунад.

2.2. Ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурияти оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят

Дар шароити имрӯзаи таҳаввулоти иқтисодии глобалӣ, раванди рушди минтақаҳо бо истифода аз консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ танзим мегардад, ки ҳадафи онҳо таъмини рушди мутавозин ва устувори ҳудудӣ мебошад. Ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ҳам соҳаҳои инфиродии фаъолият ва ҳам маҷмӯи иқтисодиёти минтақавиро фаро мегиранд ва барои рушди унсурҳои асосии иқтидори истеҳсолӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ замина фароҳам меоранд.

Ҷорӣ намудани низоми муназзами танзими меъёрии рушди ҳудудҳо, қабл аз ҳама, ба зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллӣ иртибот дорад. Ин иқдомот имкони таъсис додани низоми самарабахши мониторинг ва баҳодиҳии истифодаи захираҳои мавҷудаи минтақавиро фароҳам меорад, ки барои таъмини назорати шаффоф ва рушди устувори минтақавӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Дар ҳамин замина, шароити ташаккулёбандаи иқтисоди бозорӣ зарурати тағйири назарраси усулҳои идоракунии ҳудудии иқтисодиётро ба миён овардааст. Дар марҳилаи нави рушди иқтисодӣ, диққати асосӣ бояд ба мусоидати рушди иҷтимоию иқтисодии устувор дар дурнамои дарозмуддат равона гардад.

Дар натиҷаи таҳлили маълумоти оморӣ маълум гардид, ки дар соли 2023

ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ба 49,3 млрд сомонӣ расид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли қаблии 2022 афзоиши 8 фоизаро нишон медиад. Аз маҷмӯи маҳсулоти умумии истеҳсолшуда 33,9 млрд. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ рост меояд ва афзоиши он 7,7 фоизро ташкил дода, 15,4 млрд. сомонӣ ба соҳаи чорвопарварӣ рост омада афзоиш 8,7 фоиз ташкил кард. Дар таркиби истеҳсоли маҳсуолти хоҷагии қишлоқ ҳиссаи маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 68,8 фоиз ва чорводорӣ 31,2 фоизро ташкил дод.

Таҳлилҳои муқоисавии гузаронидаи мо нишон дод, ки соли 2023 дар таркиби маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ саҳми хоҷагиҳои ҷамъияти ва деҳқонӣ 53,4 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 46,6 фоизро ташкил дода. Ин нишондодҳо нисбати соли 2022 нисбат ба соли гузашта ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъияти ва деҳқонӣ 1,4 фоиз афзуда, дар хоҷагиҳои аҳолӣ 1,4 фоиз коҳиш ёфтааст.

Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки бо иқдомҳои пайваста ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи амалии имтиёзҳои додашуда ба соҳаҳои парандапарварию моҳипарварӣ, воридоти тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ, чорвои зотӣ, ҳама намуди хӯроки чорво ва паранда, воридоти техника ва қисмҳои эҳтиётии он ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва сатҳи худтаъминкунӣ ҳамаҷониба мусоидат намуда истодааст.

Ҳамзамон, бо ҳадафи татбиқи муқаррароти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2021), ки дар он зарурати таъсиси марказҳои логистикӣ ва васеъ намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ таъкид гардид**,** Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида, шартномаҳои ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба имзо расонидааст**.**

Дар натиҷаи созиш бо Бонки ҷаҳонӣ ҷиҳати бунёди 5 адад марказҳои тақсимоти яклухти маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ВМКБ,

вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе аз ҳисоби сармояи хориҷии грантӣ қарордод ба имзо расонида шуд.

Айни замон раванди озмун дар корҳои лоиҳакашию банақшагирӣ, асосноккунии техникӣ ва назорати техникӣ оғоз гардида дар нақша аст, ки то соли 2025 сохтмони иншоотҳо ба итмом расонида шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки бо мақсади муътадил нигоҳ доштани нархи маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол, инчунин таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти тару тозаи ватанӣ як қатор иқдомҳои инфрасохторӣ амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, шумораи анборҳо, яхдонҳо ва сардхонаҳои кишоварзӣ ба 496 адад расидааст, ки аз ин шумора 218 сардхона, 49 яхдон ва 229 анборхонаи замонавиро ташкил медиҳанд. Иқтидори умумии нигоҳдории ин инфрасохтор 187055 тонна маҳсулоти кишоварзиро дар бар мегирад, ки ин ба коҳиши талафоти маҳсулот, ташкили содирот ва нигоҳдории стратегӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили макони ҷуғрофӣ ва захираҳои табиию иқлимии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки минтақа дорои бартариҳои назарраси геополитикӣ мебошад. Ин омилҳо рушди афзалиятноки соҳаи кишоварзиро ҳамчун як бахши калидии ММД-и минтақавӣ таъйин намудаанд. Инкишофи устувори агрокомплекс ва рушди соҳаи кишоварзӣ, бо дарназардошти ҷойгоҳи он дар иқтисоди миллӣ, ҳамчун яке аз самтҳои стратегии амнияти озуқаворию кишвар баромад мекунад.

Дар сатҳи вилоят, якчанд барномаву стратегияҳо таҳия ва амалӣ гардидаанд, ки рушди минбаъдаи соҳаҳои калидӣ ва минтақаро ба самти устуворӣ равона менамоянд. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кард, ки аксарияти ин барномаҳо танҳо ҳадафҳо ва нишондодҳои стратегиро дар бар мегиранд, дар ҳоле ки роҳҳои амалӣ ва тактикаи расидан ба онҳо норасо мебошанд. Аз ин лиҳоз, ниёз ба таҷдиди стратегияи амалкунанда ё таҳияи стратегияҳои мукаммал бо тарҳрезии равшан ва асоснокшудаи марҳилаҳои татбиқ вуҷуд дорад. Аз нигоҳи коршиносон, стратегияи рушди бахшҳои алоҳидаи саноат

бояд бо методологияи илмӣ, воситаҳои татбиқи воқеӣ ва таҳлили омилҳои дохилию хориҷӣ муҷаҳҳаз карда шаванд.

Дар асоси методологияи муосири таҳлилӣ, баҳодиҳии идоракунии иқтисодиёти кишоварзӣ дар минтақа бояд бо усули муқоисавии самаранокӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва зерминтақавӣ анҷом дода шавад. Мавқеи махсуси вилояти Хатлон дар ин раванд бо хусусиятҳои стратегии ҷуғрофӣ, имкониятҳои воридкунии сармоя ва мавҷудияти захираҳои табиии калон вобаста аст.

Барои арзёбии ҷанбаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, гурӯҳҳои асосии нишондодҳо муайян карда шудаанд:

- нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (ММД, афзоиши воқеӣ ва номиналӣ);
- нишондодҳои шиддатнокии рушди иқтисодӣ (истеҳсолот ба ҳар як воҳиди захира);
- нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ (таъминоти аҳолӣ бо ҷойи кор ва даромади аҳолӣ);
- нишондодҳои рушди ташкилотҳо (самаранокии идоракунӣ, сатҳи таҷдиди техникӣ ва ғайра).

Соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2023 тақрибан 23,3% ММД, беш аз 70% ҷойҳои корӣ, 25% содирот ва 35% воридоти андоз ба буҷети давлатро таъмин кардааст. Бо вуҷуди иқлими мувофиқ барои парвариши зироатҳои гуногун, релефи кӯҳии кишвар баъзан имкониятҳои васеи рушди соҳаи кишоварзиро маҳдуд мекунад.

Аз 7,2 млн гектар замини мувофиқ барои истифода дар соҳаи кишоварзӣ, танҳо 675 ҳазор га барои кишт истифода мешавад, ки 470 ҳазор га аз онҳо заминҳои обёришаванда мебошанд. 180 ҳазор га дигар — боғу токзорҳоро ташкил медиҳанд. Ҳамасола, дар ин заминҳо зиёда аз 1,4 млн тонна ғалла, 900 ҳазор тонна картошка, 1,6 млн тонна сабзавот, 595 ҳазор тонна харбуза ва 300 ҳазор тонна мева истеҳсол карда мешавад, ки ин ба таъмини эҳтиёҷоти дохилӣ ва рушди содирот мусоидат мекунад.

Дар “Стратегияи миллии рушд то соли 2030” рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз василаҳои муҳими расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ арзёбӣ шудааст. Сабаби чунин муносибат дар он аст, ки барои расидан ба амнияти устувори озуқаворӣ ва пешбурди соҳаҳои калидии иқтисодиёт, муҳайё сохтани муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи мустақим бо ворид намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Бо назардошти ин афзалиятҳо, дар кишвар заминаи пурраи меъёрии ҳуқуқие таҳия гардидааст, ки ба рушди соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва ҷалби сармоя мусоидат менамояд. Ҷолиб он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии ҷорӣ байни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дохилӣ ва хориҷӣ ягон тафовут намегузоранд. Айни ҳол, қонунгузории миллӣ барои сармоягузорон зиёда аз 240 навъи кафолат ва имтиёзро дар бар мегирад, ки аз он 120 намуд ба сабукиҳои андозӣ ва гумрукӣ марбут мебошанд.

Дар натиҷаи беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ ва ташаккули муносибатҳои устувор бо сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар босуръат рушд намуда, дар соли 2022 ҳаҷми он ба 618,4 миллион доллари ИМА расидааст. Динамикаи ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ чунин аст (ҷадвали. 2.13).

Ҷадвали 2.13. -Динамикаи воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 (млн.доллар)

Намудҳои сармоя	С О Л Ҳ О					Ҳамагӣ
	2019	2020	2021	2022	2023	
Сармояи мустақим	345,9	162,5	342,2	618,4	221,4	1690,4
Сармояи ҷомадонӣ	0,1	0	0,1	0,2	0,1	0,5
Дигар намуди сармоягузорӣ	261,1	265,9	376	1958,2	2468,9	5330,1
Ҳамагӣ	607,1	428,4	718,3	2576,8	2690,4	7021, 0

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Тибқи маълумоти омории ҷадвали мазкур, дар давоми солҳои 2019 то 2023, ба иқтисодиёти миллӣ зиёда аз 7,02 миллиард доллари ИМА сармояи

хориҷӣ ҷалб гардидааст, ки аз ин миқдор 1,69 миллиард долларро сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвал бармеояд, ки соли 2022, агар 618,4 млн. доллар сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ворид шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 221,4 млн. доллпрро ташкил медод, ки нисбат ба соли гузашта 2,8 маротиба кам мебошад.

Бинобар сабаби рушд наёфтани бозори коғазҳои қимматнок, сармояи баставӣ (портфелӣ) ба соҳаҳои иқтисодиёт ниҳоят кам ворид мегардад. Дар давраи солҳои 2019 то 2023, ба иқтисоди миллии кишвар 5330,1 млн. доллар сармояи хориҷии ғайримустақим ворид гардидааст. Танҳо дар соли 2023 ҳаҷми ин навъи сармоягузорӣ ба 2468,9 млн. доллар расид, ки нисбат ба соли 2019 тақрибан 9,5 маротиба, ва нисбат ба соли 2022 1,3 маротиба зиёд мебошад.

Бо вуҷуди ин рушди назаррас, ҳанӯз ҳам як қатор монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, сармоягузорони хориҷӣ ба маълумоти комил ва муътамад дар бораи фазои сармоягузорӣ, имкониятҳои воқеӣ ва афзалиятҳои соҳаҳо дастрасии маҳдуд доранд. Илова бар ин, ҳам сармоягузорони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ дар марҳилаи иҷозагирӣ ва сабти лоиҳаҳо бо монеаҳои бюрократӣ ва хароҷоти баланд рӯбарӯ мегарданд, ки онро ҳамчунин санҷишҳои такрорӣ ва ғайринақшавӣ вазнинтар мегардонанд.

Бо дарназардошти рақобати шадиди байналмилалӣ барои сармоя, Тоҷикистон тавонистааст, мавқеи нисбатан мусоидро дар бозори минтақавии сармоягузорӣ нигоҳ дорад. Ҳарчанд дар самти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тамоюлҳои мусбат мушоҳида мешаванд, то ҳол ин ҳаҷм барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ — аз ҷумла рушди рақобатпазири соҳаи кишоварзӣ, васеъ кардани коркарди ниҳоии маҳсулот, таъмини ғизои хушсифат ва кам кардани вобастагӣ аз воридоти озуқа кофӣ нест.

Дар чунин шароит, тавсеаи ислоҳот дар бахши беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ҳамзамон бо дастгирии фарогири ташаббусҳои сармоягузорӣ, бояд дар маркази диққати сиёсати иқтисодии кишвар қарор гирад. Хусусан, тақвияти ҷалби сармояи мустақим ба бахши кишоварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятнок аҳамияти калидӣ дорад.

Мувофиқи маълумоти омории ҷадвали 2.14, дар давоми солҳои 2007–2023, ба бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии 5690,4 млн. доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб шудааст. Гарчанде дар соли 2023 ҳаҷми ин сармоягузориҳо дар муқоиса бо соли 2022 тақрибан 2,8 маротиба коҳиш ёфта бошад, вале дар шароити печида ва ноустувори ҷаҳонӣ - аз ҷумла таҳримҳои иқтисодию тиҷоратӣ, нобудшавии занҷираҳои таъминот, болоравии бесобиқаи қимати маводи ғизоӣ ва тағйирёбии иқлим - ин нишондиҳанда метавонанд боқӣ монад, вале он ҳанӯз ҷавобгӯи ниёзҳои мавҷуда нест.

Ҷадвали 2.14.-Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2023 аз рӯи соҳаҳо.

Соҳаҳо	Маблағи сармоя,млн.доллар	Ҳиссаи ҳар кадом соҳа,%
Саноати истиҳроҷ	2107,5	37,0
Саноати коркард	886,1	15,6
Нақлиёт ва алоқа	552,3	9,7
Миёнаравии молиявӣ	551,8	9,7
Сохтмон	466,4	8,2
Кишоварзӣ	128,0	2,2
Савдои яклухт ва чакана	114,4	2
Дигар соҳаҳо	873,5	15,4
Ҳамагӣ	5690,4	100

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки воридоти сармояи мустақими хориҷӣ беш аз ҳама ба соҳаи истихроҷ - 37% ё 2107,5 млн. доллар ва саноати коркард -15,6 % ё 886,1 млн.долларро ташкил додааст. Ба соҳаҳои

нақлиёт ва алоқа -9,7%, миёнаравии молиявӣ - 9,7% сохтмон - 8,2% ва соҳаи кишоварзӣ - 2% сармояи хориҷӣ ворид карда шудааст. Чи хеле, ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, воридшавии сармояи хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ хеле кам мебошад, дар давоми 16 сол ҳамагӣ 128 млн доллар сармояи мустақим ворид гардидааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки саҳми соҳаи кишоварзӣ дар ташаккули Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола 23-26%-ро ташкил медиҳад, новобаста ба ин, ҳаҷми воридшудаи сармояи хориҷӣ ба ин соҳа ночиз аст. Тибқи ақидаи коршиносони соҳа, соҳаи кишоварзӣ дар миқёси тамоми ҷаҳон соҳаи камдаромад ҳисобида шуда, эҳтимолияти рух додани хатар дар ин соҳа ниҳоят зиёд мебошад. Бинобар ин сармоягузорони хориҷӣ барои ворид намудани сармояи худ ба ин соҳа манфиатдор намбуда, аз рӯй додани офатҳои табиӣ ва кам шудани даромади худ аз сармоягузорӣ манфиатдор намегарданд, бинобар ин, ба ин соҳа нисбатан кам таваҷҷуҳ зоҳир карда, сармоя намегузоранд.

Бо вуҷуди ҳаҷми назарраси сармояи ҷалбшуда, бахши қобили мулоҳизаи он ба коркарди амиқи ашёи хом равона нашуда, асосан ба истеҳсоли маҳсулоти ибтидоӣ ва беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳо масраф гардидааст. Ин дар ҳолест, ки яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти бахши кишоварзӣ — гузариш аз модели анъанавии аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ дар заминаи ташкили кластерҳои агросаноатӣ — ҳамчун ҳадафи стратегӣ муайян шудааст.

Татбиқи чунин гузариш, бешак, ба ҷалби васеи сармояи ватаниву хориҷӣ, инчунин, истифодаи самараноки қарзҳои бонкӣ бо шартҳои дастрас ниёз дорад. Илова бар ин, мавҷудияти санадҳои муҳими стратегӣ, аз қабили «Стратегияи миллии рушд то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025», ки дар онҳо вазифаҳо ва афзалиятҳои соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, бо такя ба рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ муайян гардидаанд, заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии ин равандро фароҳам меоранд.

Иҷрои самарабахши ҳадафҳои зикршуда аз як тараф, ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва аз тарафи дигар, ба таъмини дастрасӣ ба манбаъҳои маблағгузорӣ, аз қабили грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок вобастагии амиқ дорад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар соли 2023, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои калидии марбут ба рушди деҳот ва бахши аграрӣ, аз ҷумла: «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа», «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ», «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо – марҳалаи 2» ва «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» ба иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ 86660 ҳазор доллари ИМА дар шакли грант ва қарз ворид гардидааст (ниг. ҷадв. 2.15).

Тавре маълумоти ҷадвали зикршуда нишон медиҳад, ҳаҷми умумии сармояи хориҷии ҷалбшуда дар байни минтақаҳои кишвар тафовут дошта, шахри Душанбе ҳамчун маркази маъмуриву иқтисодӣ, саҳми бузургтаринро дарёфт намуда, ҳаҷми сармоягузориҳо ба он 7,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар вилояти Суғд, ҳарчанд ҳаҷми маблағгузорӣ афзуда бошад ҳам, вале дар миқёси умумии сармяогузорӣ он 25,5% кам гардидааст.

Ҷадвали 2.15. – Воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 (млн.доллар).

Минтақаҳо	С О Л Ҳ О									
	2019		2020		2021		2022		2023	
	Маблағ	%	Маблағ	%	Маблағ	%	Маблағ	%	Маблағ	%
Дар ҷумҳурӣ, ҳамагӣ	607	100,0	428,3	100,0	718,2	100,0	2576,9	100,0	2690,4	100,0
Шаҳри Душанбе	270,3	44,5	233,8	54,6	391,9	54,6	1606,8	62,4	2112,2	78,5
НТҶ	32,7	5,4	17,3	4,0	5	0,7	35,9	1,4	6,3	0,2
Вилояти Суғд	280	46,1	147,5	34,4	291,3	40,6	818,2	31,8	549,3	20,4
Вилояти Хатлон	21,8	3,6	28,2	6,6	26,3	3,7	115,9	4,5	22,6	0,8
ВМКБ	2,2	0,4	1,5	0,4	3,7	0,5	0,1	0,0	0	0,0

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Чунин ҳолат дар вилояти Хатлон низ ба чашм мерасад. Ҳарчанд дар вилоят ҳаҷми маблағгузорӣ афзуда бошад ҳам, вале дар миқёси умумии сармяогузорӣ он 2,8 % кам гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсуолти умумии ҷумҳурӣ нақши калон дошта, қисми зиёди маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамояд, аммо муттаасифона, ҳаҷми воридоти сармоя ба ин вилоят, нисбат ба вилояти Суғд, 24,3 маротиба камтар аст.

Ҳарчанд баъзе монеаҳо дар роҳандозии лоиҳаҳои рушди аграрӣ ҷой доранд, аммо дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо, марҳилаи 2», як қатор тадбирҳои амалии муҳим роҳандозӣ гардиданд. Аз ҷумла, 2011 сар қучқори наслдиҳандаи зоти "Ҳисорӣ", 70 адад инкубаторҳои хонагӣ бо системаи муосири назорати инкубатсионӣ, 15545 сар чӯҷаи мурғи хонагӣ, 5120 сар чӯҷаи мурғи марҷон, инчунин 2740 оилаи занбӯри асал бо таҷҳизоту воситаҳои ёрирасони махсус харидорӣ ва ба деҳқонон ва истифодабарандагони инфиродӣ дастрас гардонида шуданд. Ҳамзамон, 74592 гектар чарогоҳ дар минтақаҳои ҳадафии лоиҳа таҷдиду барқарор шуда, бо техника ва таҷҳизоти зарурии кишоварзӣ таъмин гардиданд.

Дар заминаи Лоиҳаи «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ», 4525 нафар кишоварзон аз 50 шаҳру ноҳияи кишвар бо дастгирии мустақим фаро гирифта шуданд. Маблағгузорӣ ва дастрасии онҳо ба захираҳои зарурӣ барои рушди самтҳои зерини афзалиятноки аграрӣ мусоидат намуд: парвариши чорво ва паранда, хариди тухмӣ ва нуриҳои минералӣ, растанипарварӣ ва боғпарварӣ, рушди соҳаи моҳипарварӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (аз ҷумла, меваҳои тару тоза ва хушк), таҷдиди инфрасохтори анборҳо ва гармхонаҳо, таҷҳизонидани заминҳои кишт бо системаи ирригатсионӣ, ва таъмин кардани фермерон бо техникаю таҷҳизоти муосир ва ғайра.

2.3 Роҳҳои таъмини самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) иқтисодӣ

Ба муносибатҳои бозаргонӣ гузаштани иқтисодиёт дар назди истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ талаботи зиёд мегузорад. Мувофиқи талаботҳое, ки иқтисоди бозаргонӣ тақозо мекунад, рушди корхонаҳои хурди кишоварзӣ, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани механизми нави иқтисодии фаъолияти онҳо ва ҳамкории онҳо бо соҳаҳои асосии хоҷагии халқ дар асоси тағйироти куллии муносибатҳои оид ба моликиятро дар назар дорад. Вобаста ба ин, масъалаҳои сиёсати дахлдори сармоягузорӣ, инчунин зарурати татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ оид ба таъсиси корхонаҳои хурд бояд ҳал карда шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, натиҷаи зерин баровардан мумкин аст, ки рушди корхонаҳои хурд, махсусан хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) хурд, дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд дар самти такмили шаклҳои моликият сурат гирад.

Такмил додани шаклҳои моликият, ки бо воситаи ғаридавлатигардонӣ, хусусигардонӣ ва ба корхонаҳои хусусӣ табдил додани корхонаҳои давлатӣ ба амал бароварда мешавад, ба ташаккули сохтори нави истеҳсолӣ имконият медиҳад. Дар натиҷаи ин ҷараёнҳо, бояд низоми чандирии ба моликияти инфиродӣ ва дастҷамъона нигаронидашуда ба вуҷуд оварда шавад, ки он дар корхонаҳои коркард нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар солҳои охир, раванди дастгирии давлатӣ аз соҳаи хоҷагии қишлоқ бо як қатор тамоюлҳои нигаронкунанда рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, дар корхонаҳои давлатӣ, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мебаранд, вазъи молиявию иқтисодӣ рӯ ба таназзул ниҳода**,** миқдори қарзҳо афзоиш ёфта**,** самаранокии иқтисодӣ ва сатҳи даромаднокии онҳо ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин равандҳо зарурати таҳлили амиқ ва андешидани тадбирҳои

муассирро дар самти таҷдиди механизми дастгирии давлатӣ ва беҳсозии фаъолияти муассисаҳои давлатии аграрӣ тақозо менамоянд.Ин тамоюлҳои манфӣ, махсусан дар айни замон, дар шароити буҳрони молиявӣ, равшан зоҳир гардиданд.

Амали дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои дорои муносибатҳои бозаргонии тараққикарда нишон медиҳанд, ки ҳангоми вусъат бахшидани фаъолияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, бояд ҳаҷми оптималии корхонаро ба назар гирифт.

Чунон ки амалияи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ватании мо нишон медиҳанд, корхонаҳои хурди аз ҷиҳати техникӣ нағз чиҳозонидашуда дар бисёр мавридҳо бартариҳои худро доранд - онҳо метавонанд тезтар, дар муҳлати кутоҳтар, талаботи технологии истеҳсолот, тағйир ёфтани талаботро тезтар қонеъ гардонанд. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва ҳуҷҷату сарчашмаҳои муҳим оид ба ташаккул, фаъолият ва рушди корхонаҳои коркарди хурд дар тӯли солҳои 1925 - 1990 нишон медиҳанд, ки барои рушди чунин корхонаҳо чораҳои қатъӣ дида нашудаанд. Мамлакати дорои иқтисодиёти классикии мутамаркази нақшавӣ, ки асосан, иҷрои нақшаи мутамаркази экстенсивиро таъмин мекард, ба васеъ намудани шабакаи корхонаҳои хурд манфиатдор набуд. Ба ғайр аз ин, аввалан, назарияи ҳукмрон дар бораи афзалиятҳои корхонаҳои калон як навъ монеа дар роҳи ташкили корхонаҳои хурд гардид; дуюм, фаъол набудани заминаи ҳуқуқии танзимгар**,** ки шарту талаботи ташкилию иқтисодӣ, принсипҳои идоракунӣ, механизмҳои назорат, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва қатъ намудани фаъолияти корхонаҳои хурдро мушаххас намояд**,** монеа ба рушди пурраи онҳо мегардад ва имкониятҳои ин бахшро дар иқтисоди миллӣ маҳдуд месозад; сеюм, набудани рақобати ҳақиқӣ ва мавҷудияи иқтисодиёти аз ҳад инҳисорӣ, ки бар инҳисории давлатӣ асос ёфтааст, имкон надод, ки муносибатҳои иқтисодии корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои хурд рақобат кунанд; чорӯм, нокифоя будани дараҷаи тахассуси кадрҳо, маҳдуд будани имконияти зоҳир намудани хислатҳои эҷодӣ ва

кордонии онҳо, набудани марказҳо, мактабҳо ва донишкадаҳои олӣ барои тайёр кардани мутахассисон барои кор дар корхонаҳои хурд ба ташаккул ва инкишофи соҳаҳои хурд мусоидат накарданд.

Дар баробари ин, корхонаҳои хурд имконият доранд, ки корхонаҳои калонро аз вазифаҳои ғайриоддии истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ва маснуот барои истифодаи оммавӣ, иҷрои кори мустақилона, бевосита ба харидорон, истеҳсоли бисёр чизҳои дар ҳаёти ҳар рӯза хеле зарур озод кунанд. Аммо, мутаассифона, дар ҷумҳурии мо дар бобати омӯхтани табиати корхонаҳои хурд таҳқиқоти ҷиддии илмӣ дида намешаванд. Ва ин ҳолат ба амалияи ташаккул ва рушди тиҷорати хурд таъсири манфӣ мерасонад.

Тоҷикистон барои барпо намудани корхонаҳои хурди навъҳои гуногун имкониятҳои калон дорад. Хусусан, дар бобати ташкили корхонаҳои коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ ва коркарди партовҳо. Мувофиқи ҳисобҳои мо, дар давоми 10 - 15 соли наздик барои 40 - 60 ҳазор гектар токзор ва 60 -100 ҳазор гектар дигар заминҳоро васеъ кардан имкониятҳои воқеӣ мавҷуданд, ки ин ба таври илова 1,7 - 2,5 миллион тонна ҳосили меваю ангур медиҳад. Корхонаҳои калони давлатӣ, ки ба кор медароянд, наметавонанд ин анбӯҳи бузурги ашёи хомро пурра аз нав коркард намоянд ва ҳар сол аз сабаби бад ва нодуруст нигоҳ доштани он қариб чоряки сабзавоту меваи рӯёндашуда талаф мешавад. Аз ин рӯ, ташаккул ва рушди корхонаҳои хурд имкон медиҳад, ки ин талафот тавассути коркард, тақсим, ирсол ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо хеле кам карда шавад.

Бинобар ин, яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ин ҷойгиркунии дуруст ва махсугардонии муносиби соҳаҳо ба ҳисоб меравад. Самаранокии истеҳсолот бештар аз оптималӣ будани сохтори татбиқшавандаи истеҳсолот вобаста аст, ки дар навбати худ, аз андозаи корхона, махсусгардонии воҳидҳои асосии истеҳсолот, технологияи истифодашаванда, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи

тахассусии онҳо, инкишофи зерсохтори деҳот, ҳамгироии байни воҳидҳои сохторӣ ва нигоҳдории маҳсулот вобаста аст.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва такмил додани он, сохти идоракунӣ, ташкили истеҳсолот ва меҳнат, инчунин сохтори истеҳсолот низ дигаргун мегарданд. Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор тағйироти назаррас амалӣ гардиданд, ки аз қабили ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, навовариҳои селексионӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосири дорои иқтидори баланди энергетикӣ ба шумор мераванд. Ин ислоҳот шароити мусоид фароҳам овард, то ҳаҷми умумии истеҳсоли зироатҳои асосӣ, аз ҷумла ғалладонагиҳо, картошка, полезиҳо, сабзавот ва меваҳо, дар муқоиса бо солҳои қаблӣ 1,5 то 2 баробар афзоиш ёбад.

Шумораи оптималии соҳаҳо дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва ҳамгироии муносибу оқилонаи онҳо бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои зиёде муайян карда мешавад. Омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳаи кишоварзиро метавон ба чанд гурӯҳи шартӣ ҷудо кард. Ба гурӯҳи аввал - омилҳои табиӣ - нишондиҳандаҳое монанди ҳосилхезии хок, таркиби замин, ҳаҷми боришот, шумораи рӯзҳои офтобӣ ва миқдори умумии гармии солона шомил мешаванд. Гурӯҳи дуюм - омилҳои ташкилию иқтисодӣ - ҷойгиршавии субъектҳои истеҳсолӣ, сатҳи инфрасохтори нақлиёт, ҳаҷми сармоягузорӣ, динамикаи нархи маҳсулот, сохтор ва ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти алоҳида ва сатҳи ташаккули зерсохторҳои бозорро дар бар мегирад. Ба гурӯҳи сеюм - омилҳои техникӣ - сатҳи тараққиёти техникаву технология ва андозаи истифодаи навовариҳои муосир мансубанд. Гурӯҳи чорум -омилҳои иҷтимоиву демографӣ - шумораи аҳолӣ, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳост. Ва ниҳоят, омилҳои экологӣ чорабиниҳоеро фаро мегиранд, ки барои ҳифз ва такмили ҳосилхезии замин, инчунин пешгирии ифлосшавии муҳити зист равона шудаанд.

Муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ин омилҳоро ба ду гуруҳ тақсим мекунанд: баъзе муҳақиқон ба махсусгардонӣ; пешрафти илмию техникӣ;

нархи маҳсулот; мавҷуд будани бозорҳои фурӯш; мавҷуд будани воситаҳои алоқа; шароити табиӣ; таҷрибаи таърихӣ ва маҳорати аҳолиро дохил менамоянд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, ба махсугардонӣ талаботи истеъмолкунандагон, афзоиши даромади аҳолӣ, дастгирии давлатӣ, истифодаи оқилонаи замин, киштгардон, захираҳои меҳнатӣ ва ғайраро дохил менамоянд.

Дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар хоҷагии қишлоқ, махсусгардонӣ бо шаклҳои гуногун ифода меёбад, ки ҳар кадоми онҳо мазмун ва объекти ба худашон хосро доранд. Шаклҳои асосии зерини махсусгардониро фарқ менамоянд:

1. Минтақавӣ ва дохилиминтақавӣ ё қаламравӣ, ки тақсимоти меҳнатро дар байни ноҳияҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои хоҷагии қишлоқ барои истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ифода мекунад. Махсусгардонии ҳудудӣ бевосита ба ҷойгиршавии ҷуғрофии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста аст. Вай дар натиҷаи таъсири маҷмуи омилҳои табиӣ, таърихӣ, демографӣ, техникӣ ва ғайра ба амал меояд.

Соҳавӣ ва дохилисоҳавӣ - шакле аз тақсимоти меҳнат мебошад, ки бевосита бо тахассуснок кардани фаъолияти истеҳсолӣ дар қаламрави муайян алоқаманд аст. Ин шакл ба ду самт тақсим мешавад: аввал - ҷудо кардани навъҳои алоҳидаи маҳсулот байни соҳаҳои гуногун, ки ҳамчун махсусгардонии соҳавӣ маъруф аст, ва дуюм - ҷудо кардани марҳилаҳои ҷараёни технологӣ дар дохили як соҳа, ки онро махсусгардонии дохилисоҳа (ё технологӣ) меноманд. Мисолан, дар бахши растанипарварӣ метавон картошкапарвариро ҳамчун самти алоҳидаи истеҳсол эътироф кард. Дар ин росто, тақсим кардани он ба ду зерсоҳаи алоҳида - тухмипарварӣ ва истеҳсоли картошкаи истеъмолӣ ё барои фурӯш - аз нигоҳи ташкилӣ ва иқтисодӣ хеле асоснок ва зарурӣ арзёбӣ мешавад.

2. Чорводорӣ, ҳамчун як соҳаи кишоварзӣ, ба ду зерсоҳа - чорводории ширӣ ва гӯштӣ тақсим карда мешавад. Дар навбати худ, дар зерсоҳаи чорвои

ширӣ такрористеҳсолкунии чорво ва истеҳсоли ширро ба истеҳсолоти мустақил, дар соҳаи чорводории гӯштӣ - такрористеҳсолкунии чорво, парвариши гусолаҳо ва фарбеҳ кардани чорворо ба истеҳсолоти мустақил ҷудо кардан мумкин аст.

3. Иқтисодӣ - махсусгардонии корхонаҳои алоҳидаро ифода намуда, дар ҳар яки онҳо истеҳсоли маҳдуди маҳсулоти тиҷоратиро дар назар дорад. Моҳияти иқтисодии махсусгардонии тиҷоратӣ дар кам кардани шумораи соҳаҳои молии дохили як корхона мебошад. Махсусгардонии иқтисодӣ танҳо ба истеҳсоли мол дахл дорад ва номгӯи маҳсулоти берун аз корхона фурӯхташударо инъикос мекунад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки навъҳои алоҳидаи маҳсулотро барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худи иқтисодиёт истеҳсол кардан мумкин аст, бинобар ин, миқдори намудҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумӣ назар ба маҳсулоти фурухташуда зиёд шуда метавонад.

4. Дохилихоҷагӣ - ин шакли махсусгардонӣ бар тақсимоти меҳнат дар байни воҳидҳои алоҳидаи истеҳсолӣ асос ёфтааст. Масалан, дар сабзавоткорӣ гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба парвариши зироатҳои сабз ва сабзавот махсус гардонида шудаанд. Мақсади асосии махсусгардонии дохилихоҷагӣ аз оқилонатар ҷойгиркунии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ дар байни зерсоҳаҳои хоҷагӣ (бригадаҳо, фермаҳо ва ғайра) иборат мебошад. Дараҷаи махсусгардонии дохилихоҷагӣ ҳар қадар баланд бошад, ба истеҳсоли як навъи маҳсулот ҳамон қадар камтар воҳидҳои истеҳсолӣ ҷалб карда мешаванд.

Баъзе шаклҳои асосии корхонаҳо ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда дар бахши истеҳсолоти кишоварзӣ чунин тавсиф мешаванд:

- дараҷаи баланди махсусгардондашуда, намуди ташкилотҳо ба истеҳсоли як навъи маҳсулоти кишоварзӣ ё як марҳилаи муайяни он тахассус доранд. Ин корхонаҳо, ҳарчанд воситаи асосии истеҳсолот ва замини кам дошта бошанд ҳам, махсусгардонии баландро соҳибанд (комбинатҳои коркарди гӯшт, маҷмааҳои фермаҳои чорводорӣ, фабрикаҳои мурғпарварӣ ва ғайра);

- махсусгардонӣ ба як соҳаи асосӣ, ки ҳиссаи он дар таркиби маҳсулоти молӣ на камтар аз 50 фоизро ташкил медиҳад (ғаллапарварӣ, пахтапарварӣ, сабзавотпарварӣ, боғу токпарварӣ ва ғайра);

- махсусгардонӣ ба ду соҳаи асосӣ, ки ҳар кадоми онҳо на камтар аз 25 фоизи арзиши маҳсулоти молиро ташкил медиҳанд (сабзавот ва шир, ғаллапарварӣ ва картошкапарварӣ, ғаллапарварию сабзавотпарврӣ, пахтапарварию сабзавотпарварӣ ва ғайра);

- махсусгардонӣ ба се соҳаи асосӣ, ки ҳар кадоми онҳо на камтар аз 20 фоизи арзиши маҳсулоти молиро истеҳсол менамоянд (ғаллапарварӣ - лаблабу-чорводории ширӣ, ғаллапарварӣ -картошкапарварӣ-чорводорӣ, чорводории ширӣ-картошка-сабзаворкорӣ ва ғайра);

- бисёрсоҳавӣ ё универсалӣ - дорои чор ё зиёда соҳа;

- хоҷагӣ-комбинат ё ферма-заводҳое, ки дар онҳо на танҳо истеҳсол, балки коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ ба амал бароварда мешавад (фирмаҳои агрофирма, агрокомбинат, иттиҳодия ва ғайра).

Сохтори ҷойгиркунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар харитаи ҷойгиркунонии зироатҳои хоҷагии қишлоқ оварда шудааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бештари заминҳоро ғалладонагиҳо (44%),пахта -28%, сабзавот - 8%, картошка -3% ва дигар зироатҳо 17% ишғол намудаанд.

Агар ин нишондиҳандаҳо бо нишондодҳои то соли 1991 муқоисакарда шаванд, метавон тағйироти ҷиддиро дид, чунки дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон (махсусан вилояти Хатлон) ба истеҳсоли пахта махсус гардонида шуда буд, ки ин зироат то 50% заминҳои киштро ишғол менамуд. Афзоиши аҳолӣ, афзоиши нархи ғалладона сабаби зиёд шудани майдони кишти онҳо шуданд. Дар баробари ин, солҳои охир нархи пахта дар Тоҷикистон паст фаромада, истеҳсолкунадагони он аз фаъолияти худ зарар мебинанд. Ин ва дигар сабабҳои объективӣ боиси тағйирёбии майдони кишти зироатҳо гардидаанд.

Шарти калидии баланд бардоштани самаранокии комплекси

агросаноатӣ - ин ташаккул ва тавсеаи самтҳои вобастаи он мебошад, ки фаъолияти онҳо ба марҳилаҳои минбаъдаи занҷираи истеҳсолот, аз ҷумла коркард, захира ва интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ, равона шудааст.

Соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқавории вилояти Хатлон нақши калон мебозад. Таҳлилҳои гузаронидашуда муайян месозанд, ки саҳми соҳаи чорводорӣ дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон 30,2%-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҷолиби диққат аст, ки қисми асосии захираи зотии чорвои калони шохдор, моли майда ва паранда маҳз дар хоҷагиҳои аҳолӣ нигоҳдорӣ ва парвариш карда мешавад.



Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Расми 2.1.- Харитаи ҷойгиркунии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон.

Дар ҷадвали 2.16. саршумори чорво ва парранда (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ) дар соли 2023 дар вилояти Хатлон оварда шудааст. Таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки аз 26 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон саршумори чорвои калони шохдор бештар дар ноҳияҳои Ёвон, Данғара, Кӯшониён, Ҷ. Балхӣ ва ноҳияи Қабодиён мавҷуд аст. Саршумори бузу гусфанд бошад, бештар дар ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Вахш, Қабодиён, Фархор ва Муъминобод мавҷуд буда, дар дигар ноҳияҳо миқдори ками онҳо парвариш карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ин ноҳияҳои шароитҳои хуби чарогоҳ ва оғилхонаҳо барои парвариши чорво мавҷуданд.

Ҷадвали 2.16.- Саршумори чорво ва парранда (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ) дар вилояти Хатлон дар соли 2023.

Номгӯи шаҳру ноҳияҳо	Намуди чорво, сар				Аз он ҷумла бо фоиз			
	Чорвои калони шохдор	Гӯсфанду буз	Парранда	Асп	Чорвои калони шохдор	Гӯсфанду буз	Парранда	Асп
Вилояти Хатлон-ҳамагӣ	1119528	2808363	2715931	62158	100	100	100	100
Аз он ҷумла: ш.Бохтар	3915	6140	8987	18	0,35	0,22	0,33	0,03
н.Кӯшониён	72136	87021	131951	1096	6,44	3,10	4,86	1,76
н.Вахш	54342	193227	152392	2536	4,85	6,88	5,61	4,08
н.Хуросон	45575	119966	93434	7415	4,07	4,27	3,44	11,93
н.Дӯстӣ	46545	83368	62985	902	4,16	2,97	2,32	1,45
н.Қубодиён	57141	164932	93532	1385	5,10	5,87	3,44	2,23
н.Ҷ.Балхӣ	62886	134463	144147	1860	5,62	4,79	5,31	2,99
н.А.Ҷомӣ	46969	83188	84880	2273	4,20	2,96	3,13	3,66
н.Ҷайҳун	45295	70239	65976	1633	4,05	2,50	2,43	2,63
н.Панҷ	49223	115766	83175	6105	4,40	4,12	3,06	9,82
н.Шаҳритус	46416	100552	136940	1126	4,15	3,58	5,04	1,81
н.Ёвон	107590	206806	344950	6398	9,61	7,36	12,70	10,29
н.Н.Хусрав	20719	52496	42847	475	1,85	1,87	1,58	0,76
ш.Левакант	7852	31410	96439	228	0,70	1,12	3,55	0,37
ш.Кӯлоб	28903	54498	178898	499	2,58	1,94	6,59	0,80
н.Муъминобод	42496	140648	173796	3328	3,80	5,01	6,40	5,35
н.Восеъ	54540	121441	83113	1950	4,87	4,32	3,06	3,14
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	41857	78963	78948	1037	3,74	2,81	2,91	1,67
н.Фархор	64037	152061	136121	2727	5,72	5,41	5,01	4,39
н.Темурмалик	40748	121657	46374	3796	3,64	4,33	1,71	6,11
н.Данғара	76226	468783	330886	5790	6,81	16,69	12,18	9,31
н.Ховалинг	28572	42822	33970	2237	2,55	1,52	1,25	3,60
н.Ш.Шоҳин	32849	86697	44938	2903	2,93	3,09	1,65	4,67
н.Балҷувон	30022	57113	45875	3712	2,68	2,03	1,69	5,97
ш.Норак	12674	34106	20377	729	1,13	1,21	0,75	1,17

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Омори солонаи вилояти Хатлон. саҳ. 144-148.*

Саршумори паранда аз ҳама бештар дар ноҳияҳои Ёвон ва Данғара мавҷуд аст. Дар чанд соли охир дар минтақаҳои мазкур як қатор фабрикаҳои муосири парандапарварӣ бунёд ёфта, бо таҷҳизоти навтарини технологии ҷаҳонӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Ин иқдом заминаи мусоиди рушдро барои соҳаи паррандапарварӣ фароҳам оварда, ба рушди босуръати он дар сатҳи ноҳияҳо такони ҷиддӣ бахшид. Саршумори асп дар ноҳияҳои асппарварӣ Вахш, Ёвон, Панҷ ва Данғара маҳсуб меёбанд. Дар ин чор ноҳияи овардашуда зиёда аз 41% асп парвриш меёбад.

Тибқи таҳлилҳо маълум гашт, ки тибқи чор намуди чорвои номбаршуда ноҳияҳои Данғара ва Ёвон пешсаф мебошанд.

Дар асоси маълумоти ҷадвали овардашуда мо харитаи ҷойгиркунии соҳаи чорводории вилояти Хатлонро тартиб додем (Расми 2.2).



Расми 2.2. -Харитаи ҷойгиршавии соҳаи чорводории вилояти Хатлон

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Омори солонаи вилояти Хатлон. саҳ. 144-148.*

Дар асоси таҳлили анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки

ноҳияҳои Данғара ва Ёвон нисбат ба дигар минтақаҳо захираҳои мавҷударо, аз ҷумла иқтидори иқтисодӣ, замин ва нерӯи меҳнатиро - самараноктар истифода мебаранд. Дар натиҷа, соҳаи чорводорӣ дар ин ноҳияҳо бо суръати бештар рушд карда, сатҳи рушди онро дар муқоиса бо дигар ноҳияҳо назаррас мегардонад. Аз таҳлилҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки ноҳияҳои Данғара, Ёвон ва Қубодиён, дар баробари соҳаи растанипарварӣ инчунин ба соҳаи чорводорӣ низ тахассусият дошта, дар солҳои охир ҳисаи соҳаи чорводорӣ дар ин ноҳияҳо баланд шуда истодааст.

Амалӣ гардонидани мушкилотҳои зикршуда шарти воқеии ташаккул, ҷойгиронӣ ва тараққӣ додани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва дар дохили онҳо ташкили корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот мебошад. Шарти муҳими иқтисодӣ, рушди корхонаҳои коркарди хурд, пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ва фаъолияти манфиатбахши онҳо мебошад (ҷадв. 2.17).

Ҷадвали 2.17. - Динамикаи гуногунии шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ дар хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 (адад)

Категорияи хоҷагиҳо		С О Л Ҳ О				
		2019	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Ҳамаи намуди хоҷагиҳои кишоварзӣ	I	176975	183926	171899	176984	181444
	II	61573	66559	68322	70770	72618
Хоҷагиҳои давлатӣ	I	148	159	161	159	158
	II	57	70	72	73	72
Хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва кооперативҳо	I	3937	3867	3731	3583	3641
	II	2566	2572	2383	2313	2177
ҶДММ ва Ҷамъиятҳои саҳомӣ	I	269	276	348	398	414
	II					
Хоҷагиҳои ёрирасон	I	570	560	591	615	598
	II	204	197	196	198	189
Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ	I	171975	179005	167009	172107	176524
	II	58704	63672	65604	68090	70085
Соҳибкорони инфиродии соҳаи кишоварзӣ	I	-	-	-	63	50
	II	-	-	-	-	-

Эъзоҳ: *I - Дар ҷумҳурӣ; II - Дар вилояти Хатлон.*

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. 336-342 .*

Аз таҳлили ҷадвали 2.17. бармеояд, ки тайи солҳои охир шумораи

хоҷагиҳои дастҷамъона ва давлатӣ дар вилояти Хатлон кам шуда, шумораии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ зиёд шуда истодааст.

Ташаккул ва тараққӣ додани корхонаҳои хурд муаммоҳои бисёртарафа мебошанд. Барои ҳалли самарабахши онҳо бояд вазифаҳои зерини муҳимро, чи тавре ки мебинем, ба ҳамдигар алоқаманд иҷро кард:

1. Табдил додани фаъолияти иқтисодии корхонаҳои хурд ба бахши динамикии хоҷагии халқ. Сухан, аслан, дар бораи ба даст овардани суръати пешрафти иқтисодӣ аз ҳисоби афзалиятҳои иқтисодиёти хурд меравад.

2. Ҳалли таъминоти молиявию захиравии хоҷагии хурди миллӣ. Ин мушкилот, ки ҳангоми ташаккути абзорҳои иқтисодии рушд барои корхонаҳои хурди коркард ба миён меояд, дар баробари худ зарурати ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои марбутро пеш мегузорад. Аз ҷумла, масъалаи муҳими таъмини молиявӣ дар марҳилаи аввали таъсиси чунин корхонаҳо ҳамчун омили калидии рушди устувори онҳо баррасӣ мегардад.

3. Дастгирии мунтазами давлатӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии рушди тиҷорати хурди соҳибкорӣ маҳсуб ёфта, барои таъмини фаъолияти пойдори корхонаҳои хурди коркард муҳим мебошад.

4. Эҷоди заминаҳои зарурӣ барои афзоиши иқтидори имкониятҳо барои иқтисодҳои хурд дар раванди шомил кардани Тоҷикистон ба тақсимоти байналхалқии меҳнат, инкишофи савдо ва робитаҳои иқтисодӣ.

Инҳо баъзе масъалаҳои фарзиявӣ мебошанд, ки бояд дар раванди ташаккул ва рушди корхонаҳои хурд дар шароити муносибатҳои бозории амалкунанда ҳал шаванд.

Зарурияти бевосита дар ихтиёри хоҷагиҳо сохтани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот дар он аст, ки аксарияти корхонаҳои коркард дар шаҳрҳо ва марказҳои саноатӣ воқеъ гардидаанд, ки дар баробари афзудани истеҳсоли меваю сабзавот, талаботи корхонаҳои хоҷагии қишлоқро қонеъ гардонда наметавонанд. Бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулот дар шаҳрҳо талаб мекунад, ки миқдори зиёди маҳсулоти меваю сабзавот дар муҳлати кӯтоҳ ва ба

масофаҳои дур кашонда шавад, ки аз имкониятҳои ҳар як хоҷагии аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда берун аст.

2.4. Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ

Таҳқиқ ва таҳлили адабиёти илмии муосири миллӣ ва байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои назариявӣ ва методологии ба таври самаранок ҷойгир кардан ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ то ба имрӯз пурра ҳаллу фасл нагардидаанд ва ҳамчун мавзӯи муҳими илмӣ мавриди баҳс боқӣ мондаанд. Барои дарки дурусти мафҳуми самаранокии истеҳсолот, пеш аз ҳама, бояд худи мафҳуми «самаранокӣ» равшан карда шавад. Вожаи "самаранок" (аз лотинии “afectivus”) маънои «ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ва муассир»-ро ифода мекунад, яъне «самаранокӣ» баёнгари дараҷаи ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ дар раванди фаъолияти низом ё сохтори муайян аст.

“Самара”мафҳуми мутлақ буда, натиҷаи ягон амал ё зуҳуротро мефаҳмонад. Дар иқтисодиёт самараи фаъолият бо фоида ифода меёбад. “Самаранокӣ ”мафҳуми нисбӣ буда, дар натиҷаи муқоисаи самара бо хароҷоти ба он равона кардашуда ифода карда мешавад.

Оид ба масъалаи самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ муддатҳои тӯлонӣ аст, ки миёни олимон баҳсҳои илмӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, иқтисодчиёни маъруф Добровский Н. ва Гречаненко Г. самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро ҳамчун афзоиши ҳаҷм ва сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда дар баробари баланд бардоштани сарфанокии раванди истеҳсолот муайян намудаанд. Бо вуҷуди саҳми назарраси онҳо дар ин ришта, чунин таъриф камбудие дорад, зеро дар он аҳамияти истифодаи самараноки воситаҳои асосии истеҳсолот, ки яке аз омилҳои калидии таъмини самаранокии умумии соҳа ба шумор меравад, ба инобат гирифта нашудааст.

Тибқи ақидаи олими рус Буздалов И. - «имконияти баррасии самаранокии иқтисодӣ дар соҳаҳои муайян (самаранокии истеҳсолот, муомилот, истеъмол),

бо омилҳои раванди истеҳсолот (самаранокии сармоягузориҳо, таҷҳизоти нав, воситаҳои асосии истеҳсолӣ, қувваи корӣ), бо соҳаҳо ва зерсоҳаҳои иқтисодиёти хоҷагии халқ, корхонаҳо, воҳидҳои сохторӣ дар корхонаҳо, бо соҳаҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ (парвариши зироатҳо, чорводорӣ, ғалладонагиҳо, гӯшт ва ғайра) вобастагӣ дорад» [179].

Дар мавриди ин категорияи иқтисодӣ бошад, ба мафҳуми «самаранокии иқтисодӣ» хусусиятҳои динамикӣ ва рушд хос аст. Агар фаъолияти истеҳсолиро ба таври куллӣ ба назар гирем, пас самара ба ҳамаи шаклҳои муносибатҳои истеҳсолӣ беистисно хос аст. Мақсади ҳар як истеҳсолот аз он иборат аст, ки бо сарфи ҳадди ақали фоида ба даст орад. Аммо ба ин мақсад чӣ тавр ноил шудан, бо кадом усулҳо, дар куҷо ва чӣ тавр дарёфт кардани захираҳои иқтисодиёт - ин бо шароити мушаххаси фаъолияти истеҳсолоти алоҳида ташаккул меёбад.

Барои муайян кардани самараи иқтисодӣ ва сатҳи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, маъмулан нишондиҳандаҳои фоида ва даромаднокӣ ҳамчун меъёрҳои асосии индикативӣ истифода мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо на танҳо ба таври умум барои соҳа, балки барои ҳар як навъи алоҳидаи маҳсулоти истеҳсолшаванда низ ба таври ҷудогона ҳисоб карда мешаванд..

Самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро як қатор нишондиҳандаҳо тавсиф мекунанд, ки аз инҳо иборатанд: ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии воҳиди маҳсулот, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои солонаи чанд соли охир дар вилояти Хатлон имкон дод, ки равандҳо ва қонуниятҳои асосии инкишофи соҳаи хоҷагии қишлоқ, бо назардошти хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва тамоюлҳои махсусгардонии истеҳсолот, муайян ва таҳлил карда шаванд. Муносибати экологию иқтисодӣ ба истифодаи табиат ва махсусан ба истеҳсолоти кишоварзӣ, бо он асоснок карда мешавад, ки дар муқоиса бо дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист наметавон ба арзёбии оқилона танҳо дар доираи равандҳои алоҳида ва маҳдуд қонеъ шуд. Дар фаъолияти муҳофизати муҳити зист, умуман, комилан

ба назар гирифтани таъсири мутақобилаи қонунҳои гуногун - табиат ва ҷамъият имконнопазир аст.

Дараҷаи арзиши аслии маҳсулоте, ки субъектҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ истеҳсол мекунанд, ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагӣ, самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар саноат таъсири ҳалкунанда мерасонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дараҷаи ҳақиқии хароҷоти истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон дар солҳои охир тамоюли устувори афзоянда дорад.

Дар соҳаҳои чорводорӣ истеҳсоли маҳсулот ба мавсим, шароити обу ҳаво ва ҷойгиршавии он камтар вобаста аст, ба истиснои солҳое, ки барои ба вуҷуд овардани захираи зарурии хӯроки чорво номусоид мебошанд. Аммо дар натиҷаи таъсири як қатор омилҳои манфии дорои хусусиятҳои умумии иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ дар давраи таҳлилшуда хеле зиёд шудани хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ мушоҳида карда шуд.

Дар айни замон, сабаби паст будани натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, ба ғайр аз омилҳои дар боло зикршуда, дигаргунии сохторӣ чи дар хоҷагии қишлоқ ва чи дар маҷмааи агросаноатӣ мебошад. Дар зери таъсири ташаккули муносибатҳои бозорӣ низоми мутамаркази фуруши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ вайрон шуд. Дар давраи то ислоҳот, қисми зиёди маҳсулоти тавлидгардида тавассути шабакаҳои устувори тақсимот, ки ба принсипҳои ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии истеҳсолот мутобиқ буданд, интиқол меёфтанд.

Комбинатҳои коркард минтақаҳои ашёи хоми худро доштанд ва то андозае онҳо, бо назардошти ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ, сохта мешуданд.

Гузаштан ба низоми бисёрканалии фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ба вуҷуд омадани объектҳои иловагии маҳсулоттайёркунии хурд, низоми минтақавии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва идоракунии соҳаро вайрон карданд. Сохтори даромадҳои пулии корхонаҳои кишоварзӣ дар давраи таҳлилшуда тағйиротро нишон медиҳад. Дар ҳамаи ноҳияҳои хоҷагии қишлоқ

вазни қиёсии маҳсулоти растанипарварӣ дар маҷмӯи умумии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ афзуд.

Таҳлили ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз камдаромад будани фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ, дар самти истеҳсолот махсусгардонии қаблан муқарраршудаи вилоят ва минтақаҳои кишоварзии он аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар баробари инкишофи муносибатҳои бозорӣ, дар минтақаҳои алоҳидаи кишоварзӣ афзалиятҳои инкишоф ва васеъ намудани соҳаҳои алоҳидаи соҳа ба миён омаданд: дар минтақаҳои бо оби борон таъминбуда метавон ғаллакорӣ, зағирпарварӣ ва боғдорӣ, дар минтақаҳои гарм ва ҳамвор - пахтакорӣ, дар минтақаҳои куҳӣ - чорводориро ривоҷ дод.

Маҳсулнокӣ ва тозагии сарватҳои табиӣ барои низомҳои хоҷагии қишлоқи минтақавӣ аҳамияти дучанд доранд. Аввалан, ҳифзи ин хосиятҳо вазифаи муҳими дарозмуддат аст, ки ҳалли он барои таъмини ҳаёти наслҳои оянда зарур аст. Баъдан, тозагӣ ва ҳосилнокии захираҳои табиӣ шарти асосии рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣ - манбаи даромад барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии минтақа мебошад.

Таҳлили вазъияти иқтисодиёт ва фаъолияти хоҷагии халқ имкон медиҳад, ки мушкилотҳои зерини тараққиёти экологию иқтисодии вилояти Хатлон муайян карда шаванд:

- ба эътибор нагирифтани ҷанбаҳои муҳити зист дар даврaҳои такрористеҳсоли минтақавӣ, ки бо ҷамъшавии нокифояи сармоя барои барқарорсозии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист зоҳир мегардад;
- рушди экстенсивии бахшҳои асосии хоҷагии халқ, ки ба шиддатёбии таъсири манфии техногенӣ ба муҳити зист сабаб мегардад;
- нопурра ба эътибор гирифтани паҳлӯҳои экологӣ ҳангоми ҷорӣ кардани технологияҳои нави истеҳсолӣ;
- истифодаи ғайриинтегратсионӣ ва нопурраи захираҳои табиӣ, ки дар натиҷаи норасогии сатҳи технологияи мавҷудбудаи коркард ба амал меояд.

Ҳалли муамоҳои экологии низоми хоҷагии қишлоқ ба се гуруҳи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд - танзими иқтисодӣ, сиёсати технологӣ ва назорат аз болои ҳолати муҳити табиӣ амалӣ мегардад.

Дар шароити иқтисоди бозаргонии ба иҷтимоёт нигаронидашуда якҷоя намудани тадбирҳои танзими давлатӣ ва абзорҳои бозории идоракунии захираҳои табиӣ дар низоми минтақавии кишоварзӣ, принсипи «вайрон кардани талаботи ҳифзи муҳити зист» боиси кам шудани фоидаи истифодабарандагони замин мегардад. Ин принсип бо ду роҳ ба амал бароварда мешавад: якӯм, хароҷоти заминистифодабарандагон барои ба амал баровардани тадбирҳои муҳофизати муҳити зист бояд аз ҳисоби нарх ё субсидия ҷуброн карда шавад; баъдан, агар истифодабарандаи замин бевосита ё бавосита ҷуброн гирад, вале талаботи экологиро риоя накунад, нисбати ӯ ҷазои иқтисодӣ татбиқ карда шавад.

Вазъи кунунии рушди, ҷойгиршавӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нишон медиҳад, ки аз як ҷониб, бо сабаби мушкилоти шадиди молиявӣ, аксари истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ миқдори истифодаи нуриҳои маъданиро ба таври назаррас коҳиш додаанд, ки ин ба беҳтар шудани ҳолати экологӣ таъсири мусбат расондааст. Аммо, аз ҷониби дигар, шароити хок дар заминҳои вилояти Хатлон, ки бидуни ворид намудани нуриҳои маъданӣ дастёбӣ ба ҳосили баланд амалан ғайриимкон мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд (ҷадв. 2.18.), ки дар солҳои охир шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) босуръат афзуда, айни ҳол 97,3 фоизи ҳамаи корхонаҳо ва ташкилотҳоро дар бар мегиранд. Танҳо дар соли 2023, дар муқоиса бо соли 2019, бинобар тақдиду тақсимоти хоҷагиҳои калони кишоварзӣ, 7030 хоҷагии нисбатан хурди деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис ёфтааст. Дар байни корхонаву ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ миқдори хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ аз ҳама зиёд буда, қисми асосии корхонаҳои соҳаро ташкил медиҳанд, баъди онҳо аз ҷиҳати миқдор ҷои дуюмро хоҷагиҳои деҳқонии дастҷамъона ва кооперативҳо ишғол менамоянд. Хоҷагиҳои давлатӣ,

ёрирасон, ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ шумораи хеле камро ташкил менамоянд. Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар солҳои таҳлилшаванда шумораи корхонахои кооперативии вилояти Хатлон ҳатто ба миқдори 389 адад коҳиш ёфтааст.

Ҷадвали 2.18. - Шумораи корхона ва ташкилотҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023.

Солҳо	Ҳамаи Категорияҳои хоҷагиҳо	Аз он ҷумла:									
		Хоҷагиҳои давлатӣ		Хоҷагиҳои деҳқонии дастҷамъона ва кооперативҳо		ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ		Хоҷагиҳои ёрирасон		Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ	
	адад	адад	%	адад	%	адад	%	адад	%	адад	%
2019	61573	57	0,09	2566	4,17	42	0,07	204	0,33	58704	95,34
2020	66559	70	0,11	2572	3,86	48	0,07	197	0,30	63672	95,66
2021	68322	72	0,11	2383	3,49	67	0,10	196	0,29	65604	96,02
2022	70770	73	0,10	2313	3,27	96	0,14	198	0,28	68090	96,21
2023	72618	72	0,10	2177	3,00	95	0,13	189	0,26	70085	96,51
Фарқияти мутлақи соли 2023 нисбат ба солҳои 2019											
Фарқият	11045	15	0,01	-389	-1,17	53	0,06	-15	-0,07	11381	1,17

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумуурии Тоҷикистон. Маҷмуаи омори.-2024. -С.336- 342 .*

Бо ҳадафи муайян намудани хусусиятҳо, тафовутҳои фаъолият ва баҳогузории сатҳи самаранокии шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ, инчунин муайян кардани нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон, нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳо мавриди муқоиса қарор гирифтанд (ҷадвали 2.19). Натиҷаҳои муқоиса бо ҳосилнокии миёнаи ҷумҳуриявӣ нишон медиҳанд, ки дар хоҷагиҳои аҳолӣ ҳосилнокии ғалладонагӣ, боғҳо ва токзорҳо назар ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ба маротиб баландтар аст.

Ҳосилнокии пахта бошад, дар корхонаҳои кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои деҳқонӣ баландтар аст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ аз руйи ҳама намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ сатҳи ҳосилнокӣ баландтар мебошад. Тавре ки маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, хоҷагиҳои деҳқонӣ дорои хусусиятҳои хоси фаъолияти истеҳсолӣ мебошанд ва ин имконият медиҳад, ки онҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд ва умуман, ба рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми назаррас гузоранд.

Ҷадвали 2.19. - Таҳлили муқоисавии сатҳи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023, с/га,

Номгӯи зироатҳо	КАТЕГОРИЯИ ХОҶАГИҲО											
	I		II		III		IV		I	II	III	IV
	С О Л Ҳ О								с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019
	2019	2023	2019	2023	2019	2023	2019	2023				
Ғалладона	36,0	32,5	29,7	26,6	39,6	35,1	35,2	32,4	90,3	89,6	88,6	92,0
Пахта	21,9	19,7	23,1	25,3	-	-	21,6	18,4	90,0	109,5	-	85,2
Картошка	174,9	177	176,1	174,1	173,9	174,6	175,8	180,3	101,2	98,9	100,4	102,6
Сабзавот	280,0	329,0	275,4	302,1	268,4	307,8	290	348,1	117,5	109,7	114,7	120,0
Полезиҳо	284	332,9	228,9	298,7	290,9	327,5	285,2	336,5	117,2	130,5	112,6	118,0
Мевагиҳо	74,5	90,3	21,6	34,3	112,5	135,8	59,9	74,1	121,2	158,8	120,7	123,7
Ангур	91,7	76,6	39,5	30,6	134,4	109,8	49,8	47,7	83,5	77,5	81,7	95,8

Эъзоҳ: I - дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо; II - дар корхонаҳои кишоварзӣ; III - дар хоҷагиҳои аҳолӣ; IV - дар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ.189-233*

Барои комилан инъикос намудани фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ бузургии нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводориро таҳлил менамоем (ҷадв. 2.20.). Аз маълумотҳои ҷадвал мушоҳида карда мешавад, ки дар тӯли солҳои таҳлилӣ саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагии вилоят зиёд шудааст, бидуни корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар онҳо 2,7% кам шудааст. Чунин афзоиш инчунин оид ба саршумори бузу гусфанд дар хоҷагиҳои аҳолӣ (бидуни корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар онҳо кам шудааст) низ мавҷуд буда, 80%-и шумораи умумии бузу гусфанд дар хоҷагиҳои номбурда парвариш карда мешавад. Таҳлилҳои овардашуда аз он далолат медиҳанд, ки дар парвариши чорво калон ва хурд нақши хоҷагиҳои аҳолӣ зиёд аст.

Саршумори паранда дар вилоят бошад, асосан дар хоҷагиҳои аҳолӣ (84,3% аз миқдори умумӣ) парвариш меёбад ва нисбат ба дигар намудҳои чорво ва категорияҳои хоҷагӣ бо суръати баландтар рушд кардааст. Ин афзоиш, асосан аз ҳисоби парвариши онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ 5,5 маротиба ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ 9% ба миён омадааст. Таҳлили динамикаи нишондодҳои соҳаи чорводорӣ дар панҷсолаи охир нишон медиҳад, ки суръати афзоиши аксари нишондиҳандаҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ аз миёнаи вилоятӣ баландтар аст. Идома ёфтани рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи интенсификатсия ва вобастагии зичи он аз муҳити табиӣ, ҳамчунин паёмадҳои номусоиди экологӣ, зарурати татбиқи равиши навро дар арзёбии самараи иқтисодӣ ба миён меорад, ки дар он мувофиқати истифодаи омилҳои асосии истеҳсолот бояд ба таври ҳамаҷониба ба назар гирифта шавад.

Ин ба он вобаста аст, ки то ин дам мақсади истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, сарфи назар аз зарари аз ифлосшавӣ ва косташавии сарватҳои табиӣ, ба даст овардани маҳсулот ва фоидаи баланд буд.

Ҷадвали 2.20.- Самаранокии нишондиҳандаҳои соҳаи чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории вилояти Хатлон дар солхои 2019-2023.

Нишондиҳандаҳо	I		II		III		IV		I	II	III	IV
	С О Л Ҳ О								с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019
	2019	2023	2019	2023	2019	2023	2019	2023				
Миқори ЧКШ, ҳаз.сар сар	994,2	1119,8	9,0	8,8	906,5	1027,8	78,7	83,0	112,6	97,3	113,4	105,4
Саршумори бузу гусфанд, ҳаз.сар	2333,2	2808,	129,1	98,0	1796,1	2217,6	408,1	492,8	120,4	75,9	123,5	120,8
Саршумори паранда, ҳаз.сар	2046,0	2715,9	142,2	788,0	1582,0	1724,9	321,0	203,0	132,7	554,0	109,0	63,3
Оилаи занбури асал,ҳаз. адад	61,4	65, 7	1,95	1,57	49,2	52,6	10,3	11,5	106,9	80,7	106,9	111,8
Ширдушӣ аз як сар модагов, кг	-	-	1654	1806	-	-	1654	1806	-	109,2	-	109,2
Тухмгирӣ аз як мурғи тухмдиҳанда, дона	-	-	124	172	-	-	124	172	-	138,7	-	138,7
Пашмтарошӣ аз як сар бузу гусфанд, кг	-	-	2,4	2,7	-	-	2,4	2,7	-	112,5	-	112,5
Истехсоли асал аз як оилаи занбур, кг	16,5	18,6	12,5	14,2	15,9	18,1	20,2	21,4	112,7	113,6	113,8	105,9

Эъзоҳ: I - дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо; II - дар корхонаҳои кишоварзӣ; III - дар хоҷагиҳои аҳолӣ; IV - дар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .237-277, 304-307.*

Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии раванди истеҳсолот, бо назардошти таъсири муҳити зисти хоҷагии қишлоқ ба муҳити табиӣ, самаранокии истифодабарии ин раванд дар баробари захираҳои моддию меҳнатӣ, хароҷоти вобаста ба рафъ ё пешгирии ифлосшавӣ ва харобшавии муҳити табиии дар натиҷаи фаъолияти кишоварзӣ ба вуҷудомада, инчунин талафоти маҳсулотро дар натиҷаи бад шудани вазъи экологии минтақаҳои саноатӣ инъикос менамоянд. Он бо дараҷаи тараққиёт ва истифодабарии заминаи моддию техникӣ, комёбиҳои пешрафти илму техника, абзори идоракунии иқтисодиёт, тадбирҳои ҷори намудани истеҳсолоти мутобиқшудаи хоҷагии қишлоқ муайян карда мешавад.

Ба самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ як қатор омилҳо, ба монанди паст шудани ҳосилхезии замин, зиёд шудани шӯршавии хок, риоя накардани таносуби нуриҳои минералию органикӣ, риоя накардани тадбирҳои зидди эрозия, агротехникаи кишт, низомҳои кишоварзӣ ва ғайра, яъне мушкилотҳои истифодаи замин таъсир мерасонанд.

БОБИ 3. САМАРАНОКИИ ОПТИМАЛИКУНОНИИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ВА АБЗОРҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ОН ДАР ХОҶАГИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Оптималикунонии махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо назардошти тағйирёбии иқлим

Такмил додани ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва махсусгардонии корхонаҳо ба соҳаҳои алоҳида бояд бо таъсири танзимшавандаи ин раванди тамоми маҷмӯи омилҳои бевосита ва бавосита дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ сурат гирад.

Тадбирҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии оқилонаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро метавон ба ду зина - макро ва микроиқтисодӣ тақсим кард. Новобаста аз сатҳи танзим давлати комплекси агросаноатӣ, воситаи беҳтар намудани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар зерсоҳах кишоварзӣ дуруст ташкил намудани муносибатҳои бозорӣ ва бо ин роҳ рушд додани истеҳсолот мебошад.

Вазъияти ҳозираи тараққиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон тамоюли равшани мусбии тадриҷан баландшавандаи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро нишон медиҳад. Баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон кам шудани ҳаҷми маҷмуи истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида карда шуд ва то соли 1997 ин раванд мавҷуд буд. Бо истиқрори сулҳ ва Ваҳдати миллӣ аз соли 1998 сар карда маҷмуи истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ соҳаи кишоварзӣ тамоюли рушдёбанда дорад. Новобаста ба афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣтаҳлили сатҳи тавварум ва суръати афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад, ки он рушди босуръати кишоварзиро таъмин карда наметавонад.

Рушди истеҳсолот дар ҳама соҳаҳо он гоҳ амалӣ мегардад, ки сурати рушди соҳа аз суръати афзоиши аҳолӣ балантар бошад. Аз чунин мавқегирӣ бармеояд, ки рушди соҳаи кишоварзӣ нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ

камтар ба назар мерасад ва дар шароити ҳозира ҳолати объективӣ мебошад. Дар марҳалаи ҳозираи рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо бланд бардуоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот вазифаи асосӣ аст, балки таъмини дараҷаи некуаҳволии аҳолии деҳот ва ба сатҳи шаҳрҳо расондани он, инчунин таъмини талаботи аҳолӣ ба хурокворӣ вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисобида мешаванд. Талаботи асосии идоракунии комплекси агросаноатӣ ин риояи ин принсипи худкифоягии тамини хӯрока мебошад, ки дар асоси қонуни афзоиши эҳтиёҷоти одамон ба миён омадааст. Ин принсип ифодаи худро дар сатҳи музди меҳнат ва даромад ба ҳар нафар аҳолӣ меёбад.

Ҳамин тариқ ҳалли мушкилоти рушди иқтисоди ҳар як соҳа на танҳо дар нигоҳ доштани раванди камшавии истеҳсоли маҳсулот, инчунин дар ҷустуҷуи роҳҳои имконпазири баромадан аз ин ҳолат мебошад. Бинобар ин, меъёри асосии қобили қабул будани амсилаи таҳияшудаи рушд дар он ҳатман мавҷуд будани принсипи афзоиши истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарин ва шарти иҷрои вазифаҳои мақсадноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мебошад. Ин мавқеъро мо ҳамчун консепсияи асосии таҳқиқоти худ қабул намудаем.

Таҳлилҳои гузаронидашуда оид дурнамои иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварии ҷумҳурӣ дар ояндаи дарозмуддат нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаи паст шудани истеҳсоли маҳсулот ба ҳар нафар аҳолӣ аз омилҳои гуногун вобаста буда, ба андозаи зарурӣ ба идоракунии иқтисодиёт ва банақшагирӣ таъсир мерасонад. Вобаста ба мушиклоти бамиёномада дар амал тадбиқ намудани суръати баланди рушди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба суръати афзоиши аҳолӣ, зарурати истифода намудани потенсиали заминҳои минтақаҳои доманакӯҳ ва баландкуҳро талаб менамояд, ки дори иқлими субтропикӣ мебошанд. Дар баробари ин ба амал баровардани низоми тадбирҳои дастгири даавлатӣ, аз нав намудани раванди махсусгардонӣ ва ҷогиркунонии истеҳсолотро дар соҳа талаб менамоянд.

Дар ҳоле, ки махсусгардонии соҳаҳои растанипарварӣ асосан пахтакорӣ буда, дар заминҳои дорои релефи ҳамвори водӣ ҷойгир карда шудааст, вазъи тағйирёфтаи иқтисодӣ зарурати объективии аз нав ба нақшагирӣ ва муайян намудани соҳаҳои маҷмааи озуқавориро ба миён меорад. Ин амал суръати афзоиши истеҳсолотро тезонида, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи растанипарварӣ мусоидат менамояд ва тавасути он ҳаҷми даромади истеҳсолкунандагони кишоварзӣ афзоиш ёфта, дараҷаи некуаҳволии зиндагии аҳолии деҳот баланд мегардад ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои кишоварзӣ афзоиш меёбад.

Зарурати чунин дигаргунсозиро шартҳои иқтисодии давраи гузашта ба миён оварда буданд, зеро заминҳои корами обӣ ба истеҳсоли пахта истифода бурда мешуданд. Ин раванд ба он оварда расонд, ки парвариши пахта дар ин заминҳо барои рушди экстенсивии он монеаи ҷиддӣ гардидааст. Дар баробари ин мушкилот дучанд ва мураккабтар мегардад, ки фонди заминҳои корами обӣ сол то сол кам гардида, дар ин вазъият арзиши объектҳои аз нав сохташаванда ирригатсионӣ баланд шуда, маблағгузории давлатӣ ба соҳа кам шуда истодааст ва азхудкунии заминҳои нав душвори молиявӣ ва иқтисодиро аз сабаби бадтар шудани сифати хок дар заминҳои навазхудшуда ба миён овардааст. Дар сатҳи болии идоракунии давлатии соҳаи кишоварзӣ барои муҳайё намудани шароити мусоиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ ва беҳтар намудани фаъолияти муносибу самараноки истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин ҳалли муносиби мушкилоти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлок дар шароити имрӯза ба амал баровардани тадбирҳои зеринро зарур мушуморем:

- такмили сиёсати гумрукии тарифӣ, ки ба иваз намудани маҳсулоти хӯрокворию воридотӣ бо маҳсулоти шабеҳи ватанӣ, бе паст кардани сатҳи истеъмоли ин маҳсулот дар кишвар, асос ёфтааст;

- дар амал тадбиқ намудани барномаҳои кишоварзӣ, ки ба беҳтар гардидани сатҳи ҳудудию соҳавӣ нигаронида шуда, ба рушди соҳахо ва зерсоҳаҳои инкишофёфта ва аз ҷиҳати иқтисодӣ афзалиятноки кишоварзӣ

нигаронида шудаанд, то ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар муҳлати кутоҳ ва бо хароҷоти камтарин таъмин карда тавонанд;

- татбиқи сиёсати нақлиётӣ, ки ба инкишофи савдои байниминтақавии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ташкили минтақаҳои махсуси истеҳсоли маҳсулоти он мусоидат мекунад;

- дастгирии давлатии корхонаҳои махсуси зотпарварӣ ва тухмипарварӣ;

- инкишоф додани низоми мутамаркази хизматрасонии ахборотӣ ба корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва ба онҳо расондани комёбиҳои навтарини илм ва таҷрибаи пешқадам;

- интегратсияи мутоносиби ҳамаи шаклҳои хоҷагидории корхонаҳои ҷумҳурӣ ва вилоятӣ бо молистеҳсолкунандагони гуногуни кишоварзӣ бо дарнаназардошти манфиатҳои онҳо дар танзими комплекси агросаноатӣ;

- такмили сиёсати андоз, дар самти зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои худи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва ҳавасмандгардонии шаклҳои ба таври амудӣ муттаҳидшуда бо нақшаи пӯшидаи «истеҳсолкунанда-истеъмолкунанда»;

- дар амал тадбиқ намудани сиёсати молиявию қарзӣ, ки ба инкишоф ва азхудкунии захираҳои қарзӣ дар самти самараноки мамл намудани корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад;

- рушди зерсоҳаҳои иҷтимоӣ дар кишоварзӣ;

- дастгирии хоҷагиҳои махсусгардондашудаи сермаҳсул дар сурати тағйирёбии номусоиди шароити бозор.

Барои ҳалли мушкилоти беҳтар намудани ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва махсусгардонии корхонаҳо ба соҳаҳои аграрӣ абзори самарабахши иқтисодие, ки бар якҷоякунии танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолотчиёни деҳот асос ёфтааст, зарур аст.

Танзими давлатии рушди ҳудудию соҳавӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, ҳам шакли мустақим ва ҳам бавоситаи онро, дар назар дорад.

Оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои замин барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот ва баланд бардоштани самараи истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ мусоидат менамояд. Вобаста бо афзоиши аҳолӣ, ки сабаби мунтазам коҳиш ёфтани масоҳати замин ба як нафар аҳолӣ мегардад, ошкор намудани самтҳои самараноки истифодаи замин, ки истеҳсоли бештари маҳсулотро таъмин менамояд, аҳамияти калон дорад. Вобаста ба ин мушкилот ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои алоҳида аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Бо истифодаи усулҳои муосири таҳлил ва иқтисодию риёзӣ самтҳои асосии рушди иқтисодиёт муайян карда мешаванд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки роҳҳои самаранок истифода намудани заираҳо ошкор карда шуда самраи истеҳсолот баланд бардошта шаванд ва гирифтани фоидаи зиёд таъмин кард шавад. Ҳангоми таҳлили муфассали оптималикунонии соҳаи кишоварзӣ ҷанбаҳои манфии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ ошкор карда шуда, омилҳоеро, ки ба рушди истеҳсолот таъсири манфи мерасонанд муқаррар карда шаванд.

Аз тарафи мо амсилаеро пешниҳод карда мешавад, ки имкон медиҳад истифодаи захираҳои замин дар минтақаи гуногун бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ истифода карда шаванд. Амсилае, ки бар мавқеи ноҳияи хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон тибқи майдонҳои кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгӣ гурӯҳбандӣ кардани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ асос ёфтааст, имкон дод, ки майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона аз рӯи ҳаҷм гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар натиҷаи гурӯҳбандии майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ маълум гардид, ки зироатҳои ғалладона ва лубиёгиҳо дар охири соли 2023 48,28 % - и майдонҳои кишти зироатҳоро ташкил медиҳанд, дигар гурӯҳи зироатҳои кишоварзӣ бошанд 40%-и майдонҳои киштро ишғол намудаанд.

Захираҳои замин восита асосии имтеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Самаранокии истифодабарии замин бо воситаи якчанд нишондиҳандаҳои муайян карда мешавад ва бо дарназардошти оптималикунонии истифодаи оқилонаи онҳо таъсири ҳар як омилро ба назар гирифтан лозим аст.

Ба сифати маълумотҳои ибтидоӣ барои сохтани амсила, маълумотҳои оморӣ оид ба минтақаҳои агроиқлимӣ барои ҳар як гурӯҳ алоҳидаи омилҳо гирифта шудаанд. Ҳангоми сохтани шумораи миёнасолонаи коргарон, фонди солонаи музди меҳнат, майдони заминҳои кишоварзӣ, ҳолати парки машинаю тракторӣ, мавҷудияти марказҳои машваратӣ, талабот ба сармояи асосӣ ва муомилот, ҷамъоварии умумии маҳсулоти зироатҳои асосии кишоварзӣ, арзиши пурраи маҳсулоти асосии фурухташуда, даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ; хароҷоти умумӣ ҳамчун омилҳои асосӣ интихоб карда шудаанд.

Маҷмааи барномавию методии оптималикунонии хаттии Simplex, ки аз ҷониби олимони Донишгоҳи давлатии аграрии Русия - Академияи кишоварзии Москва ба номи К.А. Тимирязев таҳия карда шудааст, барои ҳалли масъала, истифода карда шуд. Амсила аз 19 нишондиҳандаҳои тағирёбанда ва 4 маҳдудиятҳо иборат аст.

Вазифаи пешбининамудаи мо ба даст овардани фоидаи нисбатан зиёдтар буда, амсилаи барои ҳалли масъалаи мазкур нигаронида шудааст.

Мақсади масъала аз он иборат аст, ки андозаи оптималии майдонҳои кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгӣ дар минтақаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон ин таъмин намудани фоидаи ҳадди аксар аз фуруши маҳсулот мебошад. Намуди суммавии амсила чунин аст:

$$Z = \sum_{j \in J} \sum_{k \in K} R_{jk} X_{jk} \rightarrow max, \qquad (3.1)$$

ки дар ин ҷо:

j - шохиси тағирёбандаҳо;

J - маҷмӯи тағирёбандаҳо дар асоси андозаи корхонаҳо;

К - маҷмуи минтақаи хоҷагии қишлоқ;

R_{jk} - фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ташкилотҳои j-миқдори минтақаи k-и хоҷагии қишлоқ;

X_{jk} - шумораи ташкилотҳои разряди j - ӯми минтақаи k - и хоҷагии қишлоқ.

Маҳдудиятҳои асосӣ:

1) аз рӯи масоҳати замин (заминҳои кишоварзӣ, майдони кишти ғалла ва ғайра):

$$\sum_{j\in J}\sum_{k\in K} X_{jk} \leqq B_i \ \ (i \in I_1), \tag{3.2}$$

ки дар ин ҷо:

B_i - ҳаҷми захираҳои навъи i (умуман дар минтақа);

I_1 - маҷмӯи маҳдудиятҳо дар майдони замин;

2) оид ба истифодаи захираҳои истеҳсолӣ:

$$\sum_{j\in J}\sum_{k\in K} A_{ijk}X_{jk} \geqq B_i \ \ (i \in I_2), \tag{3.3}$$

ки дар ин ҷо:

A_{ijk} - харoҷот ба воҳиди навъи i-уми захира ба ҳар як ташкилоти j ҳаҷми минтақаи хоҷагии қишлоқи k;

I_2 — маҳдудиятҳои зиёди истифодаи захираҳои истеҳсолот;

3) барои истеҳсоли кафолатноки маҳсулот:

$$\sum_{j\in J}\sum_{k\in K} D_{ijk}X_{jk} \geq Q_i \ \ (i \in I_3), \tag{3.4}$$

ки дар ин ҷо:

D_{ijk} - истеҳсоли маҳсулоти навъи ҳар як ташкилоти j-ӯми минтақаи хоҷагии қишлоқи k;

Q_i - ҳаҷми кафолатнокии истеҳсоли маҳсулоти навъи i-ӯм (умуман дар вилоят);

I_3 — маҳдудиятҳои зиёди истеҳсоли кафолатноки маҳсулот;

4) бо роҳи ҷамъбасти нишондиҳандаҳои харoҷот:

$$\sum_{j\in J}\sum_{k\in K} C_{ijk} \geq \overline{X}_i \ \ (i \in I_4), \tag{3.5}$$

ки дар ин ҷо:

C_{ijk} нишондиҳандаи *i*-хароҷот ба ҳар як ташкилоти *j* - андозаи минтақаи хоҷагии қишлоқи *k*;

$\bar{X}_i$ - ҳаҷми умумии нишондиҳандаи *i*-ӯм;

I_4 - маҳдудиятҳои зиёд дар ҷамъбасти нишондиҳандаҳои хароҷот.

Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки кишти зироатҳои ғалладонагӣ лубиёгӣ дар минтақаҳои агроиқлимӣ бо рушди воқеӣ иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзии вилоятро бо рушди воқеӣ асоснок менамояд. Тибқи хулосаҳои баровардаи мо аҳамияти аввалиндараҷаи минтақа ба минтақаҳои кишоварзии I, II, IV, V ва VII тааллуқ дорад. Дар ин минтақаҳои кишоварзии I, II, IV, V ва VII ҷамъоварии умуи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ зиёда аз 100 ҳазор тоннаро ташкил дод. Дар ин минтақаҳо 97,08 %-и майдони кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгиро ҷойгир буда, аз ин заминҳо 97,43 %-и маҷмуи маҳсулоти умумии зироатҳои ғалладаонагӣ ва лӯбиёгӣ ба даст ба даст оварда мешавад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар минтақаи IV кишоварзии вилоят дараҷаи баландтарини маҳсулнокии меҳнат, нисбат ба дигар минтақаҳои вилоят, мушоҳида карда мешавад. Дар ин минтақа дараҷаи даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ 7,63 %-ро ташкил медиҳад, ки мутаносибияти баръакс ба маҳсулнокии меҳнат дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии дараҷаи пасти даромаднокӣ дар ин минтақа баланд будани арзиши фурӯши 1 сентнер ғалла ва зироатҳои лубиёгӣ дар минтақаи IV кишоварзӣ мебошад. Дар ин минтақа арзиши аслӣ аз нишондиҳандаи миёнаи вилоят баланд буда, инчунин дар натиҷаи нисбатан арзон фурухтани амаҳсулоти истеҳсолшуда ба миён омадааст.

Дар минтақаҳои II ва V –и кишоварзии вилояти Хатлон ҳосили аз ҳама баланди зироатҳои кишоварзӣ мушоҳида карда шуд, аммо дар минтақаҳои номбаршуда дараҷаи аз ҳама басти даромаднокии истеҳсолот муайян карда шуд. Даромаднокии истеҳсолот дар минтақаи II ба 0,004 % ва минтақаи V 0,92% - ро ташкил менамояд. Вазни қиёсии кишти зироатҳои ғалладона ва

зироатҳои лубиёгӣ дар минтақаи V 97,68 %-ро ташкил медиҳанд, ки дар умум ин нишондиҳанда кам набуда ба талабот мувофиқат мнамояд.

Таҳлили маълумотҳои бадастовардаи мо нишон медиҳад, ки арзиши истеҳсоли 1 сентнер ғалаладонагиҳо дар минтақаи V 357,87 сомониро ташкил дода, нархи фуруши 1 сентнер 258,16 сомониро ташкил дода, ки сабаби паст будани сатҳи даромаднокии истеҳсолот дар ин минтақа гардид. Новобаста ба паст будани сатҳи даромаднокии истеҳсолот, сохтори пешниҳодшудаи майдонҳои кишт ба иқтидори захиравии корхонаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон мувофиқ аст. Дар асоси сохтори муқарраршудаи кишоварзӣ вилояти Хатлон аз фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба маблағи 2430,05 ҳазор сомонӣ даромад мегирад.

Новобаста аз вазъияти бадастомада дар корхонаҳои кишоварзӣ замин самранок истифода бурда мешавад, аммо аз фаъолияти кишоварзӣ молистеҳсолунандагон даромади калон ба даст намеоранд. Сабаби асоси ин раванд, пеш аз ҳама сиёсати нодурусти нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ, харочоти баланди корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми дастрас намудани маводҳои модӣ, техникаю таҷҳизот ва имконият надоштани молистолкунадагон то ба ҷои фуруш расонидани маҳсулот мебошад. Бартараф намудани камбудиҳои зикршуда имконият медиҳад, ки вилояти Хатлон даромади иловагӣ аз истеҳсолти хоҷагии қишлок пайдо намояд.

Ҳангоми ҷорӣ намудани варианти пешниҳоднамудаи мо тамоюли мусбӣ ба таври равшан аён мегардад ва ин аз ҳисобҳои пешниҳодшудаи мо инъкос мегардад. Тибқи амсилаи пешниҳодшуда майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ умуман, дар вилоят 44,3 фоиз зиёд мешавад. Вобаста ба ин афзоиш, майдони кишти ғалладонагиҳо ва картошка низ меафзояд. Мо пешниҳод намудем, ки дар варианти намунавӣ дар вилояти Хатлон вазни қиёсии кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгӣ дар сохтори заминҳои корам 1,35 % кам карда шавад ва майдони кишти картошка бошад, баръакс, 0,29 % зиёд карда шавад.

Ҳисобҳои гузаронидаи мо варианти мухимеро пеш оварда ва он имконият дод, ки майдонҳои кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгӣ бо мақасди

гирифтани фоидаи бештар аз фуруши маҳсулоти кишоварзӣ тақсим карда шаванд.

Дар тамоми минтақаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон хоҷагидорон аз истеҳсоли ғалла ва зироатҳои лубиёгӣ инчунин аз истеҳсоли картошка дармади хуб мегиранд ва самаранокии иқтисодии истеҳсоли ин зироатҳо хело баланд аст. Вобаста дарназардошти иқтидори табиию иқтисодӣ ва молиявӣ аз ҳамаи минтақаҳои агроиқлимии вилоят, танҳо хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи II аз истеҳсоли ғалладона ва картошка даромади пастар гирифтанд. Бодарназардошти ин фикр намудан лозим нест, ки фаъолияти кишоварзони ин минтақа самаранок нест. Дар майдонҳои кишти ин минтақа аз парвариши дигар навъҳои зироат натиҷаҳои беҳтари иқтисодӣ гирифта мешаванд.

Иқтисодшиносони машҳури америкоӣ Э. Хеди ва В.Кандлер, ки ба тадқиқот оид ба татбиқи усулҳои иқтисодию риёзӣ дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд ба хулосае меоянд, ки кишоварзӣ ҳамчун соҳаи иқтисодиёт барои татбиқи амалии усулҳои барномасозии хаттӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад. Мо низ чунин хулосаи онҳоро дастгирӣ менамоем, чунки кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии ҳалқ аз бисёр омилҳои табиию иқтисодӣ вобастагиии калон дорад.

Варианти оптималии майдонҳои кишти ғалладона ва зироатҳои лубиёгӣ дар ташкилотҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар бораи имкониятҳои воқеии онҳо тасаввуроти возеҳ медиҳад, ки онро ҳам дар як созмони кишоварзӣ ва ҳам дар маҷмуи истеҳсолоти кишоварзӣ амалӣ намудан мумкин аст;

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон бо техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ таъмин нестанд ва коркарди заминҳои кишоварзиро пурра гузаронида наметавонанд, аз ҷумла имкони ҷорӣ намудани усулҳо ва технологияи инноватсиониро надоранд.

Аввалан, на ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон бо технологияи пешрафтаи кишоварзӣ муҷаҳҳаз мебошанд ва аз усулҳои иноватсионии истеҳсоли маҳсулот истифода мебаранд.

Зимнан, вобастагӣ ба шароити иқлим, ки раванди истеҳсолотро дар як минтақаи хоҷагии қишлоқ хеле душвор мегардонад ва дар минтақаи дигар онро сода мекунад.

Сеюмин, вобастагии ноҳияҳои кишоварзӣ аз вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҳам дар минтақа ва ҳам дар тамоми ҷумҳурӣ ҷойдошта.

Аммо, сарфи назар аз ин, варианти намунавӣ бори дигар собит мекунад, ки дар минтақа барои фаъолияти самаранок имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки бояд муайян, таҳлил, коркард ва бомуваффақият татбиқ карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъияти ба амаломадаро хоҷагиҳои кишоварзии вилоят мустақилона ҳал карда наметавонанд. Вазъияти баамаломада дастгирии барномаи мақсадноки давлатиро дар самти истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ талаб менамояд, то ки самранокии истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда шавад ва дар ин ҳолат нақши асосиро давлат ҳамчун мақоми танзимкуниҷро менамояд

3.2. Самтҳои перспективии аз нав тақсим кардани захираҳои замин ва абзори зиёд кардани самаранокии истеҳсолот

Таҳлили рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, амнияти озуқавории аҳолӣ ва талаботи соҳаи кишоварзӣ ба ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба масъалаи ҷойгиркунӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани он, муайян намудани дурнамои он вобаста мебошад.

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ амсиласозиро ҳамчун роҳи ба даст овардани шароити мусоиди фаъолияти объектҳо ва равандҳои гуногуни истеҳсолӣ, инчунин воситаи муҳимтарини омӯзиши низомҳои гуногун мефаҳманд. Дар ин ҳолат интихоби амсилаи пешгӯӣ бар баҳодиҳии сифати он асос меёбад, ки бо мувофиқати он ба раванди таҳқиқшаванда ва дурустии он муайян карда мешавад. Якӯм, мавҷудият ва ҳолати хосиятҳои муайяни оморӣ, дуюм - дараҷаи наздикӣ ба маълумоти воқеиро тавсиф мекунад. Дар ин ҳолат шарти мувофиқ будани амсилаи пешгӯӣ он аст, ки вай қонунияти асосии

раванди таҳқиқшавандаро ба назар мегирад. Дар акси ҳол, он барои таҳлил ва пешгуии падидаи иҷтимоию иқтисодии баррасишаванда мувофиқ нест.

Бояд қайд кард, ки дар амал барои тавсифи чунин хосиятҳои амсилаи пешгӯӣ, ба монанди мувофиқат ва саҳеҳӣ, нишондиҳандаҳои гуногун истифода мешаванд, ки дараҷаи дурустии амсиларо ба таври гуногун инъикос мекунанд, ки барои ба даст овардани хулосаҳои ба ҳам зид асос мебошанд. Барои якхела интихоб кардани амсилаи оптималии пешгӯӣ, чун қоида, ё як нишондиҳандаи асосӣ ё меъёри умумӣ истифода мешавад.

Масалан, дар оянда ҳаҷми истеҳсоли ғалла бояд, бо назардошти эхтиёҷоти мамлакат ба он омилҳои озуқаворӣ, хӯроки чорво, коркарди техникӣ ва содирот, мавҷуд будани замин ва ҳаҷми пешбинишудаи мавод ва захираҳои техникӣ, тағйирёбии иқлими мамлакат, инчунин омилҳои ташаккули алоқаҳои байниминтақавии озуқаворӣ муаян карда шавад. Илова бар ин, ҳангоми банақшагирии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат бояд имкони афзоиш ё пастшавии тақозои самаранокро низ ба назар гирифт.

Яке аз шартҳои рушди соҳаи ғаллапарварии кишвар азнавсозии он, самти фароҳам овардани шароити мусоид барои қонеъ гардонидани талабот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Барои ҳалли ин масъала сохтори майдонҳои кишти зироатҳои ғалладонаро ба эҳтиёҷоти мамлакат мувофиқ гардонидан зарур аст. Ҳамин тариқ, то соли 2023, тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона, бо назардошти зиёд кардани майдони кишти зироатҳои лубиёгӣ, то ба 398,3 ҳазор гектар васеъ карда шудаанд.

Ҳаҷми дурнамои истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, дар асоси маълумоти Кумитаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи хом ва озуқаворӣ барои то соли 2030 пешбинӣ шудааст. Бо назардошти истифодаи захираҳои беҳтар намудани ҷойгиркунии истеҳсолот, аз нав барқарор намудани низоми тухмипарварӣ, афзоиши истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, бо техника ва технологияи инноватсионӣ таъмин

намудани корхонаҳо метавон ҳосилнокии миёнаи зироатҳоро зиёд кард. Ин амалҳои технологӣ имконият медиҳанд, ки ҷамъоварии ғалладона аз ҳар гектар майдони кишт дар заминҳои лалмӣ то ба 23,0 сентнер, аз ҷумла зироатҳои лубиёгӣ - то ба 27 сентнер расонда шавад. Барои ноил шудан ба ин дараҷаи маҳсулнокӣ соҳаи кишоварзӣ ба дастгирии дахлдори захираҳо ниёз дорад. Навъҳои серҳосили зироатҳои ғалладона, ки ба монанди тобоварӣ ба маҳали ҷойгиршавӣ вобаста ба шароити иқлим, омилҳои аз ҷиҳати муҳит, касалиҳои хавфнок ва ҳашароти зараррасон тобовар будан доранд, торафт бештар амалӣ мегарданд. Ба нақша гирифта шудааст, ки корҳо оид ба бозсозии системаи тухмипарвории навъӣ, модернизатсияи саноат дар асоси технологияҳои инноватсионӣ, инчунин таъмин намудани истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ мувофиқи системаҳои таҳияшудаи кишоварзӣ таъмин карда шаванд. Татбиқи ин вазифа имкон медиҳад, ки то соли 2030 ҳосили умумии ғалла то 1300 ҳазор тонна расонида шавад. Бо мақсади таъмин намудани таносуби оптималии истеҳсоли ғаллаи озуқаворӣ ва хӯрокаи чорво, барқарор намудани чорводорӣ ҳиссаи донҳои хӯроки чорво зиёд карда шавад.

Ҷадвали 3.1. - Дурнами тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо ғалладонагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015 - 2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	475,2	510,8	561,9	646,2	795,5
Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ	1439,6	1547,6	1702,3	1957,7	2479,2
Воридот	998,8	1073,7	1181,1	1358,2	1629,9
Ҳамагӣ захираҳо	2913,8	3132,3	3445,6	3962,4	4904,6
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хурока	2415,6	2596,8	2856,4	3284,9	4092,3
Содирот	1,225	1,3	1,4	1,7	2,0
Талафот	28,78	30,9	34,0	39,1	47,0
Фонди таъминоти шахсии аҳолӣ	3,56	3,8	4,2	4,8	5,8
Бақия дар охири давра	464,6	499,4	549,4	631,8	658,2
Ҳамагӣ истифода карда шуд	2913,6	3132,3	3445,6	3962,4	4904,6
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	49,52	53,2	58,6	67,3	80,8
Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг	158,06	169,9	186,9	214,9	268,7
Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, %	58,84	63,3	69,6	80,0	96,0
Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг	156,24	168,0	184,8	212,5	262,0

Сарчашма: *Ҳисоби муаллиф*

Аз рақамҳои ҷадвали 3.1 чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

1) Ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ соли 2022 нисбати соли 2015 15,7%, ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагиҳо 26,6% афзоиш ёфтааст. Дар ин давра истеҳсол ба як нафар аҳолӣ 110,4% зиёд гардидааст;

2) Бо назардошти афзоиши воқеии ғалладонагиҳо, зиёдшавии майдони кишти ғалладонагиҳо дар солҳои минбаъда, баланд бардоштани ҳосилнокӣ аз як гектар, ҷорӣ намудани агротехникаи нав бо назардошти равандҳои иноватсионӣ дар соҳа, зиёд кардани майдони кишти такрорӣ ва зиёд кардани кишти ғалладонагиҳо, махсусан кишти гандум дар заминҳои обёришаванда, ҷойгиркунии зироати ғалладонагиҳо дар минтақаҳои барои парвариши гандум мувофиқ, ташкили хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи ғаллапарварӣ, дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ ба ғалладонагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Аз рӯи ҳисоби пешакии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ соли 2040 нисбати соли 2025 60,2% ва нисбати нишондиҳандаҳои истеҳсоли минималии он дар соли 2015 – 2022 – 72,2% афзоиш мекунад;

3) Аз рӯи ҳисоби пешакии истеҳсоли ғалладонагиҳо ба як нафар аҳолӣ соли 2040 ба 268,7 кг расонида мешавад, ки ин нисбати соли 2025 – 58,2% ва истеҳсоли он ба як нафар аҳолӣ ба 262 кг мерасад, ки он нисбати солҳои базавӣ 55,9% афзоиш мекунад. Бо истифода аз таҷрибаи пешқадами хоҷагиҳои ноҳияҳои ғаллапарварии ҷумҳурӣ (н.Данғара, н.Муминобод, н.Ёвон ва ғ.) имконияти аз инҳам зиёд кардани ғалладонагиҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз рақамҳои ҷадвали 3.2. чунин хулоса кардан мумкин аст:

1) Ҳаҷми захираҳои ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна 309,2 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бо назардошти нисбатан зиёд шудани шумораи аҳолии вилоят ва талаботи онҳо бо маҳсулоти ордӣ, новобаста аз он, ки ҳаҷми истеҳсоли худ дар соли 2040 ба 1884,0 ҳазор тонна расонида мешавад, бо сабаби нисбатан таъғир ёфтани иқлим, эҳтимолияти зиёд шудани ҳарорати шабонарӯзии ҳаво, зарурияти аз беруни кишвар ворид кардани маҳсулоти ғалладонагиҳо дар соли 2040 нисбати ҳисоби миёна солҳои 2015 – 2022 18,9 %

ва нисбати соли 2025 11,8% ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳои худӣ дар ин давра мувофиқан 2,0 ва 1,8 баробар афзоиш меёбад. Афзоиш асосан аз ҳисоби зиёдшавии майдони кишт, ҳосилнокӣ аз як гектар кишти навҳои серҳосил таъмин карда мешавад;

Ҷадвали 3.2. -Дурнами тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015 - 2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	309,2	326,5	365,6	420,5	504,6
Истеҳсол дар дохили вилоят	934,5	1049,2	1226,3	1513,5	1884,0
Воридот	614,2	653,7	704,6	749,5	730,6
Ҳамагӣ захираҳо	1857,9	2029,4	2296,5	2683,5	3119,2
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъ-молӣ ва коркарди маҳ-сулот бо мақсади хурока	1540,1	1682,4	1903,8	2224,6	2585,8
Содирот	0,6	0,6	0,7	0,8	0,9
Талафот	18,7	20,4	23,1	26,9	31,3
Фонди таъминоти шахсӣ	2,4	2,6	3,0	3,5	3,9
Бақия дар охири давра	296,1	323,4	366,0	427,6	497,2
Ҳамагӣ истифода карда шуд	1857,9	2029,4	2296,5	2683,5	3119,2
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	50,3	51,7	53,4	56,4	60,4

Сарчашма: *Ҳисоби муаллиф*

2) Дар зарфи солҳои 2025 – 2040 ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагиҳо 1,5 баробар зиёд мешавад, ки ба ҳар фоизи зиёдшавии аҳолӣ 1,47 банди фоиз зиёд аст, ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагии худӣ дар маҷмӯи захираҳо аз 51,4 % соли 2025 дар соли 2040 ба 60,4% расонида мешавад. Чунин дараҷаи афзоиши ғалладонагиҳо натанҳо барои таъмини аҳолӣ ба орд ва маҳсулоти ордӣ, балки барои рушди соҳаи чорводории вилоят мусоидат менамояд.

Ҷадвали 3.3. -Дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо сабзавот, зироатҳои полезӣ ва коркарди маҳсулоти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар сол-ҳои 2015-2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	455,4	489,6	538,5	619,3	783,1
Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ	2832,4	3044,8	3349,3	3851,7	4722,1
Воридот	50,6	54,4	59,8	68,8	92,6
Ҳамагӣ захираҳо	3344	3588,8	3947,0	4540,0	5597,8
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъ-молӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хурока	61	65,6	72,1	83,0	99,5

Идомаи ҷадвали 3.3.

Содирот	93	93,7	94,6	97,1	98,2
Талафот	405	410,7	446,3	476,1	496,2
Фонди таъминоти шахсӣ	2309	2482,2	2730,4	3140,0	3767,9
Бақия дар охири давра	471	506,3	557,0	640,5	768,6
Ҳамагӣ истифода карда шуд	3338	3588,4	3947,2	4539,3	5447,1
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	84,7	84,8	93,2	96,1	98,7
Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг	309	332,2	365,4	420,2	467,6
Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, %	98,8	106,2	116,8	119,1	132,6
Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг	251,6	270,5	297,5	342,1	375,6

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф*

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.3. чунин хулоса кардан мумкин аст:

1) Дар давараи солҳои 2015-2022 ҳаҷми захираи сабзавот, зироатҳои полезӣ ва коркарди онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 455,4 ҳазор тоннаро ташкил дода, дар ин давра ҳаҷми он 2,4 баробар афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли ин намудҳои маҳсулотҳо дар ин давра ба ҳисоби миёна 2832,4 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад ва афзоиши он дар ин давра 1,5 баробарро ташкил додааст. Дар баробари ин бо мақсади таъмини аҳолӣ ба ин намудҳои маҳсулот дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ҳаҷми воридот ба ҳисоби миёна дар ин давра 50,6 ҳазор тонна ташкил додааст. Ҳаҷми он соли 2022 нисбати соли 57,60%- ро ташкил додааст, яъне 40% кам гардидааст. Маълум мешавад, ки дар дохили мамлакат ба истеҳсол ва захираи сабзавот ва маҳсулоти зироатҳои полезӣ, коркарди он диққати махсус дода, аз захираҳои мавҷуда самаранок истифода карда шудааст. Дар умум ҳаҷми маҳсулоти дар боло зикргардида ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2015 – 2022 3344 ҳазор тонна ва афзоиш нисбати он 58,7% ташкил медиҳад;

2) Яке аз масъалаҳои муҳим, ки сол то сол ҳаҷми он зиёд шуда истодааст ин талафоти маҳсулоти сабзавотӣ, полезиҳо ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда мебошад. Дар ин самт бояд аз технологияи навини кашонидан ва нигоҳ доштани ин намуди зироатҳо истифода карда шавад. Аз

рӯи маълумоти дар ин ҷадвал оварда шуда, ҳаҷми маҳсулоти талафотшуда ба ҳисоби миёна 405 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин давра ҳаҷми талафот нисбатан кам шудааст, лекин ҳолло ҳам тамоми афзоиш ноустувор боқи мондааст. Нисбати соли 2015 дар соли 2022 кам шудааст, лекин аз соли 2018 сар карда боз тамоюли афзоишёбандаро мегирад. Маълум аст, ки вобаста ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот як миқдори муаяни он талаф меёбад ва нисбат ба нишондиҳандаҳои базавӣ афзоишро ташкил медиҳад. Бинобар ин бояд истеҳсолкунандагони навҳои сабзавот ва полезиҳо барои кашонидан ва нигоҳдорӣ тобоварро парвариш намоянд. Истеҳсоли онҳо ба нуқтаҳои истеъмолкунанда ва коркардкунанда бояд наздиктар ҷойгир карда шавад;

3) бо назардошти зиёд шудани ҳаҷми майдони кишт ва ҳосилнокӣ, истифодаи раванди иноватсионӣ, ассосноккунии нақшаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагиҳо ва соҳаҳои гуногун, бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии кишвар, дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ барои то солҳои 2025 – 2040 муаян карда шудааст. Дар ин давра аз рӯи ҳисоботи мо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои дар боло зикршуда 51,8%, ҳаҷми захираҳо ҳамагӣ – 1859 ҳазор тонна зиёд мешавад. Дар ин давра истеҳсоли сабзавот ва маҳсулоти полезӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ, соли 2040 нисбати соли 2025 – 40,8% зиёд мешавад. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли ин намуди маҳсулотҳо – 38,9% зиёд мегардад. Барои таъмини чунин дараҷаи афзоиш дар ҷумҳурӣ захираҳои моддӣ – истеҳсолӣ, молиявӣ, меҳнатӣ мавҷуд аст.

Ба фикри мутахассисон, тамаркузи майдонҳои кишти ҳар як зироат дар минтақаҳое, ки барои истеҳсоли он шароити табиии созгор доранд, самти муҳими рушди тақсимоти ҳудудии меҳнат дар соҳаи ғаллакорӣ мебошад. Аз ин рӯ, муносибгардонии махсусгардонии минтақавии истеҳсолот дар соҳаи ғаллпарварӣ бояд дар асоси кишти навъҳои алоҳидаи зироатҳои ғалладона дар минтақаҳое, ки барои истеҳсоли онҳо шароити мусоиди агроиқлимӣ ва иқтисоди доранд, амалӣ карда шавад. Ба ибораи дигар, бо роҳи тағйир додани сохтори дохилисоҳавии ғаллакорӣ дар асоси талаботи бозор ба маҳсулоти ин

ё он зироати ғаллагӣ ва имкониятҳои реалии қонеъ гардондани он дар назар дошта мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки самараи калонтарин дар ҳамон вақт ба даст меояд, ки чуқуртар кардани махсусгардонӣ ва тамаркузи истеҳсоли ғалла бо роҳи дар минтақаи алоҳида ҷойгир кардани миқдори ҳадди ақали зироатҳои ғалладона бо ҳаҷми ҳадди аксари ҷамъоварии умумии ҳар кадоми онҳо ба амал меояд. Дар баробари ин, бояд шароитҳои иқтисодӣ фароҳам оварда шаванд, ки манфиати истеҳсолкунандагон ифода намуда, ба пурратар кардани махсусгардонӣ ба истеҳсоли навъҳои ғалладонагиҳо, ки ба онҳо истеъмолкунандагон талаботи бештари потенциалӣ доранд, таъмин намоянд.

Ҷадвали 3.4. -Дурнами тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо сабзавот дар вилояти Хатлон дар солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015 - 2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	228,4	245,5	270,1	249,3	243,9
Истеҳсол дар дохили вилоят	1364,7	1492,5	1762,9	2088,6	2330,5
Воридот	14,5	15,6	17,2	19,7	23,7
Ҳамагӣ захираҳо	1607,6	1753,6	2050,1	2357,6	2598,1
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хурока	18,6	20,0	22,0	25,3	30,4
Содирот	45,0	47,9	53,2	61,2	73,5
Талафот	194,5	244,6	263,3	294,5	317,4
Фонди таъминоти шахсии аҳолӣ	1122,8	1184,4	1413,6	1638,4	1812,7
Бақия дар охири давра	226,7	256,7	298,0	338,2	364,1
Ҳамагӣ истифода карда шуд	1607,6	1753,6	2050,1	2357,6	2598,1
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	84,9	85,1	87,1	88,6	89,7

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф*

Аз маълумотҳои ҷадвали 3.4. чунин хулосаҳо бароврдем:

1) бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва талабот ба маҳсулоти сабзаватӣ инчунин афзоиши ҳаҷми содироти он дар охири соли 2040 ҳаҷми захираҳои истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон нисбати давраи соли 2025 коҳиш меёбад;

2) вобаста ба зиёд шудани майдони кишти сабзаваот, ҳаҷми истеҳсоли он дар оянди наздик 58,5% ва ҳосилнокӣ аз як гектар -37,8% бештар гардида, нисбат ба солҳои 2015-2022 бошад, дар соли 2040 - 70,8% зиёд мегардад.

3) дар ин давра фонди таъминоти шахсии аҳолӣ 61,4% , бақия дар охири давраи ҳисоботӣ 60,6% зиёд мешавад. Дар хоҷагиҳои вилоят имконияти зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли сабзавот ва наздик кардани он ба меъёрҳои худтаъминкунии минтақавӣ мавҷуд аст.

Бо мақсади дуруст ҷойгиронӣ ва махсусгардонии соҳаи чорводорӣ зарур аст, ки сатҳи таъминоти аҳолиро бо маҳсулоти соҳа таҳлил намоем. Дар ояндаи миёнамуҳлат таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ беҳтар мегардад (ҷадв. 3.5.).

Ҷадвали 3.5. Дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015 - 2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	31	33,3	36,7	42,2	55,6
Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ	135,6	145,8	160,3	184,4	221,3
Воридот	34,8	37,4	41,2	47,3	59,8
Ҳамагӣ захираҳо	201,4	216,5	238,2	273,9	336,7
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хурока		0,0	0,0	0,0	0,0
Содирот	0,0667	0,1	0,1	0,1	0,1
Талафот	1	1,1	1,2	1,4	1,6
Фонди таъминоти шахсии аҳолӣ	169,4	182,1	200,3	230,4	281,7
Бақия дар охири давра	31,2	33,5	36,9	42,4	59,9
Ҳамагӣ истифода карда шуд	201,4	216,5	238,2	273,9	348,7
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	68,08	73,2	80,5	92,6	93,2
Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг	14,84	16,0	17,5	20,2	29,6
Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, %	79,62	85,6	94,2	96,7	98,2
Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг	18,64	20,0	22,0	25,3	30,4

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф*

Аз рӯи ҷадвали 3.5. метавон чунин хулоса кард:

1) Истеҳслои гушт ва маҳсулоти гуштӣ дар хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 нисбати соли 2015 35,6%, ҳаҷми захираҳои гуштӣ ва маҳсулоти гуштӣ 2,0 баробар зиёд гардидааст. Дар ин давра ҳаҷми воридоти гушт тамоюли камшавӣ дорад. Бояд кард, ки солҳои охир шумори чорвои гуштӣ, шумораи хоҷагиҳои ба парвариши чорво машғулбуда ва фабрикаҳои парандапарварӣ рӯ ба афзоиш оварда, корхонаҳои саноатии коркарди гӯшт банёд гардиданд ва сабаби афзоиши маҳсулоти гӯштӣ дар Тоҷикистон гардид.

2) Бо назардошти рушди соҳаи чорвои гуштӣ дар ҷумҳурӣ дар зарфи солҳои 2015 – 2022 махсусан саршумори чорвои гуштӣ, вазнзиёдкунии шабонарӯзӣ, беҳтар кардани зоти чорво ва такмили низоми хӯрокдиҳӣ, зиёд кардани раванди иноватсионӣ дар соҳаи чорвои гуштӣ ҳаҷми истеҳсоли гушт ва маҳсулоти гуштӣ дар солҳои 2040 ба 221,3 ҳазор тонна расонида мешавад, ки он нисбати соли 2025 – 55,5% ва нисбати ҳисоби миёнаи солҳои 2015 – 2022 – 67,2% афзоиш меёбад;

3) Дар соли 2040 тибқи дурнамои мо ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ ба 29,6 кг афзоиш меёбад. Ин нишондиҳанда ки нисбати соли 2025 - 85% ва нисбати солҳои 2015 – 2022 қариб 2,0 баробар ва истеъмоли он дар ин давра мувофиқан 52,0 % ва 63,1 % афзоиш менамояд. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани низоми идораи истифодаи самараноки захираҳои замину об, мустаҳкам кардани заминаи хӯроки чорво, беҳтар кардани зоти чорвои дар ихтиёри хоҷагиҳои шахсӣ буда, зиёд кардани саршумори чорвои гӯштӣ дар асоси зоотехникаи рушткунанда, дуруст ба роҳ мондани раванди такористеҳсоли саршумори чорво, дар минтақаҳои мувофиқ ҷойгир кардани саршумори зиёди чорвои гӯштӣ ва ширӣ имконияти аз нишондиҳандаи дар ҷадвал пешбинишуда зиёд истеҳсол кардани гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро ба вуҷуд меоранд.

Муносибатҳои байнисоҳавӣ яе аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёти комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва иқтисодиёти Тоҷикистон аст. Ин муносибатҳои шароити муайяни таъминотӣ, истеҳсолӣ ва фруши маҳсулотро

дар байни соҳаҳои гуногуни хоҷагиии халқ таъмин менамоянд. Аз ҷумла таносуби нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва саноати дар хоҷагии қишлоқ истеъмолшаванда. Ба мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳҳалӣ зарур аст, ки қарорҳои идоракуниро коркард намуда, онҳоро ба маҳдуд кардани нархи захираҳои энергия (қувваи барқ, сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ), инчунин нуриҳои маъданӣ ва машинаҳои хоҷагии қишлоқ равона созанд.

Барои дар ҳамаи зинаҳои идоракунии маҷмааи агросаноатӣ ба абзорҳои бозорӣ пурратар мутобиқ кардани истеҳсолоти кишоварзӣ ва дигар истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ дар корхонаҳои калону миёнаи соҳаи мазкур ва иттиҳодияҳои онҳо фаъолияти маркетингиро пурзур кардан лозим аст. Татбиқи фаъолияти маркетингии иттилоотӣ ва таҳлилӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои доимии шартномавиро дар асоси илмӣ пешгӯйӣ карда, хизмати сохторҳои миёнаравро кам карда, даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ зиёд карда шавад.

Тараққиёти пурсамари хоҷагии қишлоқ дар шароити бозор ва вазифаҳои ба миёномадаи мақсадноки рушди маҷмааи озуқавории кишвар барои ташаккули сохтори мутаносиби соҳавии хоҷагии қишлоқ дар самти ба вуҷуд овардани чунин таносуб, ки талаботи аҳолиро пурра қонеъ гардонад. Муносибати захиравӣ, ки мо дар боло пешниҳод кардем, асбоби басо муҳимест, ки барои таҳлили муқоисавии вариантҳои самараноки гуногуни истеҳсоли маҳсулот истифода мегарданд. Дар асоси истифодаи захираҳо иқтидори захираҳои замин, иқлим, захираҳои меҳнатӣ ва неруи иқтисодии хоҷагиҳо муайян карда мешавад.

Дар сатҳи макроиқтисодӣ вобаста аз рӯйи таъинот соҳаи комплекси агросаноатӣ ба ду зеркомплекси истеҳсолӣ ҷудо карда шудааст:

1) пахта - барои саноати нассоҷӣ;

2) хӯрокворӣ - барои қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ва қисман барои содирот.

Аз нуқтаи назари талаботи аҳолӣ ва саноати коркард, захираҳои замин дар байни зеркомплексҳои номбаршуда аз ҷиҳати тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва ҳам барои ба вуҷуд овардани заминаи озуқаворию асосӣ, қонеъ гардондани талаботи ҳозиразамон ба таври кофӣ асоснок донистан лозим аст. Аммо тавозуни мавҷудаи замину захираҳо дар айни замон ба номутаносибии байни талаботи рузафзуни иҷтимоӣ ва қафомонии қонеъ гардондани онҳо дар соҳаҳои маҷмааи озуқаворӣ дучор меояд. Бояд қайд кард, ки сабаби асосии ин пеш аз ҳама дараҷаи пасти шиддатнокиии истеҳсолот дар соҳаи пахтакорӣ аст. Инчунин ҳаҷми истеҳсоли ҳозираи зироатҳои сабзавотро дар солҳои наздик танҳо бо роҳи истифодаи агротехникаи пешқадам ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ тақрибан ду баробар зиёд кардан мумкин аст.

Ташаккули маҷмааи самарабахши хӯрокворӣ ба вазифаҳои ба таври маҷмаавӣ қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ пурра ҷавоб дода, барои мунтазам афзудани саҳми кишвар ба фонди истеҳсолии вилоят, инчунин афзоиши мунтазами хоҷагии қишлоқ заминаҳои боэътимод ба вуҷуд меоварад.

Истеҳсоли пахта ва коркарди он дар таҳқими сатҳи иқтисодии вилояти хатлон нақши муҳим иҷро менамояд, ки тақсимоти он аз сабаби маҳдуд будани замин аз рӯи тамоми соҳаҳои имконпазири кишт, ки дар ҷумҳурӣ, бидуни истисно мавҷуд аст, муайян карда мешавад, пахтакорӣ ҳамчун самти пешқадами қабулшудаи махсусгардонии истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Тағйироти калонтарин дар тавозуни захираҳои меҳнатӣ ва сохтори маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон метавонад дар натиҷаи ба таври интенсивӣ пеш рафтан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳӣ ба амал ояд, ки ба онҳо мавҷудияти миқдори зиёди заминҳои лалмии бесамар ва нисбатан меҳнатталаби соҳаҳои сердаромад хос аст. Ба ҳамин тариқ, тараққӣ додани токпарварии лалмӣ афзоиши ҳосилнокии меҳнатро назар ба истеҳсоли ғалла 5-6 баробар ва нисбат ба чорводорӣ -бештар аз 2 баробар таъмин мекунад.

Даромаднокии як гектар токзор аз маҳсулоти фурухташуда(мавиз) нисбат ба гӯшт - 11-15 баробар, шир - 8-11 баробар меафзояд.

Ҳангоми арзёбии соҳаҳои рақобатноки кишоварзӣ барои интихоби соҳаҳои пешқадам ва ба он вобаста дар минтақаи обёришавандаи кӯҳии вилояти Хатлон, бо назардошти хусусиятҳои зикршуда, муқоисаи чорводорӣ ва боғдорӣ ба охирин афзалият медиҳад.

Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти минтақаи обёришавандаи кӯҳистон ба ҳисоб меравад. Соҳаи картошкапаврағ дар самти муоисаи маҳсулнокии меҳнат аз истеҳсоли гӯшт дар сатҳи пастар қарор дошта бошад ҳам, даромаднокии соҳа аз даромаднокии соҳаи чорводории гӯшти 7 маротиба баландтар аст.

Баҳо додан ба иқтидори иқтисодии захираҳои замин дар самти ҳал намудани мушкилиҳои баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии зироатҳо ва рушди афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар асоси такмил додани технологияҳои нави обёрӣ, истифода бурдани маблағгузориҳои асосӣ барои азхуд намудани заминҳои бекорхобида, ки барои боғу токдорӣ пешбинӣ шудаанд, аҳамияти калон дорад. Ин заминҳо иқтидори калони доранд ва аз захираҳои замини ҳозира ва ояндаи якҷояи пахтакорӣ хеле зиёд мебошанд.

Ситруспарварӣ дар пешбурди иқтисодиёти вилояти Хатлон, махсусан дар самти содирот, нақши махсус мебозад. Нишондиҳандаҳои соҳаи ситруспарварӣ аз ҷиҳати ҳосилнокӣ аз ҳама соҳаҳо баланд буда, дар маҳдуд будани миқдори замин дар вилояти Хатлон сатҳи баланди даромаднокиро дорост.

Ба ҳамин тариқ, арзёбии соҳаҳои маҷмааи хурокворӣ, вобаста ба сатҳи даромаднокӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ҳосилнокии замин ва истифодаи он, барои таҳияи сиёсати дурусти ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дараҷаи интенсивии истеҳсолот, ки омили ҳосилнокии замин мебошад, барои муайян кардани стратегияҳои рушди кишоварзӣ ва такмили сохти соҳавии вай дар самти баланд бардоштани

ҳосилнокии замин бо истифодаи интенсивии меҳнат ва кам кардами захираҳои замини дар ин маврид истифодашаванда амал мекунад. Дар ноҳияҳое, ки корхонаҳои махсусгардондашуда қисми зиёди заминҳоро ишғол мекунанд, вазифаҳои аввалиндариҷаи онҳо афзоиши истеҳсолоти ба ҳар сар аҳолӣ ва баланд бардоштани даромаднокӣ мебошад.

Барои ҷамбаст кардани ҳаминро қайд менамоем, ки дар шароити кам будани миқдори заминҳои барои талаботи соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва афзоиши баланди захирҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон мушкилоти афзоиши самараи иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, боздеҳии бештари замин аз ҷиҳати маҳсулоти умумӣ ҳамчун омили асосии афзоиши нисбии ин нишондиҳандаҳо ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳали худро ёбад.

3.3. Таҳияи амсилаи дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ

Ба ҳар як корхонаи хоҷагии қишлоқ маҷмӯи соҳаҳои алоҳидаи зироатпарварӣ, боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ, парвариши зироатҳои техникӣ, ҷангалпарварӣ, чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ, моҳидорӣ, харгӯшпарварӣ хос аст, ки бо шароити табиию иқтисодиӣ то андозае асоснок карда мешаванд. Аммо, агар дар корхонаҳои гуногун соҳаҳои якхела тараққӣ кунанд ҳам, сохтори маҳсулоти фурӯхташуда як хел бошад ҳам, вале дар айни замон, нишондиҳандаҳои гуногуни самараи иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, умуман ва махсусан дар соҳаҳои асосӣ ба даст оварда мешаванд. Дар ин шароит ҳаҷми истеҳсолоти соҳаи асосӣ ба мадди аввал меистад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар тамоми ҷаҳон, иқлим тағйир меёбад, ки ба давомнокӣ ва хусусияти обу ҳаво дар ҳар фасли сол таъсир мерасонад. Инро таҳқиқоти тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқлим нишон медиҳад.

Таъсири тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди солҳои 1997-1998 ба муҳити экологии хок ва системаҳои экологии шароити муҳити атроф тағйирот ворид намуд.

Таъсири ҳарорати гармии мӯътадили мавсими сол, ки ба фасли баҳор хос аст, то чӣ дараҷа ба раванди сабзиш ва инкишофёбии узвҳои вегетативӣ ва генеративии зироатҳои кишорварзӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолати паст шудани ҳарорати гармии ҳавои атмосфера ва ҳарорати қабати хок дар ҷуқуриҳои то 30-35см, аз -1°С -8°С то 18-26°С то чӣ дараҷа ба муҳити экологии агросенозҳои кишоварзӣ таъсир расонида ба тағйирёбии хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии зироатҳои кишоварзӣ ва тавлидшавии моддаҳои органикӣ дар таркиби ҳуҷайраи таъсири худро расонида истодааст.

Дар ду даҳсолаи охир аз таъсири баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера дар муҳити агросенозҳои кишоварзӣ, ҳолатҳои бармаҳал хушкшавии системаи реша, поя, барг, гул, мева ва тухм дар зироатҳои ғалладонагӣ, лубиёгӣ ва дар зироатҳои сабзавотию полезӣ баназар расида истодааст.

Ҳамзамон дар баробари баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера ҳолати ҳолатҳои зиёдшавии рӯзҳои чангу ғуборолудагии ҳавои атмосфера дар экосистемаи кишоварзии вилояти Хатлон аз 3% ба 30% -35% зиёд гардида ба ҳолати паст шудани маҳсулнокии фотосинтезии зироатҳои гандум, ҷав, картошка, помидор, бодиринг, карам, себ, нок, ангур, зардолу, олу, ҷормағз, бодом, анҷир ба назар расид.

Бо таъсири баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера дар ноҳияҳои Ёвон, А.Ҷомӣ, Н.Хисрав, Ҷ.Рӯмӣ, Дӯстӣ, Шаҳритӯс, Ҷайҳун, Панҷ, Фархор, Восеъ, М.А.Ҳамадонӣ, Норак ҳолатҳои бармаҳал хушкшавии агросенозҳои зироатҳои ғалладонагӣ, лубиёгиҳо, сабзавотӣ, полезӣ, меваҷотӣ, мушоҳида гардида ба паст шудани устувории зироатҳои кишоварзӣ ба касалиҳои замбурӯғӣ, бактериявӣ, вирусӣ, оварда расонид.

Дар баробари баланд шудани ҳарорати гармии ҳавои атмосфера ҳолатҳои авҷ гирифтани камборишотӣ-хушксолӣ дар қисмати нояҳои ҷанубии вилояти Хатлон ба назар расид. Дар натиҷа ҳолатҳои бармаҳал хушк шудани қабати хок, паст шудани намнокии қабати хок аз меъёри табиӣ 22% -25%, тағйирёбии намнокии ҳавои атмосфера дар моҳҳои март (аз 78%-80% ба 55%-60%), апрел (аз 70%-75% ба 45%-50%), май (аз 65%-70% ба 35%-40%), октябр (аз 35%-45% ба 20%-25%), ноябр (аз 50%-65% то 22%-25%), ва декабр (аз 70%-80% ба 35%-40%), аз меъёри табиӣ паст гардид. Дар баробари паст шудани намнокии ҳавои атмосфера, таъсири афканишоти нури офтоб ба раванди маҳсулнокии фотосинтезӣ зироатҳои картошка, помидор, пахта, шолӣ, ҷуворимакка, гандум, ҷав, нахуд, наск, зағир, пиёз, сирпиёз, карам, бодиринг, сабзӣ, турб, шалғам, каду, тарбуз, харбуза, зардолу, шафтолу, олу, олуболу, олича, хурмо, анор, лиму, анҷир, бодом, ангур ва ба дигар зироатҳои хӯроки чорво, таъсири манфӣ расонида боиси паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ аз 45% то 85% мушоҳида мешвад.

Дар экосистемаҳои табиӣ ва кишоварзии вилояти Хатлон, ҳолати тағйир ёфтани таъсирбахшии биологӣ-экологии таъсиррасонии баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера ба равандҳои фенологии зироатҳои кишоварзӣ, бештар таъсири манфии худро расонида истодааст. Зеро дар баробари баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера, ҳолатҳои норасои об дар системаи фишори осмотикии реша, коҳишёбии фишори мӯътадили мубодилаи байни ҳуҷайрагии барги зироатҳои кишоварзӣ, коҳишёбии маҳсулнокии фотосинтези барг аз ҳисоби баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера аз +28^{0}C +31^{0}C ба +37^{0}C +42^0 ба назар мерасад. Дар натиҷа ҳолати тағйир ёфтани фаъолияти мӯътадили соати биологӣ аз 8соат -11 соат ба 4соат-6соат кам шуда, ба ҳодисаҳои физиологӣ ва биохимиявии зироатҳои кишоварзӣ, таъсири манфии худро расонида истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо баланд шудани ҳарорати гармии ҳавои атмосфера, ҳолатҳои тағйирёбии маҳсулнокии соатҳои биологӣ дар марҳилаҳои сабзиш ва

инкишофёбии зироатҳои кишоварзӣ, таъсири манфии худро бештар расонида ба равандҳои физиологии ҳуҷайраи растанӣ, таъсири манфии худро расонид, ки дар натиҷа ҳолати коҳиш ёфтани равандҳои ташаккулёбии биомассаи сабзи зироатҳои кишоварзӣ аз 55% то 75% кам ва ҳосилшавии биомассаи хушки зироатҳои кишоварзӣ бошад аз 45% то 65%, кам шудааст.

Бо таъсири шиддатнокшавии равандҳои гармшавии иқлим, хушксолӣ, тағйирёбии ҳолати табиӣ-экологии ҳавои атмосфера, системаи экологии хок, таркиби биологӣ –экологии об, дар чор фасли сол тағйиротҳо ба назар расида ба талафёбии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуда истодааст, ки ин ҳолат ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вилояти Хатлон таъсири манфии худро расонида ба баланд гардидани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ аз 65% то 90% мушоҳида мешавад.

Мувофиқи таҳлилҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аз таъсири идоманокии тағйирёбии иқлим, муҳити агросенозҳо ва сохтори онҳо дар моҳҳои феврвл-октябр тағйир ёфта ба талафёбии зиёда аз 65% то 85% маҳсулоти меваҷотӣ, 55% то 75% маҳсулоти сабзавотӣ, 45% то 65% маҳсулоти ғалладонагӣ, 65% то 76% маҳсулоти полезӣ ва 45% то 70% маҳсулоти техникӣ дар экосистемаи кишоварзӣ оварда расонидааст. Тағйирёбии иқлим низ дар як муддати кутоҳ тавонист ба сохтор ва структураи агроландшафтҳо таъсири зиёди манфӣ расонид, ки боиси 2-3 маротиба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ гардид.

Бо таъсири фаъолшавии рӯзҳои хушк-камборишотӣ ва сардҳои хушк, инчунин баландшавии ҳарорати гармӣ дар моҳҳои май то октябр дар ноҳияҳои Ёвон, А.Ҷомӣ, Н.Хисрав, Ҷ.Рӯмӣ, Дӯстӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Фархор, Восеъ, М.А.Ҳамадонӣ, Норак ҳолати бармаҳал хушкшавии зироатҳои кишоварзӣ ва чарогоҳҳо ба амал омад, ки ба паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва сифатнокии маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонид.

Дар баробари зиёдшавии ҳолати ғуборолудагии ҳавои атмосфера ҳолати баландшавии ҳарорати гармии таркиби хок ва муҳити агросенозҳо низ

мушоҳида шуд. Таъсири ҳолати зиёдшавии рӯзҳои ғуборолудагии ҳавои атмосфера ба ташаккулёбии системаи реша, поя, навда, барги зироатҳои ғалладонагиҳо, сабзавотӣ, полезӣ, меваҷотӣ, ситрусӣ зарар расонида ба ҳолати кам ҳосил шудани моддаҳои органикӣ оварда расонидааст.

Дар равандҳои фаъолшавии тағйирёбии иқлим дар моҳҳои март-май ҳолатҳои ба амал омадани хатарҳои пӯсиши реша ҳангоми баландшавии ҳарорати гармии муътадили +20°С то +28°С ба +37 °С то +44°С барои авҷ гирифтани касалиҳои замбӯруғӣ ва вирусӣ мусоидат намуда истодааст, ки дар натиҷа ҳолати пусиши дон, мева ва решаи зироатҳои кишоварзӣ нисбати солҳои 1980-2010, аз 5 то 7 маротиба зиёд ба назар мерасад.

Мувофиқи мушоҳидаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аз таъсири камборишотӣ ва кам захира шудани намӣ дар қабати хок, ҳолатҳои сахтшавии хок ва тағйирёбии сохтори механикии хок, ба назар расида истодааст.

Аз таъсири зиёдшавии ҳолатҳои ғуборолудагии ҳавои атмосфера дар марҳилаҳои сабзиши зироатҳои кишоварзӣ, ҳолатҳои суст инкишоф ёфтани ҳуҷайраҳои сабзи барги растанӣ, масоҳати барги он, ҷогиршавии баргҳо, бармаҳал хушкшавии баргҳои қабати болоии зироатҳои кишоварзӣ, қабати мобайнии суроби дарахтони мевадиҳанда ва зироатҳои яксолаи кишоварзӣ пурра мушоҳида карда мешавад. Мувофиқи таҷрибаҳои гузаронида шуда, маълум гардид, ки таъсири ғуборолудагии ҳавои атмосфера дар 5 соли охир бо шиддат аз 24 соат ба 72 соат зиёд ба назар мерасад. Дар баробари зиёдшавии равандҳои ғуборолудагии ҳавои атмосфера, ҳолати дигари табиӣ, яъне камборишотӣ ва идоманокии боришоти минималӣ, оптималӣ ва максималӣ дар марҳилаи майсаронӣ ва панҷазани зироатҳои ғалладонагӣ, аз 5% ба 35%-40% ба назар расида ба ҳолатҳои паст шудани марҳилаҳои инкишофёбии системаи решаи зироати гандум, ҷав, арзан, сулӣ, пиёз, сирпиёз, картошка, помидор, бодиринг, боимҷон, карам, зироатҳои луюбиёгӣ, полезӣ, ба назар мерасад.

Барои сабзишу инкишофёбии зироатҳои кишоварзӣ, ҳарорати оптималӣ аз +10°С +28°С то 31°С. хос аст. Аммо бо баланд гардидани ҳарорати ҳавои атмосфера ба +18 +35°С дар давраи панҷазанӣ ва буғумронӣ зироатҳои кишоварзӣ, ҳолатҳои норасои намӣ ва ташаккулёбии маводи ғизоӣ дар системаи реша ва барги зироатҳои ғалладонагӣ мушоҳида мегардад.

Дар баробари зиёд гардидани рӯзҳои камбориштӣ, ҳолати авҷ гирифтани рӯзҳои баландшавии ҳарорати гармии ҳавои атмосфера ва ҳарорати гармии қабати хок дар минтақаҳои ноҳияҳои вилоятҳои Хатлон, Суғд, МКБ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, зиёд гардида ба ҳолати баландшавии ҳарорати гармӣ муҳити экологии зироатҳои кишоварзӣ оварда расонидааст.

Мувофиқи мушоҳидаҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар фаслҳои зимистони солҳои 2019-2024 ҳолатҳои афзудани сардиҳои хушки шабона ба системаи инкишофёбии буғумронии поя ва устувории пояи гандум ба хобнарафтан дар рӯи замин, тағйир ёфта ҳолати зиёд хобравии қисми рӯйизаминии зироати гандум, ҷав дар давраи гулкунӣ ва баъди гулкунӣ мушоҳида гардид, ки ин ҳолат ба ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагиҳо таъсири манфии худро расонида, боиси то 50-60% паст шудани ҳосилнокии зироатҳои гандум ва биомассаи сабзи зироатҳои ғалладонагӣ гардидааст.

Тағйирёбии ҳарорати гармӣ ва ҳарорати сардӣ дар марҳилаҳои сабзиш ва инкишофёбии зироатҳои ғалладонагӣ, лубиёгиҳо, сабзавотӣ, полезӣ, меваҷотӣ, бештар таъсири манфии худро расонида истодааст. Мувофиқи тачрибаҳои гузаронидашудаи солҳои 2019-2023, аз таъсири пасту баландшавии ҳарорати оптималӣ ва максималии муҳити хок ва ҳавои атмосфера ҳолати тағйирёбии ташаккулёбии моддаҳои органикӣ дар барги зироатҳои ғалладонагӣ, сабзавотӣ, полезӣ, меваҷотӣ, ситрусӣ ва тақсимоти моддаҳо дар узвҳои вегетативӣ ва генеративӣ дар фазаҳои майсаронӣ, панҷазанӣ, буғумронӣ ва гулкунӣ, ширадавонӣ ва пазиши мева, ба назар расида истодааст.

Таҷрибаи илмӣ нишон дод, ки аз таъсири баландшавии ҳароратии гармии ҳавои атмосфера ва пасту баландшавии сардиҳои хушк, муҳити экологии агросенозҳо тағйир ёфта ба тавозуни мӯътадилии ҳарорати оптималӣ, минималӣ ва максималии шабонарӯзӣ, ҳолати инкишофёбии баргҳои зироатҳои кишоварзӣ ва қобилияти ҷойгирии ҳар як барг, хуша ва дон, вазни дон ва миқдори мева, вазни он, андозаи он, таъсири манфӣ расонида ба тағйирёбии хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии маводҳои ғизои зироатҳои кишоварзӣ, оварда расонидааст. Ҳамзамон, аз таъсири вазишҳои шамолҳои сард ва хушк, ҳолати тағйирёбии ҳарорати оптималии гармӣ дар давраи майсаронӣ боиси тағйирёбии барг ва сатҳи барг хуб ба назар расид, ки ин ҳолат ба инкишофёбии узвҳои генеративӣ таъсири манфии худро пурра расонид. Дар ҳолати мӯътадилии ҳарорати оптималӣ ва максималии ҳарорати гармӣ ва намнокӣ, ба инкишофёбии барг, хуша ва дони гандум шароити хуби ташаккулёбӣ фароҳам гардида, устувории гандумро ба хобравӣ ва норасои намӣ дар давраи баъди гулкунӣ таъмин намуд.

Вилояти Хатлон дар доманаи ҷанубии водии Ҳисору Олой ҷойгир буда, қисми зиёди масоҳати онро кӯҳсор ташкил медиҳад ва танҳо 7 фоизашро водиҳои ҳамвори кӯҳӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо марказҳои маъмурӣ ва минтақаҳои аҳолинишин воқеъ гардида бештар ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Мавқеи ҷуғрофии вилоят, мавҷудияти қаторкуҳҳои васеъ, дур будан аз баҳрҳо ва уқёнусҳо дар ландшафтҳо ва шароитҳои иқлимӣ тафовути калон ба вуҷуд меоваранд. Иқлими вилояти Хатлон континенталӣ мебошад. Аз сабаби ҷойгиршавӣ дар ҷануб ва фаровонии нури офтоб давомнокии умумии рӯзҳои бебориш ба 2500-3200 соат дар як сол мерасад. Давомнокии давраи гармӣ 250 - 310 рӯз аст. Захираи калони гармӣ (бо ҳарорати аз 100 боло, ҷамъшавӣ 4500^0C -5800^0C) имкон медиҳад, ки навъҳои гуногуни зироатҳои гармипазир ва чорво парвариш карда шаванд.

Иқлими вилоят гуногун буда, аз ҳам хушктарин ноҳияҳо дар минтақаи дарёи Кофарниҳон ҷойгиранд. Боришоти солона аз 150 то 290 мм-ро ташкил

мекунад. То баландии 1200 м аз сатҳи баҳр дар 90 фоизи давраи зимистон қабати барф устувор нест ва дар баъзе солҳо он тамоман мавҷуд нест. Ҳарорати миёнаи солона дар вилоят 16,1^{0}С аст ва зимистон асосан нарм буда, сардиҳои кам дорад.

Ҳамин тариқ, ҳоло тағйирёбии иқлим ба он оварда расонд, ки шароити обу ҳаво дар тобистон ва зимистон тағйирёбанда гардидааст. Масалан, дар фасли зимистон дар ноҳияҳои водии ҷумҳурӣ сармои сахт ва дар тобистон - гармии ғайримуқаррариро интизор шудан мумкин аст.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки дар пасманзари гармшавии глобалӣ низоми обу ҳаво номутаносиб шуда, ҳаво торафт тағйирёбанда мегардад. Таҳқиқоти ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар вилояти Хатлон, махсусан дар солҳои 2022-2023, идомаи афзоиши онро нишон дод. Дар моҳҳои июли соли 2022 ва 2023 давраи ғайримуқаррарӣ тӯлонӣ сурат гирифт, ки ҳарорати ҳадди аксари ҳаво 10-12 рӯз паи ҳам аз 40^0 боло буд. Ин солҳо дар тамоми давра гармтарин солҳо буданд. Ҳарорати миёнаи солона дар соли 2023 2,8^0 аз меъёр зиёд буд.

Диаграммаи 3.1. - Ҳарорати миёнасолонаи ҳаво дар вилояти Хатлон дар солҳои 1961-2023.

Сарчашма: *маълумотҳои Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Таҳлили диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки аз соли 1961 то инҷониб ҳарорати ҳаво рӯ ба гармшавӣ дорад, ҳарчанд солҳое мавҷуданд, ки ҳарорати ҳаво аз меъёри муқаррай каме паст буд. Барои дақиқ муайян намудани тағйирёбии иқлим мо ҳарорати миёнасолонаи ҳаворо дар дигараммаи навбатӣ таҳлил менамоем.

Диаграммаи 3.2. - Ҳарорати миёна солонаи ҳаво дар вилояти Хатлон
Сарчашма: *маълумотҳои Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар маҷмӯъ, дар давраи солҳои 2019-2023 ҳарорати ҳаво дар тамоми моҳҳо аз меъёр зиёд буд. Баландшавии ҳарорати солона аз ҳисоби афзоиши фаъоли он дар моҳҳои феврал-март ба амал меояд (диаграммаи 3.3.).



Диаграммаи 3.3. - Ҳарорати миёнаи ҳармоҳаи ҳаво дар вилояти Хатлон
Сарчашма: *маълумотҳои Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар вилояти Хатлон боришот манбаи асосии намии табиӣ мебошад. Аз сабаби кам будани боришот дар давраи гармо танҳо боришҳои зимистонию баҳорӣ захираи намии сермаҳсулро таъмин мекунанд. Захираи намӣ дар аввали баҳор хуб аст. Моҳи апрел дар водии Вахш аломатҳои хушкшавии замин пайдо мешаванд. Аз ҳама солҳои хушксолтарин дар давраи таҳқиқот солҳои 2021 ва 2023 буданд, ки камтар аз нисфи меъёри солонаи боришот кам шудааст.



Диаграммаи 3.4. - Динамикаи тағйирёбии ҷамъшавии солонаи боришот

Сарчашма: *маълумотҳои Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Бо назардошти суръати тағйирёбии иқлим, барои бисёр намуди зироатҳо ва чорво ба шароити нав ба қадри кофӣ зуд мутобиқ шудан ғайриимкон мегардад. Инчунин обшавии пиряхҳо вазъиятро боз ҳам бадтар мекунад.

Барои асоснок кардани ҳаҷми оқилонаи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва воҳидҳои истеҳсолии он якчанд усулҳо истифода мешаванд: оморию иқтисодӣ, монограмӣ, лоиҳакашию конструкторӣ, иқтисодию риёзӣ ва ғайра.

Дар ҷадвали 3.6. амсилаи иқтисодӣ ва риёзии таҳлили истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон то соли 2035 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.6. - Амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2025 – 2035 (ҳазор тонна).

Солхо	Ғалладона ва лӯбиёӣ		Пахта		Картошка		Сабзавот	
	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо
2018	822,6		178,8		216,5		1198,3	
2019	870,3		266,8		222,9		1259,0	
2020	985,3		277,2		193,1		1469,8	
2021	1032,7		270,0		213,8		1548,1	
2022	1115,6		273,2		224,5		1644,8	
2023	1086,2		229,1		227,3		1788,2	
2024	1182,5		235,8		229,7		1915,9	
2025		1241,2		237,8		232,5		2036,8
2026		1300,0		239,9		235,4		2157,6
2027		1358,7		241,9		238,2		2278,5
2028		1417,5		244,0		241,1		2399,3
2029		1476,2		246,1		244,0		2520,1
2030		1535,0		248,1		246,8		2641,0
2031		1593,7		250,2		249,7		2761,8
2032		1652,5		252,2		252,6		2882,7
2033		1711,2		254,3		255,4		3003,5
2034		1770,0		256,4		258,3		3124,3
2035		1828,7		258,4		261,1		3245,2

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .135,152,162,167*

Чи тавре аз ҷадвали 3.6. дида мешавад, рушди истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагии вилояти Хатлон тамоюли устувори болоравиро дорад. Аз рӯи ҳисобҳои корелиятсионӣ бо истифода аз функсияи хаттӣ барои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ формулаҳои зерин истифода шудаанд:

1. Ғалладона ва лубиёӣ; $y = 0{,}0295x^2 - 59{,}057x$, $R^2 = 0{,}9124$ (3.1)
2. Пахта; $y = 0{,}0037x^2 - 7{,}276x$, $R^2 = 0{,}1326$ (3.2)
3. Картошка; $y = 0{,}0013x^3 - 5{,}1423x^2 + 5194x$, $R^2 = 0{,}433$ (3.3)
4. Сабзавот; $y = 0{,}0588x^2 - 118{,}1x$, $R^2 = 0{,}9815$. (3.4).

Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки тамоюли доимии баландшавии ҳарорати ҳаво, ҳам дар як сол ва ҳам дар як моҳ, идома дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии ҳарорати ҳаво идома дорад. Тамоюли

бештари афзоиш дар моҳҳои феврал-март мушоҳида мешавад, ки бинобар ин, микдори боришот (барф) кам мешавад. Дар пасманзари идомаи тамоюли болоравии ҳарорати ҳаво ва кам шудани миқдори боришот барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои тамоми Осиёи Марказӣ, оқибати шадидтарини тағйирёбии иқлим хушксолӣ мебошад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Обшавии пиряхҳо дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво ва коҳишёбии ҷамъшавии захираи барф барои барқароркунии пиряхҳо боиси тағйир ёфтани реҷаи гидрологии обҳои рӯизаминӣ мегардад.

Сатҳи об дар обанборҳо аз ҳисоби дар ҳарорати баланд бухоршавии босуръати об паст мешавад. Обшавии пиряхҳо боиси кам шудани захираи об мегардад. Дар баробари баланд шудани ҳарорат, миқдори талаботи растаниҳо ба об зиёд мешавад.



Диаграммаи 3.5. -Динамикаи рушди истеҳсоли намудҳои асоссии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз.тонна).

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .135,152,162,167*

Таҳлили дурнамои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки коэффитсиенти коррелиатсиони барои ғалладона ва лубиёӣ - $R^2 = 0,9124$ (ё 91,24%), пахта - $R^2 = 0,1326$ (ё 13,26%), картошка - $R^2 =$

0,433 (ё 43,3%) ва сабзавот - R^2 = 0,9815 (ё 98,15%) – ро ташкил медиҳад. Аз байни намудҳои асосии зироатҳо сабзавот тамоюли хеле баландро дорад, ки 98,15 %-ро ташкил медиҳад. Аз ҳама тамоюли пасти болоравӣ дар пахтакорӣ дида мешавад, ки ин 13,26% - ро ташкил медиҳад.

Соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон қариб 31%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти соҳаи чорводории вилояти Хатлон дар ҷадвали 3.7. амсилаи иқтисодӣ ва риёзии он то соли 2035 оварда шудааст.

Аз рӯи ҳисобҳои корелиятсионӣ бо истифода аз функсияи хаттӣ барои истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ се намуди онро интихоб намудем:

1. Истеҳсоли гӯшт; $y = 0{,}0083x^2 - 16{,}765x$ $R^2 = 0{,}9489$ (3.5)
2. Истеҳсоли шир; $y = 0{,}0081x^2 - 16{,}109x$ $R^2 = 0{,}9689$ (3.6)
3. Истеҳсоли тухм; $y = 0{,}0055x^2 - 11{,}08x$ $R^2 = 0{,}9875$ (3.7)

Ҷадвали 3.7. - Амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2025 – 2035 (ҳазор тонна)

Солҳо	Истеҳсоли гӯшт		Истеҳсоли шир		Истеҳсоли тухм (млн.дон.)	
	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо
2018	148,0		487,3		78,9	
2019	155,9		500,9		85,3	
2020	172,4		515,2		102,7	
2021	185,8		530,0		108,6	
2022	201,3		542,9		121,9	
2023	236,7		575,5		134,1	
2024	250,2		585,7		147,8	
2025		267,9		602,6		155,2
2026		285,6		619,6		170,9
2027		303,2		636,6		178,2
2028		320,9		653,6		194,0
2029		338,6		670,6		201,3
2030		356,3		687,6		217,1
2031		374,0		704,6		224,4
2032		391,7		721,6		240,2
2033		409,4		738,6		247,5
2034		427,1		755,6		263,2
2035		444,8		772,6		270,6

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .282, 286, 290*

Диаграммаи 3.6. - Динамикаи рушди истеҳсоли намудҳои асоссии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз.тонна)



Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .282, 286, 290*

Аз нишондиҳандаҳои бадастомадаи истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вобаста ба зиёд шудани фабрикаҳои парандапарварӣ дар минтақа ва дастгири ёфтани соҳаи парандапарварӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва тухми паранда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли тухм тамоюли хело баланд дорад, ки коэффитсиенти коррелиатсиони он R^2 = 0,9875(ё 98,75%), мебошад. Коэффитсиенти коррелиатсионии истеҳсоли гӯшт R^2 = 0,9489 (ё 94,89%) ва истеҳсоли шир R^2 = 0,9689 (ё 96,89%) – ро ташкил медиҳад. Дар истеҳсоли ин намуди маҳсулоти чорво низ тамоюлҳои назаррас дида мешавад.

Дар асосии истифодаи амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, ки дар ҷадвали 3.6 ва диаграммаи 3.4 оварда шудааст, дар асоси тавсияҳои пешниҳоднамуда дар хоҷагии “Эмомалӣ Раҳмон”-и ноҳияи Панҷ чунин натиҷаҳоро хоҷагӣ ба даст овард.

Ҷадвали 3.8.- Таҳлили самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ дар солҳои 2020-2023

Номгӯйи маҳсулот	Солҳо				Соли 2023 нисбати соли 2020, +,-
	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ, масоҳати майдони киштҳ					
Гандум	761	593	586	595	-166
Пахта	650	700	730	736	86
Сабзавот	12	16	22	18	6
Картошка	6	120	88	84	78
Ҳосилнокӣ, с/га					
Гандум	35	37	40	41	6
Пахта	22	17,1	26	27,4	5,4
Сабзавот	250	270	276	281	31
Картошка	280	139	236	229	-51
Хароҷоти умумӣ, ҳазор сомонӣ					
Гандум	6861,2	5788,0	6244,4	6552,4	-308,8
Пахта	6224,7	5297,9	8495,4	8931,7	2707
Сабзавот	672,0	1000,1	1472,4	1243,3	571,3
Картошка	495,2	5190,8	6508,7	6043,9	5548,7
Фоидаи соф, ҳазор сомонӣ					
Гандум	2221,3	2022,9	2217,4	2571,2	349,9
Пахта	1125,4	1201,8	2209,3	2220,3	1094,9
Сабзавот	363,0	576,7	689,2	618,1	255,1
Картошка	139,8	1297,7	1632,4	1554,3	1414,5
Дараҷаи даромаднокӣ,%					
Гандум	32,4	34,9	26,2	39,2	6,8
Пахта	18,1	22,7	20,6	24,9	6,8
Сабзавот	54,0	57,7	31,9	49,7	-4,3
Картошка	28,2	25	20,1	25,7	-2,5

Сарчашма: *Ҳисоботи солонаи кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ, барои солҳои 2020-2023 ва ҳисобкуниҳои муаллиф*

Тавре ки аз таҳлили маълумоти ҷадвали 3.8. бар меояд, масоҳати умумии майдони кишти гандум ва алафҳои бисёрсола дар кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ дар 4 соли таҳлили аз 761 гектар гандум дар соли 2020 то ба 595 гектар дар соли 2023 кам гардидааст, ки нисбат ба 2020-ум 166 гектар кам буда, масоҳати кишти алафҳои бисёрсола низ дар ин давра аз 39 гектар ба 32 гектар расонида шудааст, ки 17,9 фоиз кам мебошад. Сабаби асосии кам намудани масоҳати майдони кишти гандум ва майдони алафҳои бисёрсола дар хоҷагӣ, пеш аз ҳама дар зиёд намудани масоҳати майдони кишти пахта ва зироатҳои сабзавотӣ арзёбӣ мегардад. Ин тамоюл дар масоҳати кишти дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ баръакс буда, аз 13 фоизи майдони пахта то ба 15 фоизи масоҳати майдони кишти сабзавот зиёд

гардидааст, ки дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нақши муассир дорад.

Агар ҳосилнокии зироатҳои дар хоҷагӣ парваришшавандаро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас маълум мегардад, ки ҳосилнокии зироатҳои полизӣ ва картошка мутаносибан 48 ва 51 сентнер кам гардидааст, ки роҳбарияти хоҷагӣ ин равандро пеш аз ҳама дар тағйирёбии иқлим ва пайдо шудани ҳар гуна касалӣ ва ҳашаротҳои зараррасон маънидод менамоянд. Ин нишондиҳанда дар боқимонда зироатҳои парваришёбанда зиёд гардида, аз 5,4 сентнери пахта то ба 31 сентнер сабзавот афзоиш ёфтааст, ки ба ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири худро мерасонад.

Новобаста аз зиёд шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзии дар хоҷагӣ парваришшаванда хароҷоти умумиистеҳсолӣ низ афзоиш ёфтааст. Агар соли 2020 хароҷоти умумиистеҳсолии хоҷагӣ, дар умум 15202,9 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023-ум 23664,3 ҳазор сомониро ташкил намудааст, ки 155,7 ҳазор сомонӣ ва ё 55,6 фоиз зиёд мебошад. Сабаби асосии зиёд гардидани харочоти истеҳсолӣ, пеш аз ҳама аз таъсири омилҳои берунаи хоҷагидорӣ, яъне ҳамасола беқурбшавии асъори миллӣ вобастагии калон дорад. Новобаста аз ҳар гуна омилҳои дохила ва беруна хоҷагӣ тавонистааст фоида ва дараҷаи даромаднокии баландро аз ҳисоби парвариши ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ ба даст орад.

Ҳамин тавр, дар кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ баланд шудани ҳосилнокӣ аз ҳар 1 гектар замин боиси зиёд гардидани фоидаи соф аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва дараҷаи баланди даромаднокӣ гардид. Аз ин лиҳоз, чунин хулоса бароварда мешавад, ки хоҷагӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама бояд ба маҷмуи низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ диққати махсус дода, барои бартараф намудани омилҳои мусбии таъсиррасон ба низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешад.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

1. Дар асоси омӯзиши адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ маълум гардид, ки зарурияти дар даҳсолаҳои охир тартиб додани нақшаҳои дурнамои ҷойгиркунӣ асосан бо усулҳои иқтисодию риёзӣ ва машинаҳои ҳисоббарор ба амал бароварда мешавад. Тибқи ақидаи мо барои ҳалли он ду самт - иерархӣ ва системавӣ мавҷуд аст. Дар асоси омӯзиши монографияҳо ва мақолаҳои илмии муаллифони мухталиф принсипҳои самаранокии оптималикунонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз нав гурӯҳбанди карда шуда ба низоми муайян дароварда шуданд. Баҳогузорӣ карда шуд, ки ба беҳтар намудани имкониятҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан дар шароити шидатгирифтаи рақобати бозорӣ ва дигаргуниҳои иқтисодиёт, тағйирёбии ҳосилнокии таркиби хок, гармшавии иқлим, муносибати навро дар ташкили низоми идоракунӣ, аз ҷумла тавассути азнавкунии раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ, имкониятҳои захиравӣ, таъминоти инноватсионӣ ва сармоягузориро талаб мекунад.

2. Барои дар асоси илмӣ ташкил кардани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти дар шароити диверсификатсияи истҳсолоти кишоварзӣ, методологияи баҳодиҳии он асоснок ва такмил дода шуд. Истифодаи маълумоти тағйирёбанда дар шароити ноҳияҳои иқтисодӣ ва табиӣ бо назардошти сифати хок ва таъмини боришот имкон медиҳад, ки ҳисоби коэффитсиентҳои техникӣ-иқтисодӣ барои матритсаҳои вазифаҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

3. Таҳлили таҷрибаҳои хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ин мамлакатҳо дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ бо дарназардошти гармшавии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ пешниҳод шудаанд. Дар асоси омӯзиши ҳолати ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии

истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Япония, Федератсияи Россия, Қирғизистон, Узбекистон Казоқистон ба мо имкон дод, ки истифодаи усулҳои нави ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолӣ, сиёсати нархӣ ва содиротию воридотӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Дар амал ҷорӣ намудани таҷрибаи молистеҳсолкунандагони гуногун имкон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ самтҳои дурусти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок карда шаванд ва сатҳи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ баланд бардошта шавад.

4. Дар таҳқиқот пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми баҳо додани ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ муайян намудани ҳамбастагии омилҳои таъсиррасон зарур аст. Дар ин самт таҳқиқот бурда мо омилҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудем: 1) табиӣ-иқлимӣ, 2) иқтисодӣ, 3) демографӣ-иҷтимоӣ, 4) ташкилӣ, 5) экологӣ. Аз тамоми маҷмуи меъёрҳои оптималӣ вазифаҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ меъёри сохторе, ки меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки сарфи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва структураи ашёи хоми хоҷагии қишлоқро барои саноати коркарди маҳсулот инъикос менамояд, қобили қабултарин мебошад.

5. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ нишондиҳандаҳои махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуданд. Нақшаи дарозмуҳлати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд ва он имконият медиҳад, ки бо нарасидани захираҳои моддию пулӣ захираҳои дар хоҷагии қишлоқ мавҷудбуда (замин, меҳнат ва ғайра) ба таври оптималӣ истифода бурда,

барои таъмин намудани аҳолии вилоят бо озуқаворӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд.

6. Дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардониии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба диверсификатсияи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро асоснок намуда, ояндабинии ҷойгиркунии истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон муайян карда шуданд. Самаранокии нақшаи пешниҳодшудаи тақсимот ва махсусгардонии хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон оид ба истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба меъёри аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмол ва ба ҳар сар аҳолӣ аз ҳисоби афзоиши ғалладона 8,8 фоиз, картошка 2,6 фоиз, шир 3,0 фоиз ва гӯшти чорвои калон 6,8 фоиз зиёд таъмин карда мешавад. Гузаронидани ҳисобу китоби дурустии муносибати пешниҳодшударо ба ҳалли масъалаҳои оптималигардонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят тасдиқ намуд ва ба мо имконият дод, ки ин муносибатро барои гузарондани ҳисобу китоб дар сатҳи ҳама гуна минтақаҳо тавсия кунем.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар дурнамои миёнамуҳлат афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон тавассути такмил додани ҳолати ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии ташкили истеҳсолот дар амал татбиқ карда шавад. Инчунин, истифодаи пурраи иқтидори агроиқлимии ҳар як гектар замин бо мақсади таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ зарур мебошад. Дар ин замина вобаста ба дигаргуншавии иқлим ва дар шароити шиддатгирифтаи рақобат дар бозори маҳсулоти истеъмолӣ дар асоси принсипҳои ҷогйиркунӣ ва оптималикунонӣ раванди ташкили истеҳсолот ба роҳ монда шавад.

2. Бо дарназардошти гуногунии шароити иқлимӣ, истеҳсолоти минтақавӣ ва иқтидори инфиродии захиравии истеҳсолкунандагони мол самти муҳими ноил шудан ба ташаккул, рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ, беҳсозии ҷойгиршавӣ ва сохтори кишоварзӣ мебошад. Истеҳсолот мувофиқи меъёри фоидаи максималӣ аз рӯйи сенарияҳои гуногуни маблағгузорӣ ба навоварӣ

мебошад. Ин масъаларо мо бояд истифода аз модели таҳияшудаи барномасозии хаттии иқтисодӣ-риёзӣ ҳал намоем. Тавсифи пурраи он бо низоми маҳдудиятҳо ва муодилаҳои тавозунӣ ифода карда шуда, ба таври муфассал дар диссертатсия оварда шудаанд. Аз ҷониби муаллиф методологии баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва таносуби тақсимоти меҳнат ва талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ муайян карда шудааст.

3. Дар кишварҳои соҳаи кишоварзиашон рушдёфта, дастгирии доимии давлат ба соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешавад. Бо сабаби дастгирии доимии давлат молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба натиҷаҳои хуби истеҳсолӣ, молиявӣ ноил гардидаанд. Мавриди омӯзиш қарор додани шаклҳои кунунии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ дар ин кишварҳо, новобаста аз шароитҳои гуногуни иқтисодию табиӣ метавонанд барои соҳаи кишварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид бошанд ва таъсири мусбӣ расонанд. Дар асоси омӯзиши ҳолати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои рушдкардаи хориҷӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ, сиёсати навӣ, нархӣ ва содиротию воридотиро пешниҳод менамоем. Пешниҳод менамоем, ки истифодаи усулҳои дастгирии давлатӣ ба монанди субсидиякунонии истеҳсол, суғуртакунонии ҳосил, сиёсати нархӣ ва содиротию воридотӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ бо таври васеъ истифода карда шаванд.

4. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба тағйирёбии иқлим, махсусан гармшавии иқлим пешниҳод карда шудааст. Пешниҳод менамоем, ки навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ (зироатҳои ғалладонагӣ, гандуми тирамоҳӣ – Орлеан (2008), Сомонӣ (2008), Краснодар-99 (2014), Ваҳдат (2015), Меҳргон (2019), Ҳайдарӣ (2021), ҷав– Меҳан (2018), шолӣ – Саразм (2011), картошка – Файзобод (2013), Ғончи (2017), Баҳромӣ (2020), ва ғ.), ба тағйирёбии иқлим

тобоваранда (махсусан, камобталабӣ будани зироат, дар ҷойҳои хушк новобаста ба кам будани намӣ рушдкунанда, дар шароити баландкӯҳ ҳосилдиҳанда) зотҳои нави чорво, ки маҳсули баланд медиҳанд ва вобаста ба минтақаҳои кишвар тобоваранда ворид карда шавад. Дар асоси ин нақшаи нави ҷойгиркунии онҳо тартиб дода шавад, ки барои рушди таъмин намудани аҳолии вилояти Хатлон бо маҳсулоти озуқаворӣ ва корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд.

5. Маълум аст, ки ҷойгиркунии истеҳсолот ва махсусгардонии он механизми муҳими баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ин рӯ, нақшаи дарозмуҳлати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Нақшаи пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки бо нарасидани захираҳои моддию пулӣ захираҳои дар хоҷагии қишлоқ мавҷудбуда (замин, меҳнат ва ғайра) ба таври оптималӣ истифода бурда, барои таъмин намудани аҳолии вилоят бо озуқаворӣ ва корхонаҳои коркарди саноати маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ нишондиҳандаҳои махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пешниҳод карда шуданд.

